**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ МОЛИЯ ВА ИҚТИСОДИ ТОҶИКИСТОН**

ВБД: 331.52 (575.3)
ТКБ: 65.011.72
Ш – 49

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ШЕРАЛИИ САЙДАЛӢ**

# ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИНДУСТРИАЛӢ-ИННОВАТСИОНӢ

**(дар мисоли вилояти Хатлон)**

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси
5.2.14. – Иқтисодиёти меҳнат ва демография

**Роҳбари илмӣ:**
Қурбонов Абдулхайр Каримович
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор

**Душанбе – 2026**

## МУНДАРИҶА

НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ................................ 3
МУҚАДДИМА ........................................................................................ 4
**БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ ИНДУСТРИАЛӢ–ИННОВАТСИОНӢ**
1.1. Моҳияти бозори меҳнат ва идоракунии он ....................................... 15
1.2. Усулҳо ва намудҳои идоракунии бозори меҳнат .............................. 36
1.3. Таҷрибаи хориҷии идоракунии бозори меҳнат ва истифодаи он дар иқтисоди миллӣ ......................................................................................... 51
**БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ ИНДУСТРИАЛӢ–ИННОВАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**
2.1. Ҳолати муосири раванди идоракунии бозори меҳнат.......................70
2.2. Таҳлили бозори меҳнат дар шароити норасоии ҷойҳои корӣ .......... 90
2.3. Арзёбии омилҳо дар бозори меҳнат ва таъсири он ба бозори минтақа.............................................................................................................. 103
**БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМ ВА ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИНДУСТРИАЛӢ–ИННОВАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**
3.1. Механизми танзими давлатии бозори меҳнат ва такмилдиҳии он ......................................................................................... 121
3.2. Коркарди консепсияи бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ .................................................................... 137
3.3. Такмили механизми идоракунии бозори меҳнати минтақа дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ........................................................ 153
**ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОД** ................................................................ 171
**РУЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА** ........................................... 179

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

| | | |
|---|---|---|
| ҶТ | – | Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СУС | – | Созмони Умумиҷаҳонии Савдо |
| КМ ҶТ | – | Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ИМА | – | Иёлоти Мутаҳидаи Амрико |
| ИДМ | – | Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил |
| ММД | – | Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ |
| МММ | – | Маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ |
| СМР | – | Стратегияи миллии рушд |
| КОА | – | Комиссияи олии аттестатсионӣ |
| IT | – | Технологияҳои иттилоотӣ |
| % | – | Фоиз |
| ҳаз. | – | Ҳазор |
| млн. | – | Миллион |
| млрд. | – | Миллиард |

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Мушкилоти бозори меҳнат масъалаи марказии сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ дар сатҳи давлат ба ҳисоб рафта, он манфиатҳои захираи меҳнатии корфармоён ва мушкилоти иҷтимоию иқтисодиро дар худ таҷассум мекунад. Маҳз он раванди муносибатҳои меҳнатӣ, пешрафти бозори меҳнат ва устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро дар шароити иқтисоди бозорӣ таъмин менамояд.

Бо дарназардошти шароиту имкониятҳои минтақаи Хатлон ва хусусиятҳои хоси рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии он, бозори меҳнати минтақавиро бояд дар заминаи индустриалӣ-инноватсионӣ рушд дод. Ба талаботи бозори меҳнат мутобиқ намудани малакаи мутахассисон, ҳалли мушкилоти номувозинатии бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва умуман, бозори меҳнат масъалаҳои асосии муносибатҳои низоми иқтисодӣ мебошанд. Аз байн бурдани вобастагии шуғли аҳолии қобили меҳнати минтақа аз вазъи бозори меҳнати кишварҳои хориҷӣ, аз ҷумла Федератсияи Россия ва дигар давлатҳои Аврупо, бунёди бозори меҳнати рақобатпазири ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ дар сатҳи вилоят ҷавобгӯйбуда масъалаҳое мебошанд, ки ҳалли онҳо метавонад ҷиҳати такмили механизми идоракунии бозори меҳнат мусоидат намояд.

Дар шароити кунунӣ бо сабаби вобаста будани на танҳо давлатҳо, инчунин минтақаҳо ба иқтисодиёти ҷаҳонӣ, омилҳои гуногун метавонанд ба рушди онҳо таъсир расонанд. «Бозори меҳнат низ чун унсури калидии низоми иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ аз таъсири омилҳои мазкур дар канор буда наметавонад. Дар ҳоле ки захираҳои меҳнатӣ тамоюли мунтазами афзоишёбӣ (синну соли миёнаи аҳолии қобили меҳнат дар вилояти Хатлон – 1,5%)» [18] ва ҷойҳои корӣ суръати ноустувори зиёдшавӣ доранд, яке аз мушкилотҳои асосии бозори меҳнати вилояти Хатлон барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ маҳсуб меёбад. «Илова бар ин, талаботи нокифояи соҳаҳои иқтисодӣ (ба истиснои соҳаи кишоварзӣ) ба қувваи корӣ ва дар шароити деҳот ҳаёт ба сар бурдани зиёда аз 80-82%-и аҳолии вилоят аз

номутавозунии талаботу таклифоти бозори меҳнат шаҳодат медиҳад»[10, с.10].

Таҳлили илмии бозори меҳнати кишвар дар санадҳои меъёрӣ, аз қабили Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 дарҷ гардидааст: «....афзалиятҳои ҳар як минтақа дар асоси иқтидорҳои мавҷуда, вазъи бамиёномада дар бозори меҳнат ва хусусиятҳои хоси рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва демографӣ, имкониятҳои воқеии амалисозии вазифаҳои аввалиндараҷа барои оянда миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат бояд муайян карда шаванд» [15, с.39].

Бозори меҳнат барои рушди дигар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ нақши калидӣ дорад. «Бозори меҳнати вилояти Хатлон дорои мушкилоти номутавозинии талаботу таклифоти қувваи корӣ (таъминоти шуғли танҳо 21-24%-и аҳолии синни қобили меҳнат), номувофиқии талабот вобаста ба ҳайати кадрӣ ва тахассусмандӣ мебошад» [10, с.161].

Вобаста ба ҳолатҳои ҷойдошта, яке аз афзалиятҳои асосии сиёсати иқтисодии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар самти танзими бозори меҳнат татбиқи механизми мукаммали идоракунии он дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ маҳсуб меёбад. Нуктаҳои зикршуда мубрам будани таҳқиқи механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ тасдиқ мекунанд, аз ин рӯ, дар интихоби мавзуи таҳқиқот шакку шубҳа вуҷуд надорад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Таҳқиқи мушкилоти заминавии бозори меҳнат ва шуғл дар таълифоти илмии асосгузорони ғояҳои иқтисодии хориҷӣ, ба монанди А. Маршалл [60], А. Пигу [64], А. Смит [32], Д. Гэлбрейт [45], Д. Майзелман [88], Д. Рикардо [66], Д.С. Милл [61], Ж.Б. Сэй [72], К. Бруннер [157], К. Маркс [56], М. Фелдстайн [78], М. Фридман [81], П. Самуэлсон [70], Р. Гордон [87], Р. Коуз [54], Р. Холл [82], С. Фишер [80], Т. Веблен [44], У. Ростоу [67], Ф. Энгелс [58], Ҷ.М. Кейнс [48] дида мешавад. Масъалаҳои вобаста ба идоракунии бозори меҳнати минтақавӣ дар корҳои

илмии олимони Россия, ба монанди Н.С. Шашин [153], Н.В. Попова [29], Г.К. Николский [132], М.В. Туленков [143], В.Б. Супян [173], А.В. Владимирова [99] зери таҳлилу омӯзиш қарор дода шудаанд. Бунёди бозори меҳнат, мушкилот ва рушди фаъолияти он дар корҳои илмии олимону иқтисодчиёни ватанӣ: А.А. Мирзоалиев [126], А.К. Қурбонов [117], Г.Ғ. Саломова [172], Д.А. Ҳодиев [152], Д.М. Набиева [170], Д.С. Амонова [160], И.С. Шамсов [177], М. Нурмаҳмадов [136], Р.М. Бобоҷонов [96], Р.У. Улмасов [74], С.Ҷ. Комилов [51], С.Ҷ. Мутиева [168], Т.Б. Ғаниев [100], Т.Д. Низомова [131], Т.Р. Ризоқулов [137], Т.Ҷ. Усмонова [146], Ф.М. Васиев [163], Х.У. Умаров [144], Ҳ.Н. Фақиров [175], Ш.Б. Ҷонмамадов [165], Ю.Р. Юсуфбеков [155] ва дигарон низ мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муқаррарот ва нишондодҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҳамоҳанг буда, бахри ноил гардидан ба нишондиҳандаҳои стратегияи мазкур дар самти вусъатбахшии шуғли пурмаҳсул ва мусоидат намудан ба таъмини шуғли аҳолии вилояти Хатлон анҷом дода мешавад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** коркарди асосҳои назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили унсурҳои механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади мушаххасгардида моро водор намуд, ки чунин вазифаҳои илмӣ гузошта шаванд:

– таҳияи асосҳои методию назариявии таҳқиқи бозори меҳнат, усулҳои идоракунии он, таҳқиқи таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии минтақавии бозори меҳнат ва ошкоркунии имкониятҳои татбиқи он дар вилояти Хатлон;

– таҳқиқи ҳолати муосир ва таҳлили бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити рушди индустриалӣ-инноватсионӣ ва арзёбии нишондиҳандаҳои ҳаракати захираҳои меҳнатӣ бо нишон додани омилҳои ба

онҳо таъсиррасон дар бозори меҳнати вилояти Хатлон;

– муайян ва пешниҳоди самтҳои афзалиятноки танзими давлатии бозори меҳнати вилояти Хатлон, ки ба таъмини шуғли аҳолӣ ва коҳишёбии бекорӣ мусоидат менамоянд;

– такмили механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ.

**Объекти таҳқиқотро** бозори меҳнати вилояти Хатлон ва маҷмуи муносибатҳои меҳнатӣ ва иҷтимоию иқтисодии дар фаъолияти он бавуҷудоянда ташкил медиҳанд.

**Мавзуи таҳқиқот** низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон мебошад.

**Фарзияи таҳқиқот** аз он иборат мебошад, ки такмили асосҳои методии идоракунӣ, устувории танзими давлатӣ ва мутобиқнамоии фаъолияти бозори меҳнати вилояти Хатлон ба шароити кунунӣ барои такмили механизми идоракунии он мусоидат мекунад.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Ба ҳайси заминаҳои назариявӣ дар таҳқиқоти мазкур осори бунёдии олимони маъруфи гузаштаю муосир, консепсияҳои мактабҳои мухталифи иқтисодӣ оид ба бозори меҳнат, шарҳу тафсири дар асноди расмӣ оид ба он ироагардида, монографияҳои илмии марбут ба механизми идоракунии бозори мазкур ва дар умум, консепсияи танзими давлатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ баромад карданд.

Асосҳои методологии таҳқиқот дар он зоҳир мегарданд, ки дар ҷараёни таҳқиқот аз методҳои гуногуни илмӣ, вобаста ба мувофиқи мақсад ва қобили мулоҳиза будани истифодаи онҳо дар мавқеъҳои мухталиф, аз қабили абстраксияи мантиқӣ, методи индуксия ва дедуксия, таҳлилҳои омилӣ, қаторҳои динамикӣ, таҳлилҳои муқоисавӣ, экстраполятсия, методҳои оморию риёзӣ ба кор бурда шуданд.

**Сарчашмаи маълумот.** Маълумоти дар диссертатсия истифодашударо Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии амалкунандаи Ҷумҳурии

Тоҷикистон оид ба бозори меҳнат, барномаҳои давлатии рушди бозори меҳнат, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи идоракунии рушди маҳал дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, маҷмуаҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Портали миллии ҷойҳои кории холӣ ташкил медиҳанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи кафедраи менеҷменти Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон дар давоми солҳои 2020-2025 анҷом дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқотро** асосноккунии ҷанбаҳои назариявию методӣ ва тавсияҳои амалӣ оид ба такмили унсурҳои механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити маҳдудияти ҷойҳои корӣ ташкил медиҳад.

Ба сифати бандҳое, ки унсурҳои навгонии илмӣ доранд ва мавқеи махсуси муаллифро дарҷ мекунанд, инҳо пешниҳод шуданд:

– бандубасти таърифи муаллифии «бозори меҳнат» ҳамчун категорияи иқтисодӣ, ки он ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣ дар худ таҷассумкунандаи танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини мувозинати талаботу таклифот бо ҳаракати қувваи корӣ ва муносибатҳои ба он алоқамандро дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ фаро мегирад. Идоракунӣ ва хусусиятҳои он ҳамчун омили рушди бозори меҳнат муайян ва ошкор карда шуда, роҳҳои идоракунии мустақим, ғайримустақим ва шакли чорсатҳаи идоракунии бозори меҳнат ошкор ва пешниҳод карда шудааст. Ба ақидаи мо, барои ташкили ҷойҳои корӣ, вобаста ба ҳувияти миллӣ ва анъанаи мардум, рушд додани ҳунарҳои мардумӣ, ки он устувории молиявии хоҷагиҳои хонаводагиро таъмин мекунад, ба роҳ монда шавад. Рушд додани сайёҳӣ ва инфрасохтори он дар идоракунии бозори меҳнат бояд номгӯйи таркиби талаботро ба қувваи корӣ дарбаргиранда бошад;

– ҳолати муосири идоракунии бозори меҳнат дар соҳаҳои иқтисодӣ нишон дод, ки ҳоло ҳам қувваи корӣ дар бозори меҳнат то ба дараҷае рақобатпазир набуда, дар бозори меҳнати вилояти Хатлон мушкилоти асосӣ ин барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ ва номувофиқии таклифот ва талабот ҷой дорад. Бо рушди иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ, ки соҳаҳои нави фаъолият мебошад, замина, таҳсилот, касбомӯзӣ ва такмили тахассуси ба он мувофиқ пайдо шуда, идоракунии ин равандро метавонанд таъмин намоянд. Динамикаи афзояндаи бошуғлтаъминшавии аҳолӣ дар вилоят дар натиҷаи таҳлили SWOT маълум гардида, дар заминаи арзёбии омилҳои ба бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсиррасон ошкор карда шуд, ки макроомилҳо тавассути тамоили рушди иқтисоди миллӣ ба бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсир расонида, мезоомилҳо ба воситаи иқтисодиёти сатҳи минтақавӣ метавонанд ба он таъсир ва мусоидат намояд, таъсири микроомилҳо низ муайян карда шуд. Низоми омилҳо, ба мисли омилҳои молиявию иқтисодӣ, сиёсию ҳуқуқӣ, табиию ҷуғрофӣ муайян карда шуда, шарҳи муаллифии он дар чорчӯбаи рушди индустриалӣ–инноватсонӣ пешниҳод карда шудааст. Дар баробари ин, омилҳои таъсири манфирасонанда ба бозори меҳнати вилоят муайян карда шуданд, ки бартарафсозии онҳо метавонад мувозинати идоракунии бозори меҳнатро таъмин намояд;

– муайян карда шуд, ки дастгирӣ ва такмили механизми давлатии бозори меҳнат ва самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ мусоидат намудан ба шуғли аҳолии вилояти Хатлон, таъмин, бунёд, татбиқ, пешгирӣ, муттаҳид, ҳамкорӣ ва ҳамоҳангсозиро дар бар мегирад. Танзими дусатҳаи бозори меҳнати вилояти Хатлон дар чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионӣ пешниҳод карда шуд. Консепсияи муаллифӣ оид ба афзалиятҳо ва норасогиҳои муносибатҳои субъектҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ тартиб дода шуда, бо унсурҳояш пешниҳод карда шудааст, инчунин  як қатор хусусиятҳои хоси шуғл ва бекорӣ, ба мисли сифат, ҳудуд, суръат, таносуб, шакли нав, норасоӣ ва

мушкилот асоснок карда, нишон дода шудаанд. Неруи инноватсионии меҳнатии вилоят дар муҳити дохилию берунӣ ва роҳҳои ташаккулу мукаммалгардонии он дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ пешниҳод карда шудааст.

– такмили механизми калидӣ ва идоракунии бозори меҳнати мамлакат ва минтақаҳо, инчунин самти стратегии такмили он низ бо шарҳи муаллифӣ пешниҳод карда шудааст. Ба ақидаи муаллиф, механизми фаъоли бозори меҳнати вилояти Хатлон бояд марҳилаи бунёд ва рушдро гузарад. Ошкор гардид, ки дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ механизми болозикри бозори меҳнат замоне таъмин мегардад, ки агар баробари пешрафти фаъолияти инноватсионӣ сатҳу сифати неруи кадрӣ, қобилияти зеҳнии онҳо баланд бардошта шаванд. Унсурҳои таркибии механизм ва роҳҳои идоракунии захираҳои меҳнатии бозори меҳнат  пешниҳод карда шуданд. Амсилаи ташаккулёбӣ ва такмили механизми низоми идоракунӣ дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ асоснок карда шудааст.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

– консепсияи муаллифие пешниҳод шудааст, ки тибқи он идоракунии ҳамаҷонибаи бозори меҳнат дар иқтисоди индустриалию инноватсионӣ як системаи бисёрқабата ва бисёромилае мебошад, ки пеш аз ҳама ба таъмини тавозуни тақозо ва арзаи қувваи корӣ дар бозори мазкур такя мекунад ва ҳамчун унсурҳои пурракунанда, бо назардошти хусусиятҳои хоси бозори меҳнати дохилӣ, рушди ҳунарҳои анъанавии миллӣ ва сайёҳиро барои ташкили ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани устувории молиявии хонаводаҳо ва рушди устувори иқтисодиро дар бар мегирад.

– исбот гардидааст, ки таҳияи системаи идоракунии бозори меҳнати минтақавӣ дар асоси тасниф, ошкоркунии омилҳои мусоидаткунанда ва безараргардонии омилҳои манфии бо таҳлили SWOT муайяншуда ва мутобиқ гардонидани инфрасохтори таълимӣ ба ниёзҳои иқтисоди индустриалию инноватсионӣ механизми калидӣ барои ноил шудан ба тавозуни байни тақозо

ва арза ва баланд бардоштани рақобатпазирии захираҳои меҳнатӣ дар минтақа мебошад.

– маълум гардидааст, ки шарти асосии бартарафсозии номутавозунӣ дар бозори меҳнат ва таъмини рушди устувор ва мутавозини он дар шароити дигаргунсозиҳои индустриалию инноватсионии иқтисодиёт асосноккунии назариявӣ-методологӣ ва татбиқи амалии низоми дуқабатаи танзими бозори меҳнат мебошад, ки механизмҳои дастгирии давлатии шуғл ва идоракунии иқтидори инноватсионии меҳнатро дар сатҳи минтақавӣ муттаҳид мекунад.

– модели консептуалӣ ва механизми фаъоли идоракунии бозори меҳнат таҳия ва пешниҳод карда шудааст, ки ба баланд бардоштани сифати иқтидори кадрӣ ва иқтидори зеҳнии захираҳои меҳнатӣ нигаронида шуда, ҳамчун шарти императивӣ барои бавуҷудой ва шаклгирии иқтисоди инноватсионӣ ва таъмини рушди муносиб ва устувори иҷтимоию иқтисодӣ ҳам дар сатҳи макро ва ҳам мезо баромад мекунад.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти назариявии таҳқиқот дар он дида мешавад, ки ҷанбаҳои назариявии таҳқиқоти диссертатсионӣ барои рушди назарияи идоракунии бозори меҳнат ва устуворгардонии заминаҳои назариявӣ-методии низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон мусоидат менамояд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот аз он иборат аст, ки хулосаю пешниҳодот ва тавсияҳои амалии дар диссертатсия овардашуда, барои такмили механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон, бо роҳи ҷорӣ намудани онҳо дар барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ имкони истифодабарӣ доранд. Ба инобат гирифтани пешниҳодҳои муаллиф аз ҷониби Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон имкон медиҳад, то самаранокии фаъолияти бозори меҳнати он таъмин карда шавад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар натиҷаи гузаронидани таҷрибаҳо ба даст омада, бо дақиқии маълумот, кифоягии маводи таҳқиқот, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, нашри натиҷаҳои

таҳқиқоти диссертатсионӣ дар нашрияҳои тақризшаванда тасдиқ мегардад. Хулосаю тавсияҳо ба таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариви ва таҷрибавӣ асос меёбанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Таҳқиқот бо Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти ҶТ мутобиқ гардонида шудааст. Объект, предмет ва навгониҳои диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 5.2.14.– Иқтисодиёти меҳнат ва демография мувофиқат мекунанд: 1. Асосҳои назариявӣ ва методологии иқтисодиёти меҳнат; назария ва консепсияҳои рушди муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ (назарияи шуғл, бозори меҳнат, идоракунии кормандон ва ғайра); 2. Захираҳои меҳнатӣ ҳамчун омили муҳимми рушди иқтисодӣ ва самаранокии иқтисодию иҷтимоии он; 6. Бозори меҳнат: сохтор ва бахшҳои он; шуғли аҳолӣ, бекорӣ (намуд ва шаклҳои асосӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ); 20. Таҷрибаи хориҷии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва дурнамои истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Ҳамаи давраҳои иҷроиши нақшаи кори илмӣ, таҳияи мавзуъ, асосноккунӣ ва мубрамияти он, мақсади гузошташуда ва иҷрои вазифаҳо аз ҷониби муаллиф мустақилона ба анҷом расонида шудаанд. Муаллиф дар заминаи омӯзиши асосҳои назариявию методӣ ва таҷрибаи ватанию хориҷӣ низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро омӯхта, роҳҳои такмили механизми идоракунии онро таҳия намудааст. Натиҷаҳои таҳқиқот дар шакли хулоса ва пешниҳодҳо дар мақолаҳои илмии муаллифи диссертатсия оварда шудаанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ аз тарафи муаллиф дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ, дохилидонишгоҳии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, мизҳои мудаввар ва семинарҳои илмӣ (солҳои 2021-2025) борҳо муҳокима ва эътироф карда шудаанд. Тавсияҳои назариявӣ-методӣ ва амалии дар диссертатсия ҷойдошта, дар рафти таълим дар

Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон аз фанҳои «Иқтисоди миллӣ», «Иқтисодиёти минтақавӣ», «Бозори меҳнат», «Шуғли аҳолӣ ва муҳоҷирати меҳнатӣ», «Иқтисодиёт ва иҷтимоиёти меҳнат» ва «Таҳлили нишондиҳандаҳои меҳнатӣ» мавриди истифода қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ба Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон барои истифода пешниҳод шудаанд ва санад оид ба татбиқи онҳо мавҷуд аст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Муқаррароту натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 12 мақолаи илмии муаллиф, аз ҷумла 8 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшаванда нашр гардидаанд. Ҳаҷми умумии корҳои илмии чопгардидаи муаллиф оид ба мавзуи диссертатсия 4,5 ҷ.ч.-ро ташкил медиҳад.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 9 зербоб, хулосаву пешниҳодҳои илмӣ ва тавсияҳои амалӣ, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат аст. Диссертатсия 200 саҳифаи матни компютериро дар бар гирифта, аз 26 ҷадвал, 15 расм, 3 диаграмма ва феҳристи адабиёти истифодашуда бо шумораи 177 адад иборат аст.

## ҚИСМИ АСОСИИ ТАҲҚИҚОТ

**Дар муқаддимаи** таҳқиқот мубрамии мавзуи таҳқиқшуда, дараҷаи коркарди илмии мушкилоти омӯхташуда, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ муайян ва асоснок карда шудаанд.

**Дар қисми «Тавсифи умумии таҳқиқот»** мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот, объект, мавзуъ ва фарзияи таҳқиқот, асосҳои назариявию методологӣ ва сарчашмаи иттилоотию пойгоҳии таҳқиқот, навгонии илмии таҳқиқот ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявию амалӣ ва дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби

дарёфти дарачаи илмӣ, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия асоснок ва пешниҳод гардидаанд.

**Дар боби аввал – «Асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ»** таҳаввулоти назариявии бозори меҳнат таҳқиқ шуда, моҳияти идоракунии он муайян гардидааст, асосҳои методию хусусиятҳои идоракунии бозори меҳнат аз мавқеи такмилдиҳии он таҳқиқ карда шуда, шароиту имкониятҳои роҳандозии таҷрибаи хориҷии идоракунии бозори меҳнат дар вилояти Хатлон муайян ва ошкор гардидаанд.

**Дар боби дуюм – «Ҳолати муосири идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионии вилояти Хатлон»** вазъи кунунии бозори меҳнати вилояти Хатлон таҳқиқ гардида, тамоюлҳои рушди иҷтимоию иқтисодии он дар шароити норасоии ҷойҳои корӣ таҳлил карда шудааст ва омилҳои муайянкунандаи самаранокии фаъолияти бозори меҳнат муайян, ошкор ва арзёбӣ гардидаанд.

**Дар боби сеюм – «Такмили механизми танзим ва идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионии вилояти Хатлон»** такмили самтҳои алоҳидаи танзими давлатии бозори меҳнати вилоят ба роҳ монда шуда, заминаҳо ҷиҳати коркарди консепсияи бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ муайяну ошкор гардидаанд ва барои такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ тавсияҳо коркард ва пешниҳод шудаанд.

**Дар қисмати хулоса ва пешниҳодот** натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва пешниҳодҳои мушаххас оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо муайян ва асоснок гардидаанд.

# БОБИ I. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИИ ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР НИЗОМИ ИҚТИСОДИЁТИ ИНДУСТРИАЛӢ–ИННОВАТСИОНӢ

## 1.1. Моҳияти бозори меҳнат ва идоракунии он

Рушди устувор ва босамари иқтисодиёт аз ҳолат ва динамикаи рушди бозори меҳнат вобастагӣ дорад. Бозори меҳнат унсури калидии низоми иқтисодӣ маҳсуб ёфта, тамоюли рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт аз он вобастагии зиёд дорад. Масъалаи идоракунии бозори меҳнат бо назардошти рушди босуботи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ мубрам дониста мешавад. «Бозори меҳнат соҳаи ташаккули талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ мебошад, ки дар доираи фазои муайяни иқтисодӣ муносибатҳои мутақобилаи байни корфармоён ва кормандонро оид ба мубодилаи ихтисос, дониш, маҳорат, қобилият ва салоҳиятнокӣ ба музди меҳнат муайян менамояд» [8]. Талабот ва пешниҳоди қувваи корӣ, ки вобаста ба шароит ва таъсири низоми омилҳои таъсиррасон тағйирпазир мебошанд, бинобар ин, ҷараёни дигаргуншавии ин паҳлуҳои бозори меҳнат аз мавқеи муносибгардонӣ дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ зарурат ба идоракунӣ доранд.

«Бозори меҳнат – ин низоми динамикие мебошад, ки дар худ маҷмуи муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро вобаста ба шароитҳои кироякорӣ, истифодаи қувваи корӣ ва мубодилаи он ба воситаҳои ҳаётӣ, амали механизми худтатбиқкунӣ, механизми талабот ва таклифоти қувваи корӣ ва фаъолияти он дар асоси иттилоот, нархи меҳнат (музди меҳнат) ва тағйироти онро дар бар мегирад» [63, С.87]. Аз ин ҷо бармеояд, ки бозори меҳнат ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣ танзими муносибатҳои меҳнатӣ, таъмини мувозинати талаботу таклифот ба ҳаракати қувваи корӣ ва муносибатҳои ба он алоқамандро дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ фаро мегирад. Бозори меҳнати вилоят ва ё шаҳру ноҳия бошад, низомеро дар назар дорад, ки муносибатҳои алоҳидаи ҳуқуқӣ, сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии байни талаботу таклифоти қувваи кории муайянро дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ дар худ пурра таҷассум менамояд.

Корҳои илмии олимони соҳа аслан ба омӯзиши мушкилоти рушди

бозори меҳнат, таъмини шуғли аҳолӣ, омодакунии мутахассисони ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат дар чорчӯбаи муносибатҳои бозорӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд. Ба ақидаи А.Смит, «... дар шароити бозор ва рақобати озод дасти ноаён тавозунро дар ҷомеа таъмин мекунад, яъне агар талабот ва пешниҳод мувозинат дошта бошанд, пас шуғли пурра таъмин карда мешавад. Унсури муҳими иқтисоди ҷаҳонӣ ва миллӣ ин бозори меҳнат мебошад, зеро ки дар ин ҷо яке аз фишанги рушддиҳандаи иқтисодӣ хариду фурӯш мегардад. Дар қатори дигар предметҳои иқтисодӣ, меҳнат шакли ягона дорад ва дар ин ҷабҳа нодиртарин унсур маҳсуб меёбад» [32].

Аммо масъалаҳои марбут ба идоракунии бозори меҳнат дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ то кунун ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд, ки ҳолати мазкур барои рушди устувори бозори меҳнат монеа эҷод менамояд. Вобаста ба ин, таҳқиқи асосҳои назариявии идоракунии бозори меҳнат бо мақсади дарёфти роҳу усулҳои алтернативии идоракунӣ дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ муҳим ва айни замон мубрам дониста мешавад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ объекти идоракунӣ худи бозори меҳнат мебошад. Субъектҳои идоракунӣ бошанд, ташкилот ва муассисаҳое мебошанд, ки амалҳои мақсаднокро дар самти рушди бозори меҳнат пиёда мегардонанд. Чораҳои идоракунӣ дар бозори меҳнат бо роҳҳои гуногун амалӣ карда мешаванд, аз ҷумла идоракунии иқтисодии бозори меҳнат, идоракунии меъёрӣ–ҳуқуқӣ, ташкилӣ-маъмурӣ ва иҷтимоӣ. Иқтисодшиносон К.Х. Абдурахманов, Ю.Г. Одегов, Г.Г. Руденко қайд менамояд, ки «методҳои муосири таҳқиқи бозори меҳнат ҳамон вақт самаранок мегардад, ки натиҷаи он дар намуди фишанги рушди иқтисодӣ зоҳир гардад» [38].

Дар шароити кунунии иқтисодиёти бозорӣ идоракунии бозори меҳнат мазмуни нисбатан навро ба худ касб кардааст. Аз ҷумла, маҳдудияти шакли идоракунии маъмурии бозори меҳнат, мураккабгардии объекти идоракунӣ (фаъолгардии шуғли пурмаҳсул, рушди шуғли аҳолӣ дар шароити хона, яъне шуғли оилавӣ, меҳнати инфиродӣ, бастани шартномаҳои иҷтимоӣ бо

намояндагони гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ). Навкунии заминаҳои илмию методии корҳо бо захираҳои меҳнатӣ дар шакли меҳнати пурмаҳсул дар заминаи истифодаи технологияҳои хурд ва калони индустриалӣ-инноватсионӣ ба роҳ монда мешавад.

Моҳияти идоракунии бозори меҳнат дар шароити муосир дар он ифода меёбад, ки чараёни идоракунӣ, дар баробари таъмини шуғл ва мубориза бо бекорӣ, шароити мусоиди мутобиқгардии кормандонро бо тағйироти иқтисодӣ бояд фароҳам орад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки чараёнҳои идоракунии бозори меҳнат бо назардошти дигаргуншавиҳои шароити индустриалӣ–инноватсионӣ мунтазам такмил дода шаванд.

Самараи идоракунии бозори меҳнат ба рушди индустриалӣ–инноватсионии иқтисодиёт манфиатнок буда метавонад, агар ҳолатҳои зерин таъмин карда шаванд: а) таъмини сифатии қувваи корӣ, ки талаботи бозори меҳнати муосирро қонеъ карда метавонад; б) таъмини баробарии манфиатҳои кормандон ва корфармоён дар самти истифодабарии шаклҳои гуногуни меҳнати чандирӣ, аз ҷумла меҳнати ғайристандартӣ; в) таъмини назорати фарогир аз болои иҷрои қонунгузории меҳнатӣ; г) таъмини шуғли пурраи аҳолӣ ва самаранокии он.

Ҷараёнҳои идоракунӣ рушди бозори меҳнатро таъмин карда метавонанд, агар онҳо барои таъсиси ҷойҳои корӣ, танзими босамари қувваи корӣ, кафолати давлатии шуғли ҳамаи шаҳрвандони кишвар, ҷорӣ намудани сиёсати фаъоли мубориза бо бекорӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии бекорон мусоидат намоянд, пас дар ҳамин асос шуғли пурмаҳсули меҳнатро дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ таъмин карда метавонанд. Аз нуқтаҳои зикршуда бармеояд, ки фаъолияти босамари идоракунӣ рушди бозори меҳнатро на танҳо аз ҳисоби нишондиҳандаи коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ, инчунин бо роҳи бунёди намуди аз ҷиҳати амсилавӣ мукаммали фарогирӣ бо шуғл таъмин менамояд.

Дар натиҷаи омӯзиши адабиёти илмӣ ва нуқтаи назари олимон-иқтисодчиён перомуни бозори меҳнат ва идоракунии он ба мо маълум гардид, ки идоракунии бозори меҳнат ин амали созанда ва мақсадноки

субъектҳои идоракунанда мебошад, ки бо мақсади рушди бозори мазкур аз болои объекти идорашаванда пиёда гардонида мешавад.

Аз нигоҳи мо, моҳияти идоракунии бозори меҳнат дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ дар он ифода меёбад, ки татбиқи чораҳои идоракунӣ як қатор натиҷаҳои мусбатро метавонад ба бор орад, аз ҷумла: таъмини бозтавлиди босамари қувваи корӣ; маҳдуд намудани нобаробарии байни талабот ва таклифот дар бозори меҳнат; истифодаи босамари қувваи корӣ; таъмини шуғл ва коҳишёбии бекорӣ; сатҳи баланди қаноатмандии корфармоён ва кироягирон; омодакунии кадрҳо дар мувофиқа бо талаботи рақобатпазирии бозори меҳнат дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ дар чорчӯбаи амалисозии шуғли пурмаҳсули меҳнат.

Ҷараёни идоракунии бозори меҳнат як қатор марҳилаҳоро дар бар мегирад, ки муҳимтарини онҳо – таҳлили имкониятҳои бозорӣ ва талабот ба қувваи корӣ; бандҳои бозори меҳнат; интихоби бандҳои алоҳида ва мақсаднок; ба инобат гирифтани қувваи корӣ дар ҳар як банди сохтори таркибӣ идорашаванда маҳсуб меёбанд.

Натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи сарчашмаҳои адабиёти илмӣ ва таълимӣ нишон дод, ки идоракунии бозори меҳнат, ба ақидаи мо, ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ метавонад дар ду раванд, яъне аз як тараф, зернизоми танзими бозори меҳнат ва аз дигар тараф, ҳамчун зернизоми идоракунии соҳаи алоҳидаи иқтисодиёти миллӣ баромад мекунад. Вобаста ба нуқтаҳои зикршуда, идоракунии бозори меҳнат масъалаи мубрам дониста мешавад.

Ба сифати объекти идоракунии бозори меҳнат дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ худи бозори меҳнат баромад мекунад, ки дар рафти татбиқи чораҳои идоракунӣ мушкилоти вобаста ба ташаккулёбӣ ва баландбардории самаранокии фаъолияти бозори меҳнат дар ҳамин чорчӯба мувофиқан ҳаллу фасл карда мешавад. Моҳияти идоракунии бозори меҳнат дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ бошад, ҳамчун намуди асосии фаъолият дар он дида мешавад, ки амалкардҳо ба самти ноилгардӣ ба

мақсадҳои дар назди иқтисодиёти мамлакат гузошташуда равона карда мешаванд.

Дар амал идоракунии бозори меҳнат дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ бо мақсади таъсиси ҷойҳои корӣ, таъмини шуғли аҳолӣ, таъмини мувозинати талаботу таклифот дар бозори меҳнат амалӣ карда мешавад. Нисбати масъалаи таъсиси ҷойҳои корӣ ва ҳалли мушкилоти бекорӣ Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 қайд намуданд, ки: «Мо ба масъалаи таъсиси ҳар чи бештари ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкории хурду миёна, ҳунарҳои мардумӣ ва шуғли хонагӣ диққати зарурӣ медиҳем. Вобаста ба мушкилоти ҷойдошта, масъулин вазифадор карда шуданд, ки дар муддати панҷ соли оянда шаҳрвандони аз 18-сола болоро, ки касбу ҳунар надоранд, ба касбу ҳунаромӯзӣ ҷалб намоянд. Ҷиҳати саросар соҳибкасб кардани аҳолӣ тадбирҳои ҷиддиро роҳандозӣ кунанд ва барномаи касбомӯзии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои солҳои 2021-2025 таҳия намуда, ҷиҳати иҷрои он тадбирҳои мушаххас андешанд» [12].

«Тағйироте, ки дар самти таъмини шуғли аҳолӣ дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба вукуъ пайваста истодаанд, соҳавӣ буда, ба самаранокии истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар шароити муосир таъсир мерасонанд. Чунин ҳолат зарурати баҳодиҳии маҷмуии иқтидории меҳнатии аҳолиро дар бозори меҳнат пеш меорад» [138].

Барои такмили бозори меҳнат дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ зарурат ба омӯзиши ҷанбаҳои нави бозори меҳнат ва механизми фаъолияти он пеш меояд. Таҳқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки оид ба мушкилоти ҷойдошта роҳҳои гуногуни назариявӣ мавҷуданд, ки онҳоро таҳқиқ ва ҷамъбаст карда, дар раванди таҳқиқот истифода кардан мумкин аст. Дар адабиёти иқтисодӣ якчанд роҳҳои консептуалии омӯзиши бозори меҳнат вуҷуд доранд, ки истифодаи онҳо дар ҷараёни омӯзиши илмӣ аз манфиат холӣ нест (ҷадв. 1.1).

**Ҷадвали 1.1. – Консепсияҳои назариявӣ оид ба бозори меҳнат**

| Назарияҳо | Нуктаҳои асосии назарияҳо |
|---|---|
| **Назарияи классикӣ** (Д.Риккардо [66], Ж.Б. Сэй [72], Д.С. Милл [61], А. Маршалл [60], А.Пигу [64]) | Бозори меҳнат дар асоси баробарии нархӣ фаъолият менамояд. Танзимкунандаи асосие, ки дар бозори меҳнат амал менамояд, нархи қувваи корӣ (пардохти меҳнат) мебошад. Дар шароити баробарии бозори меҳнат бекорӣ вуҷуд надорад. Рақобат дар бозори меҳнат бекории зарурӣ (бекорӣ аз рӯйи ноилоҷӣ)-ро аз байн мебарад. Дилхоҳ хоҳишманд метавонад бо меъёри музди меҳнати бозори муайян ба осонӣ кор ёбад. Дастгирии давлатии фаъолияти иқтисодиёт нодаркор ва зараровар мебошад. |
| **Назарияи неоклассикӣ** (М.Фелдстайн [78], Р.Холл [82]) | Бо ёрии нархи меҳнат ва ё музди меҳнат талабот ба қувваи корӣ ва таклифоти он танзим карда шуда, мувозинати онҳо нигоҳ дошта мешавад. Нархи қувваи корӣ ба таври чандирӣ ба талаботи бозор таъсир карда, вобаста ба талабот ва таклифот зиёд ва кам мешавад. Дар ҳолати ҷой доштани мувозинат дар бозори меҳнат мавҷудияти бекорӣ ғайриимкон аст. Бекорӣ характери ихтиёрӣ дошта, сабаби он раддияи коргарон бо сабаби музди меҳнати паст мебошад. |
| **Назарияи марксистӣ** (К.Маркс [56], Ф.Энгелс [58]) | Меҳнат мол нест ва набояд ба сифати предмети хариду фурӯш баромад кунад. Аммо дар ҳолати кироякорӣ фурӯши қувваи корӣ дар назар дошта мешавад, яъне қобилияти иқтидории корманд нисбат ба меҳнат. Арзиши қувваи кориро вақти корӣ муайян менамояд, ки барои бозтавлиди он зарур аст, яъне арзиши воситаҳое, ки барои ҳаёти корманд ва оилааш муҳим мебошанд. Мукаммалгардонии техникии истеҳсолот бошад, пастшавии талаботро ба қувваи корӣ ва барзиёдии аҳолии дар иқтисодиёт шуғлнадошта (бекорон)-ро ба миён меорад. |
| **Назарияи кейнсионӣ** (Ҷ.М.Кейнс [48], Р. Гордон [87]) | Бозори меҳнат бозоре мебошад, ки дар он нобаробарии доимӣ ҷой дорад. Давлат ба сифати танзимкунандаи асосии муҳити берунии бозори меҳнат баромад карда, тавассути танзими маҷмуи талабот ба қувваи корӣ дар бозори меҳнат сатҳи мӯътадили бекориро таъмин менамояд (аз 3 то 7 % - и шумораи умумии қувваи корӣ). Дар иқтисодиёт ягон механизме вуҷуд надорад, ки таъмини шуғли пурраро кафолат диҳад. |
| **Назарияи институтсионалистӣ** (Т.Веблен [44], Р.Коуз [54], Д.Гэлбрейт [45], У.Ростоу [67]) | Фаъолияти бозори меҳнат дар аксар мавридҳо зери таъсири омилҳои иҷтимоӣ қарор дорад, аз ҷумла омилҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ, таъсири мақомотҳои давлатӣ, иттифоқҳои касаба ва ғайра. Тағйироти конъюнктураи бозори молӣ на ҳамеша ва на ба зудӣ тағйироти талабот ба меҳнат ва нархи онро ба вуҷуд меорад. Сохтори иҷтимоии қувваи корӣ омили асосии ба қисмҳо ҷудокунии бозори меҳнат буда, дар навбати худ бозори аввалия (кормандони имтиёзнок) ва такрориро аз ҳам ҷудо менамояд. |
| **Назарияи монетаристӣ** (М.Фридмен [81], Д.Майзелман [88], К.Бруннер [157]) | Бозори меҳнат бозоре мебошад, ки дар он нобаробарии доимӣ ҷой дорад ва мушкилоти асосии он фарқияти сатҳи бекорӣ нисбат ба меъёри табиии он мебошад. Ҳалли мушкилоти мазкур тавассути коркард ва ҷорӣ намудани сиёсати пулию қарзӣ имконпазир мебошад. Низоми иқтисоди бозорӣ бо неруи дохилӣ устувории худро таъмин намуда, характери худтанзимкунӣ дорад. Агар номутаносибӣ ва ё вайроншавии хоҷагии бозорӣ ба вуҷуд ояд, пас яқинан он дар натиҷаи даҳолати берунӣ ба вуҷуд омадааст. Даҳолати давлат ба вайроншавии рушди муътадили хоҷагидорӣ оварда мерасонад. Шумораи танзимкунандаҳои давлатиро то ҳадди минималӣ ихтисор намудан лозим аст (ба истиснои танзими андозию буҷетӣ). |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводи дар гардиши илмӣ қарордошта.

Тавре аз ҷадвали 1.1 дида мешавад, ҳар як назария фаъолияти бозори меҳнатро бо тартиби муайян, мантиқӣ ва моҳияти илмиаш пешниҳод кардааст. Дар қисмате аз назарияҳо дар баробари шарҳи мазмуну моҳият боз принсипҳо ва механизмҳои танзими бозори меҳнат оварда шудаанд.

Дар **назарияи иқтисодии классикӣ** (асри XVII ва охирҳои асри XIX) бозори меҳнат ҳамчун низоми худтанзимкунанда ва таъминкунандаи мувозинати бозорӣ баррасӣ карда шудааст. Вобаста ба ин, талабот ба меҳнат зиёд мешавад, агар ҳосилнокӣ баланд гардад ва нархи бозории маҳсулоти ниҳоӣ, дар навбати худ, афзоиши меъёри пардохти музди меҳнатро ба миён меорад. Агар нархи маҳсулот майли коҳишёбӣ дошта бошад, пас талабот ба меҳнат низ кам шуда, баъдан рақобат байни бекорон устувор мегардад ва ба онҳо зарурат пеш меояд, то ба музди меҳнати кам ҳам бо корфармоён шартномаи меҳнатӣ банданд.

«Намояндагони назарияи классикӣ чунин мешуморанд, ки низоми бозорӣ истеъмоли пурраи захираҳоро таъмин менамояд, аз ҷумла захираҳои меҳнатиро» [168, С. 15]. Аз ин рӯ, шуғли пурра меъёри иқтисоди бозорӣ мебошад ва дар ин низоми иқтисодӣ бекорӣ ғайриимкон аст. Вобаста ба нуқтаҳои зикршуда, иштироки давлат дар танзими бозори меҳнат ҳама вақт дар чорчӯбаи қонуни асосии талабот ва таклифот номувозинатии механизми худтанзимкуниро метавонад ба вуҷуд орад. Мо ба ин ақида дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ ба пуррагӣ розӣ шуда наметавонем, чунки давлат ҳамчун субъекти фаъоли муносибатҳои иқтисодӣ дар шароити ноустувории фаъолияти иқтисоди бозорӣ ва гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ, ки номувозинатии таллаботу таклифот дар бозори меҳнат ба вуҷуд меояд, бояд чораҳои танзимкуниро дар заминаи омӯзиш, бонақшагирӣ, ҳолати демографӣ, омода намудани мутахассисон, ташкили ҷойҳои корӣ татбиқ намояд.

Асосгузори мактаби классикӣ А. Смит чунин ақида дошт, ки «... рушди назарияи арзиши меҳнат, назарияи бозори меҳнат (муқаррароти он ва ғояҳои асосии он барои шароити муосир), назарияи музди меҳнат, шуғл, бекорӣ ва

манбаи тамоми сарват танҳо меҳнат аст. Бо назардошти он, ки музди меҳнат вобаста ба шароити иҷрои меҳнат тағйир меёбад, ӯ баъзе муқаррарот ва хулосаҳои назарияи муосири баробарсозии тафовутҳоро дар музди меҳнат медид»[32].

Тарафдорони **назарияи неоклассикии** назарияи иқтисодӣ ба сифати танзимкунандаи асосии механизми бозори меҳнат музди меҳнатро дар назар доранд. Аз нигоҳи онҳо, дар натиҷаи зиёдшавии музди меҳнат шумораи машғулон кам мешавад ва дар натиҷа бекорӣ ба вуҷуд меояд. Азбаски музди меҳнати баланд афзоиши хароҷоти истеҳсолиро ба вуҷуд меорад, аз ин рӯ, зарурати ихтисори машғулон низ ба миён меояд. Пастшавии хароҷоти истеҳсолӣ низ, дар навбати худ, боиси пастшавии нархи молҳо мегардад. Дар натиҷа, қобилияти харидории аҳолӣ зиёд гардида, талаботи иловагӣ ба вуҷуд меояд, ки ҳолати мазкур васеъшавии доираи истеҳсолот ва шуғлро ба вуҷуд меорад.

Асосгузори мактаби неоклассикӣ, иқтисоддони англис Альфред Маршалл (1842-1924), дар ҷустуҷӯи якҷоя кардани назарияи фоиданокии ҳадди ақал ва назарияи хароҷоти истеҳсолӣ ба хулосае омад, ки «талабот ва пешниҳод дар муайян кардани нарх вобастагӣ надоранд, заминаи таҳлили талаботро тахия карданд, меҳнат ва пешниҳоди он консепсияи талаботро ба миён гузошта, вобастагии имкониятҳоро ошкор намуд. Иттифоқҳои касаба оид ба чандирии талабот ба меҳнат, номуайянии бозори меҳнатро муайян карданд, табиати рақобатпазир дар бозор, номукаммалии бозори меҳнатро асоснок кард»[60].

Аз нигоҳи тарафдорони назарияи неоклассикӣ, бекорӣ ин натиҷаи интихоби бошууронаи коргар мебошад, ки барои фурӯши меҳнати худ бо нархи бозорӣ (музди меҳнати) дар натиҷаи муносибати талаботу таклифот муайян кардашуда розӣ нест. Бинобар ин, аз диди онҳо, танзими давлатии таъмини шуғли пурра зарур нест. Мавқеи неоклассиконро оид ба танзимкунандаи асосии механизми бозори меҳнат ҳисобидани музди меҳнат, ки ба бузургии шуғл ва бекорӣ таъсир мерасонад, ҷонибдорӣ менамоем. Ба ақидаи мо, таъмини шуғли пурра дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти

индустриалӣ–инноватсионӣ дар ҳама ҳолат имконпазир нест, аз ин рӯ, танзими давлатии бозори меҳнатро аз мавқеи таъмини мувозинати талаботу таклифоти қувваи корӣ бо ҳавасмандгардонӣ метавон муҳим шуморид.

**Назарияи марксистӣ** оид ба фаҳмиши моҳият ва табиати шуғлу бекорӣ бар он асос меёбад, ки «хусусиятҳои қувваи корӣ ҳамчун мол дониста мешаванд. Аз нигоҳи тарафдорони ин равия, дар бозори меҳнат қувваи корӣ ба сифати предмети хариду фурӯш баромад мекунад, яъне қобилият ба меҳнат истеҳсоли маҳсулотеро таъмин мекунад, ки арзиши он аз арзиши қувваи корӣ зиёд аст. Ба ақидаи намояндагони ин назария, истеҳсолкунандагон мехоҳанд ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро зиёд, арзиши аслии онро паст ва маҳсулоти истеҳсолкардашударо бо арзиши иловагии баланд фурӯшанд» [168, С. 16]. Амалӣ намудани ҳолати мазкур дар ҳоле имконпазир аст, ки агар дар истеҳсолот мукаммалгардонии техникӣ ва технологӣ ҷорӣ карда шуда, хароҷоти музди меҳнат кам карда шавад. Дар баробари рушди прогресси техникӣ ҳиссаи аҳолӣ дар пешбурди истеҳсолот кам мешавад, ки ҳолати мазкур бекориро ба миён меорад.

Ба ақидаи тарафдорони назарияи марксистӣ ба пуррагӣ розӣ шудан қобили қабул мебошад, чунки онҳо қобилияту истеъдоди захираҳои меҳнатӣ ва пешрафти илмию техникиро ҷонибдорӣ менамоянд. Марксистҳо меҳнати пурмаҳсул ва хусусияти навгонидоштаро, ки имконияти коҳишдиҳии арзиши аслии маҳсулот ва афзоиши арзиши иловагии ҳадди аксарро дорад, ҷонибдорӣ менамуданд. Дар шароити кунунӣ неруи баланди рақобатпазирии маҳсулот ва кору хизмат хусусияти инноватсионӣ дорад, аз ин рӯ, рушди индустриалӣ–инноватсионӣ метавонад қисман ҷойҳои кориро ихтисор намояд. Мавқеи илмии марксистҳо дар худ таҷассумкунандаи раванди муносибаҳои меҳнатии бозори меҳнат дар чорчӯбаи гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ мебошад, бинобар ин, ҷонибдорӣ намудани он қобили қабул аст.

**Назарияи Кейнсионӣ.** Ҷон Мейнард Кейнс бунёдгузори «Назарияи умумии шуғл, фоиз ва пул» (1936), асосгузори равияи кейнсионӣ дар

назарияи иқтисодӣ мебошад. Иқтисодчӣ роҳи нави таҳлили шуғл ва сабабҳои бекориро кашф намуда, исбот намудааст, ки хоҷагии муосири бозорӣ механизми худтанзимкунанда надорад, яъне низоми иқтисоди бозорӣ имконият надорад, то ба таври автоматикӣ мувозинатро дар иқтисодиёт барқарор кунад. Бинобар ин, иқтисодчӣ танзими давлатии иқтисодиётро зарур мешуморад. Аз нигоҳи Ҷ.М. Кейнс, «самтҳои танзими давлатии иқтисодиёт бояд чунин бошанд: а) хароҷоти мустақими буҷет ба афзоиши пардохтҳои иҷтимоӣ, маблағгузорӣ (субсидякунонӣ) барои бунёди ҷойҳои нави корӣ ва ташкили корҳои ҷамъиятӣ сафарбар карда шавад; б) ба роҳ мондани тағйироти сиёсати фискалӣ, яъне аз тариқи паст намудани андозҳо таъмини афзоиши фаъолнокии сармоягузории соҳибкорон, рушди истеҳсолот ва зиёд намудани шумораи ҷойҳои корӣ» [48].

Тавре дар боло қайд намудем, низоми иқтисоди бозорӣ танзимшаванда мебошад. Вобаста ба ин, нуқтаи назари Ҷ.М. Кейнсро ҷонибдорӣ намуда, танзими бозори меҳнатро ҳамчун унсури асосии иқтисодиёт зарур меҳисобем. Алалхусус, дар шароити шадиди ҷаҳонишавӣ бозори меҳнат зери таъсири низоми омилҳо қарор дорад, ки қисми зиёди онҳо маҳдудкунандаи муҳити рушди муносибатҳои меҳнатӣ мебошад.

Ҷ. Кейнс ва пайравони ӯ баҳс мекунанд, ки «механизми кафолати шуғли пурра ва сабабҳои бекорӣ дар он аст, ки ҳамоҳангӣ дар қабули қарорҳои асосии иқтисодӣ дар бораи пасандозҳо ва сармоягузорӣ вуҷуд надорад» [48].

Дар чунин ҳолат дастгирии давлатии бозори меҳнат аз тариқи дастгирии иҷтимоии бекорон, таъсиси ҷойҳои кории доимию муваққатӣ ва пешниҳоди имтиёзҳо ҷиҳати васеъшавии имкониятҳои бозори меҳнат муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ҳамин замина, мо ақидаи Ҷ.М. Кейнсро дастгирӣ намуда, чунин қайд мекунем, ки бозори меҳнат, дар маҷмуъ, механизми муносибатҳои меҳнатӣ бе танзими давлатӣ, махсусан дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ ғайриимкон ва аз доираи тасаввур берун мешавад.

Тарафдорони **назарияи институтсионалӣ (ниҳодӣ)** ҷанбаҳои гуногуни шуғл ва бекорӣ, аз ҷумла таъсири омилҳои иҷтимоӣ, касбӣ ва хусусиятҳои соҳавиро ба сохтори қувваи корӣ ва сатҳи музди меҳнат мавриди таҳқиқ қарор додаанд. «Аз нигоҳи тарафдорони ин равия ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ ба ислоҳоти ниҳодӣ, ки ба танзими бозори меҳнат ва таъмини мувозинати он равона гардидааст, вобаста мебошад. Ба ақидаи намояндагони назарияи институтсионалистӣ (ниҳодӣ), яке аз субъектҳои муҳимми ниҳод – ин давлат мебошад, ки фаъолияти он ба ҳаёти иқтисодии ҷомеа таъсирнок арзёбӣ мегардад» [77, С. 315]. Мавқеи назарияи кейнсионӣ ва институтсионалӣ (ниҳодӣ) ба ҳамдигар наздик мебошанд, бинобар ин, мо ба мавқеи илмии назариячиёни мактаби институтсионалӣ низ ҳамфикр мебошем. Фаъолияти бозори меҳнат дар асоси қоида ва меъёрҳои санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад, аз ин рӯ, давлат ҳамчун ҷорикунандаи ҳуҷҷатҳои зикршуда дар пешбурд ва танзими бозори меҳнат нақши калидӣ дорад. Алалхусус, банизомдарорӣ ва танзими муносибатҳои нави меҳнатӣ, ки дар натиҷаи тағйироти бозори меҳнат ба вуҷуд меоянд, зарурати ислоҳоти институтусионалиро пеш меоранд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, тағйироти институтсионалии бозори меҳнатро аз мавқеи таъмини мувозинати талаботу таклифоти қувваи корӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои меҳнатӣ мубрам меҳисобем. Чунки муносибатҳои бозорӣ дар зери таъсири шадиди рақобатҳо ҷой доранд. Дар ин ҳолат барои бозори меҳнат қувваи кории аз тарафи институтҳо идорашаванда зарурат пайдо мекунад ва ин институтҳо таъмини корро дар бозори меҳнат метавонанд дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ ба роҳ монанд.

Ба гуфтаи институтсионалист Т. Веблен (1857-1929) «бозори меҳнат майдонест, ки гуфтушунид байни соҳибкорон ва кормандон ва тавсифи қоидаҳои рафтор дар он ҷо ташкил карда мешавад. Тадқиқоти институтсионалистӣ ба таҳлили таъсир равона шудааст. Институтҳои ҷамъиятӣ ва сиёсӣ дар бозори меҳнат, таҳлили касбӣ ва истеҳсолӣ фарқият

дар сохтори қувваи корӣ ва мувофиқан, дар сатҳи музди меҳнат равона гардидааст. Мақсади асосии ин назария зарурати тақвияти назорати иҷтимоӣ аз болои иқтисодиёт мебошад. Тадқиқоти махсус масъалаи кафолатҳои иҷтимоии шуғлро ба даст меорад» [44].

Дар **назарияи монетаристӣ** пул ба сифати воситаи асосии таъминкунанда ва худтанзимкунии иқтисоди бозорӣ баромад мекунад. Миқдори пули дармуомилотбуда ба таври мустақим ба бузургии хароҷоти аҳолӣ ва соҳибкорон таъсир расонида, афзоиши ҳаҷми он талабот ба мол ва хизматрасониро зиёд менамояд. Ба ақидаи тарафдорони ин назария, афзоиши пешниҳодоти пул ба беқурбшавии он оварда мерасонад, бинобар ин, маблағгузории дарозмуддати аҳолӣ ба саҳмияҳо, гузоштани маблағҳо ба муассисаҳои бонкӣ ва истифодаи маблағҳо аз ҷониби соҳибкорон барои рушди истеҳсолот манфиатнок мебошад. Афзоиши сармоягузорӣ ба афзоиши шуғл низ оварда мерасонад, аммо ин дар ҳоле имконпазир аст, ки афзоиши нарх ба суръати рушди иқтисодӣ ҳамоҳанг бошад, чунки таварруми тасодуфӣ афзоиши бекориро ба вуҷуд меорад. Дар чунин шароит зарур аст, то шиддати иттифоқҳои касаба дар бозори меҳнат маҳдуд карда шуда, хароҷоти буҷети давлатӣ ихтисор карда шавад ва дар натиҷа барои татбиқи барномаҳо оид ба дастгирии шуғли пурра равона кардани маблағҳо зарурат ба миён меояд. Иҷрои чунин амал имконият медиҳад, то воситаҳо дар ҳаҷми калон ба самти сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт сафарбар карда шаванд ва дар ин замина, фаъолнокии кории субъектҳо баланд бардошта шавад.

Назарияи монетаристҳоро оид ба нақши калидӣ доштани пул дар танзими иқтисоди бозорӣ ҷонибдорӣ менамоем, аммо пулро, чун неруи таъминкунанда ва худтанзимкунии иқтисоди бозорӣ, дар ҳама гуна шароит қобили қабул ҳисобидан ғайриимкон мебошад.

Ҳамин тариқ, дар заминаи омӯзиши ақидаи олимон мо чунин андеша дорем, ки бозори меҳнат дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ бозоре мебошад, ки мувозинати талаботу таклифотро дар асоси арзиши қувваи кории дорои имконияти бозтавлиди

неруи меҳнатӣ таъмин менамояд ва дар шароити ноустувории фаъолият ва прогресси илму техника, инчунин дар шароити гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ ҷиҳати пешгирии бекорӣ танзими давлатии ба истифодаи шуғли пурсамари меҳнат ниёздоштаро дар бар мегирад.

Тавре дар боло қайд намудем, зери таъсири омилҳо эҳтимолияти зиёди ноустувории амалкарди механизми худтанзимкунандаи иқтисоди бозорӣ вуҷуд дорад. Дар чунин шароит дақиқ муйян намудани микдори пули барои муомилот зарурӣ имконнопазир мегардад. Бинобар ин, зарурат ба истифодаи дигар фишангҳои танзими иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла танзими давлатии селаҳои пулӣ пеш меояд. Аз ин гуфтаҳо чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки пул дар алоҳидагӣ наметавонад барои пешбурди фаъолияти бенуқсони низоми иқтисоди бозорӣ ва ҳалли мушкилоти он мусоидаткунанда бошад.

Ба ақидаи мо, пул дар шароити гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ бо истифодаи маҷмуи механизмҳо ва унсурҳои бозории меҳнат метавонад ба ҳайси танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ ва захираҳои он дар сохтори ҷамъият баромад кунад.

Пеш аз ҳама барои ташаккул додани бозори меҳнат дар ҷомеа зарур аст, ки муносибатҳои меҳнатӣ дар марҳилаҳои гуногун мавриди танзим ва идоракунӣ қарор гирад. Вобаста ба ин, Амонова Д.С ва Расулова Л.Н. қайд менамоянд, ки «Дар шароити рушди бозор, хусусияти хоси муносибатҳои меҳнатӣ дар он аст, ки иштирокчиёни онҳо танҳо он кормандоне буда метавонанд, ки бо корфармоён шартномаҳои коллективӣ ё инфиродӣ ва аз ин рӯ, ҳимояи муайяни ҳуқуқӣ доранд»[91].

Барои танзим намудани муносибатҳои меҳнатӣ дар байни колектив ва таъмини рушди бозори меҳнат дар сатҳи муайян ҳимояи манфиатҳои ҳуқуқӣ лозим буда, ин метавонад дар ташаккули механизми бозори меҳнат нақши асосиро бозад.

Бозори меҳнат аз ду механизми асосӣ иборат аст: аввалан, аз шуғли қувваи корӣ, баъдан, аз сатҳи бекорӣ, аҳволи қувваи корӣ, ки дар низоми

муносибатҳои бозорӣ ҳамчун қувваи кории қобили фаъолияти иқтисодидошта, яъне шуғл ва бекорӣ. Агар бо шуғл таъмин будани аҳолӣ аз фаъолияти мусбати бозори меҳнат гувоҳӣ диҳад, пас бекорӣ ноустувории бозори меҳнатро нишон медиҳад. Ин ду категория дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ фаъолияткунанда буда, ба якдигар мутаносиби чаппа мебошанд, афзоиши шуғл бекориро кам менамояд ва афзоиши бекорӣ аз коҳиш ёфтани шумораи машғулон шаҳодат медиҳад.

«Олимони соҳаи иқтисод роҳҳои гуногуни коҳиш додани бекориро мавриди омӯзиш қарор додаанд. Яке аз роҳҳои мубориза бо бекорӣ барномаи кейнсионии мубориза бо бекорӣ мебошад, ки аз ду қисмати чорабиниҳо иборат аст» [48, С. 118] (расми 1.1).




**Расми 1.1.** Барномаи кейнсионии мубориза бо бекорӣ.
**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси [48, С. 494].

Қисмати якуми барнома (унсурҳои тактикӣ) ба самти маҳдудкунии бекорӣ дар давраи кӯтоҳмуддат нигаронида шудааст, дар ҳоле ки ҳанӯз тағйироти мусбат дар иқтисодиёт ҳиснашаванда аст. Унсурҳои тактикӣ аслан

корҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки аз ҷониби давлат ташкил карда мешаванд ва давлат низ аз ҳисоби буҷети давлатӣ пардохти иҷрои корҳои мазкурро анҷом медиҳад. Корҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи бунёди инфрасохтори истеҳсолӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла бунёд ва таъмири роҳҳо, сохтмони мактабу беморхонаҳо ва ғайра тавсия дода мешаванд. Қисмати дуюми барнома (унсурҳои стратегӣ) бошад, низоми унсурҳои стратегиеро дар назар дорад, ки барои ҷоннок намудани таркиби бозор ва ташкили сармоя мусоидат карда, боиси пайдоиши талаботи истеъмолии аҳолӣ, зиёдшавии ҳаҷми мол ва шуғли аҳолӣ мегардад. Ин қисмати барнома аз ду механизми асосии зерин иборат аст:

а) фармоишҳои давлатии ширкатҳои бузург;

б) кам кардани меъёри ҳисобии фоизҳо бо роҳи зиёд намудани хароҷотҳои давлатӣ.

Механизми дуюм асосан дар шароити афзоиши молиякунонии буҷетии бар дефитсит (касри буҷет) асосёфта истифода бурда мешавад.

Қобили қайд аст, ки фармоишҳои давлатии ширкатҳои бузург муносибатҳои хоҷагидории калонро ба вуҷуд меоранд, ки дар натиҷа фаъолияти сармоягузорӣ васеъ мегардад. Қабули фармоишҳои давлатӣ аз ҷониби шумораи зиёди ширкатҳо имконият медиҳад, то талабот ба қувваи корӣ зиёд шуда, мушкилоти бекорӣ бартараф карда шавад.

Нуқтаи назари иқтисодчиёни ватаниро перомуни масоили марбут ба ташкили бозори меҳнат ва мушкилоти фаъолияти он дида мебароем. Аз нигоҳи Ҳ.У. Умаров – «... навкунии сохтори иқтисоди Тоҷикистон аз кор сабукдӯшкунии кормандони соҳаҳои моддӣ ва ғайримоддиро ба миён оварда, боиси пайдо гардидани мушкилоти бекорӣ, аз ҷумла бекории ғайрирасмӣ гардид. Гузариш аз низоми марказонидашудаи хоҷагидорӣ ба низоми иқтисоди бозорӣ боиси пайдоиши тағйирот дар муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ гардида, тезутунд шудани мушкилоти шуғлро ба миён овард» [144, С. 189]. Аз нигоҳи иқтисодчӣ, дар шароити кунунӣ стратегияи шуғли ҷомеа бояд дар асоси принсипи ноилгардӣ ба шуғли босамар амалӣ карда шавад. Ба ақидаи олим мо ҳамфикр мебошем, лекин дар шароити гузаштан ба

иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ шуғли пурсамари қувваи корӣ дар бозори меҳнат ба бекорӣ мувофиқат накарда, баръакс, аз ҳисоби пайдоиши дигар соҳаҳои зерсохторӣ танзими ҷабҳаи кориро дар бозори меҳнат бояд таъмин намояд.

Т.Ҷ. Усмонова қайд менамояд, ки «... дар ҷумҳурӣ байни одамоне, ки мехоҳанд дар бозори меҳнат қарор дошта бошанд ва одамоне, ки дар ниҳоят дар бозори меҳнат мемонанд, парокандашавии бузург ҷой дорад. Аз нуқтаи назари иқтисодчӣ бармеояд, ки дар бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон байни талаботу таклифоти қувваи корӣ фарқияти ниҳоят калон дида мешавад, ки мушкилии асосии он нокифоягии миқдори ҷойҳои корӣ нисбат ба шумораи қувваи корӣ мебошад» [145, С. 154]. Ба ақидаи мо, дар ин ҳолат зарурат дар сатҳи давлат барои таҳияи барномаҳои давлатии танзими бозори меҳнат шуғли аҳолӣ меистад, ки мувозинати талабот ва таклифотро то сатҳи ба талабот ҷавобгӯ таъмин намояд.

Ба ақидаи Ҳ.Н. Фақеров «... пайдоиши ихтисосҳои нав дар заминаи маълумоти такрорӣ номутобиқатии талаботи бозори меҳнат ва меъёрҳои амалкунанда (ихтисосҳои мавҷуда)-ро ба вуҷуд меорад» [148, С. 84].

Ба андешаи Р.У. Улмасов «... рушди соҳаи шуғл, аз ҷумла бунёди ҷойҳои кории пурмаҳсул дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз афзалиятҳои сиёсати иқтисодии мамлакат дониста мешавад» [75, С. 53].

Т.Р. Ризоқулов қайд менамояд, ки «... дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ ва зарурати такмили сифатии сохтори захираҳои меҳнатӣ ҷой дорад» [137, С. 113].

С.Ҷ. Комилов – муҳаққиқи масоили бозори меҳнат аз мавқеи инноватсионӣ чунин нуқтаи назар доранд, ки «... дурнамои рушди бозори меҳнат дар шароити пешрафти инноватсионӣ аз бунёди низоми миллии инноватсионӣ вобаста мебошад» [115, С. 73].

Т.Д. Низомова рушди бозори меҳнатро аз устувории неруи кадрӣ вобаста дониста, қайд менамояд, ки «... дар шароити ҳархеласозии маҳсулот,

ҷорӣ гардидани инноватсия зарурати тарбия ва бозомӯзии кадрҳо пеш меояд» [131, С. 195]. Илова бар ин, Т.Д. Низомова чунин назари илмӣ дорад, ки мақомотҳои марбутаи соҳаро, аз ҷумла Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, то барои хатмкунандагони мактабҳо оид ба интихоби касбу ҳунар тадбирҳо андешанд, низоми пешниҳоди иттилоотро доир ба бозори меҳнат беҳтар намоянд ва аз таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ дар самти идоракунии бозори меҳнат истифода намоянд.

Ш.Б. Ҷонмамадов бошад, ба он назар аст, ки «... дар шароити иқтисоди гузариш яке аз самтҳои муҳимми идоракунии бозори меҳнат қонунигардонии иқтисоди ғайрирасмӣ ва кам намудани шуғли ғайрирасмӣ мебошад» [165, С. 10].

Аз нигоҳи А.К. Қурбонов «... фаъолияти босамари бозори меҳнат амалкарди маҷмуи механизмҳои бозориро, ки барои фаъолияти мӯътадили бозори меҳнат мусоидат менамояд, талаб мекунад» [117, С. 65].

Ба андешаи мо, ақидаи ин гурӯҳи олимон раванди назариявӣ ва паҳлуҳои бозори меҳнатро дар чорчӯбаи гузариш ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ дар бар мегирад ва ҷараёнҳои дар боло қайд кардашуда заминаи асосии таҳқиқ ва гузаштан ба иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ мегардад.

Олими соҳа – Д.С. Амонова бо такя ба давлати иҷтимоӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон амалҳои фаъоли давлатиро дар танзими бозори меҳнат ва бекорӣ, танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатии байни корфармо ва корманд самти муҳимми танзим ва идоракунӣ мешуморад. Аз нигоҳи таҳқиқгар, «... бозори меҳнат ва давлат бояд дар ҳамкорӣ якдигарро мукаммал намуда, фаъолияти онҳо ба афзоиши самараи иқтисодии ҷомеа нигаронида шавад» [160, С. 39]. Дар маҷмуъ, Д.С. Амонова тарафдори танзими давлатии иқтисоди бозорӣ, аз ҷумла бозори меҳнат аз мавқеи тақсимоти одилонаи даромадҳо мебошад. Ба ақидаи мо, новобаста аз шакли муносибат, дар тақсимоти ҷамъиятии меҳнат бояд дар кормандон бадастории

даромадро ба танзим даровард.

Ф.М. Васиев идоракунии самараноки шуғл ва бозори меҳнатро аз механизми ташкилӣ-иқтисодӣ вобаста медонад. Ба ақидаи таҳқиқгар, «... механизми ташкилӣ-иқтисодӣ унсури асосии низоми идоракунӣ буда, он имконият медиҳад, ки устувории фаъолияти идоракунӣ таъмин карда шавад» [163, С. 25]. Ба нигоҳи илмии Ф.М. Васиев дар самти идоракунии бозори меҳнат аз тариқи ба роҳ мондани механизми ташкилӣ-иқтисодӣ ҳамфикр ҳастем. Чунки механизми мазкур чораҳои марбут ба ташкил ва таъсиси ҷойҳои кориро дар бар гирифта, барои ҳалли мушкилоти бозори меҳнати ватанӣ, яъне барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ, мусоидат менамояд. Ба ақидаи мо, агар механизми ташкилӣ–иқтисодии бозори меҳнат мантиқан ба талаботи бозор дуруст роҳандозӣ карда шавад, мушкилоти бозор ба тариқи худкор ҳалли худро меёбад.

Олими соҳа И.С. Шамсов қайд менамояд, ки «имрӯзҳо ба муҳимияти танзими давлатии бозори меҳнат хатарҳо дида намешаванд. Аммо танзими давлатӣ набояд барои механизми бозории идоракунӣ монеа эҷод намояд, яъне байни механизми давлатӣ ва бозории идоракунии бозори меҳнат бояд тавозуни муносиб бунёд карда шавад. Яке аз унсурҳои муҳимми механизми ҳамкории бозори меҳнат ва бозори хизматрасониҳои таълимӣ ин идоракунии ҳамкориҳои мазкур дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва дохилиширкатӣ мебошад. Ба ақидаи ин муҳаққиқ, самаранокии фаъолияти бозори меҳнатро дар шароити рақамикунонӣ тавассути идоракунии омилҳои зерин таъмин намудан имконпазир мебошад: заминаҳои номукаммали меъёрӣ-ҳуқуқӣ, музди меҳнати нокифоя, нотавонии бахши хусусии иқтисодиёт дар самти таъсиси шумораи зиёди ҷойҳои корӣ, рақобатпазирии нисбатан пасти захираҳои меҳнатӣ, мушкилоти муҳоҷират ва ғайра» [177, С. 25, 101, 202]. Мушкилиҳое, ки И.С. Шамсов дар таҳқиқоти худ зикр кардааст, на танҳо дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт, инчунин берун аз ин шароит низ дар бозори меҳнати вилояти Хатлон ба чашм мерасанд. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта мавқеи илмии мазкур сазовори дастгирӣ мебошад.

Муҳаққиқ Р.М. Бобоҷонов дар яке аз таълифоти илмии худ қайд менамояд, ки «... таҷдид ва рушди технологии иқтисодиёт бе пешгӯии рушди захираҳои меҳнатӣ ва истифодабарии самараноки онҳо ғайриимкон мебошад». Аз нигоҳи муаллиф, «бозори меҳнат ба талаботи муосир ҷавобгӯй набуда, бо иллати набудани неруи устувори кадрии дорои қобилияти истифодабарии имкониятҳои инноватсионӣ дар шароити рушди иқтисодиёти инноватсионӣ монеаи пешрафт мебошад. Ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро муҳаққиқ ба пешгӯии тавозуни захираҳои меҳнатӣ вобаста медонад» [95, С. 180]. Нигоҳи илмии Р.М. Бобоҷоновро метавон ҷонибдорӣ намуд. Аммо, ба ақидаи мо, ҳалли мушкилии ҷойдошта дар ду ҳолат имконпазир мебошад:

а) барои идоракунии босамари бозори меҳнат дар инфрасохтори иқтисодии инноватсионӣ муҳим будани пешгӯии тавозуни захираҳои меҳнатии дар шароити иқтисодиёти инноватсионӣ фаъолияткунанда;

б) таъсиси ҷойҳои корӣ дар инфрасохтори иқтисодии муқаррарӣ (бе имкониятҳои инноватсионӣ), ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он ҳиссаи он зиёд мебошад. Чунки дар тамоми манотиқи кишвар мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ, алалхусус ҷойҳои кории баландмузд ҷой дорад.

Ба ақидаи мо, дар айни ҳол ташаккул ва рушди бозори меҳнатро дар кишвар аз устувории асосҳои ташкили институтсионалии он алоқаманд донистан лозим аст. Дар алоқамандӣ ба ин, устуворгардонии танзими институтсионалии бозори меҳнат ва роҳи беҳтар намудани онҳо бояд аз фаъолияти институтҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ истифодаи дуруст кард. Дар ин раванд давлат метавонад сатҳи беҳтарсозӣ ва самаранокии фаъолияти институтҳои бозори меҳнат ва фаъолгардонии мавқеи онҳоро дар идоракунии низоми муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ ба роҳ монад.

Дар шароити ташаккулёбии асосҳои институтсионалии бозори меҳнат институт арзиши баланд дорад. Дар шароити кунунӣ, ки меъёрҳои институтсионалии бозори меҳнат то андозае рушд карда, муносибатҳои

меҳнатии баамаломадаро танзим карда метавонанд, аз нигоҳи мо, масъалаи асосӣ бояд риоя намудани меъёрҳои амалисозии раванди мазкур бошад.

Масъалаи асосӣ дар шароити муосири иқтисодӣ ин ноилгардӣ ба шуғли босамар дар асоси васеъ намудани номгӯйи кору хидматҳо дар бозори меҳнат мебошад, то ки аҳолиро бо кор таъмин кард. «Хизматрасониҳои хадамоти шуғли аҳолӣ бояд ба чараёни муносиби байни талабот ва таклифоти қувваи корӣ равона карда шаванд. Беҳтарсозии усулҳои таъсиррасони хадамоти шуғл ба корфармоён чараёни рушди фаъолияти ин ниҳод ҳисобида мешавад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, ки мушкилии асосии рушди бозори меҳнат барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ мебошад, бинобар ин, зарур аст, то ҳар чи бештар ҷойҳои корӣ, вобаста ба самти афзалиятноки идоракунии бозори меҳнат, таъсис дода шаванд» [168, С. 18, 19].

Муҳаққиқ Д.М. Набиева ба он назар аст, ки «... бозори меҳнат яке аз зернизомҳои иқтисоди бозорӣ буда, аз як тараф, ба қонуниятҳои иқтисодии ташкилшавӣ, ки хоси иқтисоди бозорӣ мебошанд, ва аз тарафи дигар, бар шароити иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсии кишвари муайян асос меёбад» [170, С. 8]. Аз ин нуктаҳо бармеояд, ки Д.М. Набиева тарафдори низоми дусатҳаи идоракунии бозори меҳнат буда, ба мушкилоти асосии бозори меҳнат, яъне шароити нисбатан ноустувори рушди инфрасохтори иқтисодӣ ишора менамояд. Аз ин рӯ, мавқеи муҳаққиқ қобили дастгирӣ мебошад.

Таҳқиқотчии соҳа – Ю.Р. Юсуфбеков масоили вобаста ба муҳоҷирати меҳнатиро таҳқиқ намудааст. Номбурда дар яке аз таълифоти илмии худ, ки натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ мебошад, қайд менамояд, ки «... яке аз сабабҳои асосии муҳоҷирати қувваи корӣ ба хориҷи кишвар баландбардории сатҳу сифати зиндагӣ аз тариқи бадастории подоши меҳнат дар шароити беҳтару хубтар мебошад» [155, С. 232-240]. Аммо муҳоҷирони мазкур баъди бозгашт ба ватан ба корҳои каммузд қабул карда мешаванд, ки сабаби асосии ҳолати мазкур сатҳи нисбатан пасти донишу малакаи онҳо мебошад. Таҳқиқоти сотсиологии бо муҳоҷирон гузаронида нишон додааст, ки зиёда аз

50%–и онҳо дорои маълумоти миёна мебошанд. Бо назардошти нуқтаҳои зикршуда, таҳқиқотчии соҳа баландбардории тахассусмандӣ ва касбияти қувваи кориро аз ҳисоби муҳоҷирони меҳнатии ба ватанбаргашта самти муҳимми рушди бозори меҳнати ҷумҳурӣ меҳисобад. Ин нуқтаи назари илмӣ қобили дастгирӣ мебошад, чунки солҳои охир шароити иқтисодию сиёсии кишварҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Федератсияи Россия вазнин гардида, дарёфти ҷойҳои корӣ мушкил гардида истодааст. Вобаста ба мушкилоти ҷойдошта, баланд бардоштани сатҳи касбияти муҳоҷиронро то ҳадде зарур мешуморем, ки шуғли онҳоро дар оянда дар дилхоҳ бозори меҳнат таъмин карда тавонад.

Дар маҷмуъ, нуқтаи назари иқтисодчиёни ватаниро оид ба ташаккули бозори меҳнат, рушди фаъолият ва хусусиятҳои идоракунии он қобили қабул медонем, чунки дар шароити ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он ҳолатҳои зикрнамудаи онҳо дида мешаванд ва то ҳол баъзе аз муаммоҳои он ҳал нагардидаанд ва мо онҳоро мавриди таҳқиқу омӯзиш қарор додем.

Оид ба ҳолати кунунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ баъзе аз нуқтаҳоро зикр намудан мувофиқи мақсад мебошад. Аслан, идоракунии бозори меҳнат масъалаи сатҳи амалӣ маҳсуб меёбад. Дар шароити имрӯза ҷой доштани мушкилоти бекорӣ то андозае аз донишу малакаи назариявию амалии шаҳрвандони кишвар низ вобаста мебошад. Ба ақидаи Р.Н. Саидов «... мусоидат ба таъмини шуғли аҳолӣ бояд бо роҳи ҷорӣ намудани квотаҳо, омодагии касбӣ ва баландбардории тахассусмандии шаҳрвандон амалӣ карда шавад» [141, С.118]. Тавре борҳо аз баромадҳои роҳбари давлат шунида мешавад, баланд бардоштани сифати таҳсилот ва дар ин замина омода намудани мутахассисони ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат талаботи замон мебошад. Ҳукумати мамлакат низ вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсулро ҳадафи стратегии худ интихоб намудааст. Вобаста ба ин, идоракунии бозори меҳнат бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки таъмини шуғл ва коҳишдиҳии сатҳи бекориро дар ҷумҳурӣ таъмин карда тавонад. Аз ин рӯ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ вазифадор мебошад, ки дар ҳамкории қавӣ бо

Вазорати маориф ва илм сифати таҳсилот ва касбомӯзиро дар муассисаҳои таълимӣ беҳтар созад. Мақомотҳои болозикр бо назардошти талаботи бозори меҳнат бояд ихтисосу ҳунарҳоеро роҳандозӣ намоянд, ки имконияти ба шуғл таъмин намудани сокинони мамлакат, бахусус ҷавононро дошта бошанд. Чунки дар мамлакат барои таъмини қувваи корӣ дар бозори меҳнат ба ақидаи мо дар он аст, ки худи қувваи корӣ, ба ғайр аз он ки ба бозор ворид мегардад, ба талаботи ду раванд бояд ҷавобгӯй бошад. Аввалан, ин ҳамчун қувваи корӣ, дувум, дасти корӣ доштани коргар. Чунки таҷрибаи амалӣ нишон дод, ки қувваи корие, ки дар бозор метавон  пайдо кард, мушкилӣ надошта бошад. Лекин қувваи кории дасти коридоштаро, яъне аз уҳдаи иҷрои корҳои гуногун ҳамчун мутахассис мебаромадаро дар бозор метавон  кам пайдо кард.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи омӯзиши адабиётҳои илмӣ, ки ба таҳқиқи масоили идоракунии бозори меҳнат бахшида шудаанд, омӯзиши таълифоти илмии олимону иқтисодчиёни ватанию хориҷӣ – аз мутафаккирони классикӣ то иқтисодчиёни замони муосир муайян карда шуд, ки онҳо ҷиҳати ҳалли мушкилоти бозори меҳнат нуқтаи назари худро доранд. Муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳар давру замон, вобаста ба низоми иқтисодии амалкунанда ва хусусияти таъсири омилҳои дохилию берунӣ, сифатан дигаргун мешаванд, бинобар ин, идоракунии бозори меҳнат низ махсусияти худро пайдо менамояд.

### 1.2. Усулҳо ва намудҳои идоракунии бозори меҳнат

Идоракунии бозори меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва манотиқи он аз як қатор омилҳои муҳимми сиёсати дар сатҳи ҳудудҳои алоҳида татбиқшаванда ва хусусиятҳои хоси он вобаста мебошад. Устувории иҷтимоӣ ва сиёсии вилоят ва ё шаҳру ноҳия аз сатҳи рушди комплекси кишоварзию саноатӣ, таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ ва ҳавасмандию рушди касбияти онҳо, инчунин тахассусмандии қувваи корӣ вобастагии пурра дорад.

«Дар амалияи фаъолияти идоракунии бозори меҳнат се усули идоракунии маъмулӣ вуҷуд дорад: маъмурӣ, иқтисодӣ, анъанавӣ. Усули идоракунии маъмуриро шахс ва ё мақомот (ниҳод)-и идоракунанда дар самти

тақсимот ва истифодабарии қувваи корӣ амалӣ менамоянд. Усули идоракунии иқтисодӣ бошад, тақсимоти захираҳои меҳнатиро бе иштироки шахсият амалӣ менамояд.

Дар усули мазкур фард соҳиби қувваи кории худ мебошад ва ҳама захираҳои меҳнатӣ дар ихтиёри ҷомеа қарор доранд. Ба муносибатҳои идоракунӣ танҳо дастгоҳи марказӣ имконияти дахолат карданро доро буда, сатҳи музди меҳнат, нархҳо, меъёрҳо ва фоизҳо байни корманд ва корфармо муайян карда мешавад. Усули идоракунии анъанавӣ ба маҳдудияти низоми иҷтимоию иқтисодие, ки имконияти ба вуҷуд овардани тағйироти босамарро доранд, нигаронида шудааст. Дар ин усул рафтори идоракунӣ мақсаднок дониста нашуда, меъёрҳои маънавӣ ва ахлоқӣ, хизматҳои шахсӣ, шараф, анъана, масъулият дар назди ҷомеа, эҳтиром, диндорӣ ва ғайра муайянкунандаи фаъолияти одамон ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ маҳсуб меёбанд» [21].

Фард ҳамчун омили инсонӣ дар низоми идоракунии бозори меҳнат нақши калидӣ дорад ва усулҳои идоракунии он аз сохтори таркиби фард вобаста мебошад (ҷадв. 1.2).

Аз маълумоти ҷадвали 1.2. чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки усули маъмурӣ қувваҳои истеҳсолкунандаи пешрафтаро талаб намекунад ва он дар сатҳи муқаррарӣ мавриди истифода қарор дода мешавад, яъне ин усул хоси замони ғуломдорӣ буд. Дар замони ғуломдорӣ идоракунӣ тавассути методи зӯроварии ҷисмонӣ, таҳдид, фармонҳо ва қонунҳо амалӣ карда мешуд. Аммо, бо назардошти дигаргуншавии муносибатҳои меҳнатӣ байни корфармо ва коргар, методи маъмурӣ аҳаммияти худро аз даст додааст ва истифодаи он самараи нокифоя дорад. Дар шароити муосир, ки асоси муносибатҳои меҳнатиро созиши тарафҳо ташкил медиҳад, истифодаи усули маъмурӣ қобили қабул нест. Усули идоракунии иқтисодӣ бо хусусияти худ ба шавқу ҳаваси одамон, хоҳиши онҳо, манфиатҳои моддӣ, муҳаббат нисбат ба пул ва қаноатмандии онҳо таъсир мерасонад. Усули идоракунии анъанавӣ бошад на ба ҷисм, ҳолати равонӣ ва шавқу ҳаваси фард, балки ба ақл, зеҳн ва фаҳмиши он таъсир мерасонад. Аз нигоҳи мо дар шароити кунунии бозори

меҳнат татбиқи усули иқтисодӣ ва анъанавии идоракунӣ нисбатан натиҷаҳои мусбат медиҳад.

**Ҷадвали 1.2. – Усулҳои идоракунии фард дар низоми муносибатҳои иқтисоди бозорӣ**

| Усулҳои идоракунӣ | Сохтори объекти идоракунӣ (фард) | | | Афзалият ва норасоии усулҳои идоракунӣ |
|---|---|---|---|---|
| | Ҷисм ҳамчун қонеъ-кунандаи талаботи ҷисмонӣ | Қалб (шавқ, эҳсос, ҳиссиёт, нигаронӣ) | Рух (ақл, зеҳн, фаҳмиш) | |
| Маъмурӣ (фармон-фармоӣ) | Ҷавобгӯйи талаботи фард ба меҳнат | Қалб барои водории шавқ, эҳсос, ҳиссиёти фард | Қобилияти даркнамоӣ, дониши фард ва маърифатнокӣ барои дарк намудани ҷараёни корӣ ва фарҳанги баланди инсонӣ | ***Афзалиятҳо:***<br>– неруи таъсиррасонӣ доштан дар замони ғуломдорӣ;<br>– шароити маҳдуди истифодабарӣ доштан дар замони муосир.<br>***Норасоиҳо:***<br>– монеаи рушди қобилияти меҳнатӣ;<br>– ҳавасманд набудани қувваи корӣ ба натиҷаҳои меҳнатӣ. |
| Иқтисодӣ (ҳавасмандӣ) | Ҳаракати фард барои ноил гаштан ба натиҷаҳои корӣ | Пурра бо шавқ ба кор, ба меҳнат дода шудани фард | Дарк намудани натиҷаи кори иҷрокардашуда | ***Афзалиятҳо:***<br>– ҳавасманд будани қувваи корӣ ба самараи натиҷаҳои меҳнатӣ;<br>– қонеъгардонии талаботи моддии фард.<br>***Норасоиҳо:***<br>– коҳишёбии неруи идоракунӣ баробари ноустуворгардии имкониятҳои молиявӣ;<br>– зарурати тағйири методи идоракунӣ. |
| Анъанавӣ (маънавӣ) | Иҷрои кор бе ягон мушкилӣ ба таври муқаррарӣ | Бо завқ ва эҳсосот дода шудан ва амалан аз уҳдаи кор баромадан | Фаҳмиши иҷрои кор ба таври равонӣ | ***Афзалиятҳо:***<br>– зинаи баландтарини идоракунии фард;<br>– идоракунии нисбатан осони ҳайати коллективи меҳнатӣ.<br>***Норасоиҳо:***<br>– нисбатан ғайриимкон будани таъсирнокии методи мазкур барои ҳама аъзои коллективи меҳнатӣ;<br>– ҷой доштани зарурати тағйири методи идоракунӣ барои фардҳои алоҳида. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси [21].

Низоми идоракунии бозори меҳнат аз усулҳои объективӣ ва субъективии идоракунӣ иборат мебошад. Усулҳои объективӣ усулҳои бозорӣ буда, аз манфиатҳои субъективии давлат ва шарикони иҷтимоӣ вобастагӣ надоранд. Ба усулҳои идоракунии субъективӣ он методҳое шомил мебошанд, ки аз ҷониби мақомотҳои дахлдор коркард мешаванд ва рӯйи кор меоянд, аз ҷумла хадамоти шуғл, ташкилотҳо, шарикони иҷтимоӣ ва дигар ниҳодҳои давлатӣ. Интихоби усулҳои афзалиятноки идоракунӣ аз самаранокии идоракунӣ, яъне нақши субъекти идоракунӣ дар низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, вобаста мебошад.

Ба сатҳи бекории умумӣ мақомотҳои давлатии минтақа бо роҳи ғайримустақим ва бо истифодаи чораҳои қонунгузорӣ ва сиёсати сармоягузорӣ, молиявию қарзӣ ва андозӣ таъсир мерасонанд. Ба бекорони бақайдгирифташуда бошад, тавассути татбиқи барномаҳои таъсиси ҷойҳои корӣ, рушди соҳибкорӣ, баландбардории сатҳи касбияти бекорон ва омодакунии кадрҳои баландихтисос таъсир расонида мешавад.

Аз байн бурдани шиддатнокии иҷтимоӣ тавассути дастгирии барномаҳои шуғл, даромадҳои бекорони камбизоат, мутобиқшавии иҷтимоӣ ва меҳнатии кормандони азкорозодкардашуда ва дигар шаҳрвандони бекор, рӯйи кор омадани навгониҳои дарёфти мустақилонаи корҳо, ҳавасмандӣ ба фаъолияти меҳнатӣ, баландбардории сифати қувваи корӣ ва ғайра имконпазир мебошад. Дар баробари нуқтаҳои қайдшуда метавон ба сифати яке аз усулҳои нав ва нисбатан самараноки идоракунии бозори меҳнати вилоят ва шаҳру ноҳияҳо ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ ва гузаронидани ярмаркаҳои ҷойҳои холӣ ва вазифаҳои озодро ном бурд.

Дар маҷмуъ, метавон қайд намуд, ки идоракунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он бояд ба самти бунёди шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва институтсионалии баландбардории самаранокии фаъолияти бозори меҳнат равона карда шавад. Дар баробари ин, механизми идоракунии мазкур бояд оқибатҳои манфии бозори меҳнатро аз тариқи низоми омӯзиши бекорон, азнавомодакунии кормандони азкорозодшуда,

пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба корхонаҳо, пешниҳоди квотаҳо ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, кафолати таъмини шуғли бекорон маҳдуд намояд.

«Усулҳои зерини идоракунии бозори меҳнат вуҷуд доранд:

а) усулҳои идоракунии талабот ба қувваи корӣ;
б) усулҳои идоракунии таклифоти қувваи корӣ;
в) усулҳои зиёдкунии талабот ба қувваи корӣ;
г) усулҳои ихтисори талабот ба қувваи корӣ.

Истифодабарии усулҳои мазкур дар амалия аз ҳолати бозори меҳнат вобаста мебошад. Ин усулҳо бо роҳи қабули қонунҳо, назорати иҷроиши қонунҳо, коркард ва татбиқи сиёсати муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ, аз ҷумла пардохтҳо ва ҳавасмандкунии меҳнат дар рафти идоракунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он истифода мешаванд» [142, С. 299].

Барои идоракунии бозори меҳнат усули идоракунии талабот ва таклифоти қувваи корӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Механизми иқтисодию иҷтимоии идоракунии талаботи қувваи корӣ ин чорабиниҳо дар самти тағйири рафтори иқтисодии субъектҳои иқтисодӣ бо роҳи мутобиқ намудани онҳо ба талаботи муҳити бозорӣ мебошад. Истифодабарии усулҳои ҳавасмандкунии талабот ба қувваи корӣ ба самти таъмин ва дастгирии шуғли қувваи корӣ, рушди соҳаҳо ва соҳаҳои афзалиятноки минтақа равона карда мешавад. Аз нигоҳи мо, ҷорӣ намудани ҳавасмандкуниҳо оид ба таъсиси ҷойҳои кории доимию муваққатӣ, ҳамчун чорабинии умумииқтисодӣ ва идоракунии захираҳои меҳнатии ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он, муҳим арзёбӣ мегардад. Татбиқи чораҳои мазкур дар шароити ҷой доштани низоми андозбандӣ ва қарздиҳии имтиёзноки минтақа барои соҳаҳои иқтисодиёт, ки талабот ба қувваи кориро афзоиш медиҳад, имконпазир мебошад. Мутобиқ будани чунин шароит имконият медиҳад, то корхонаҳо манфиати иқтисодӣ ба даст оранд, шуғли ҷавонон, маъюбон ва дигар гурӯҳҳои аҳолии дар бозори меҳнат рақобатнопазирро таъмин карда, ҷойҳои кории муваққатиро бунёд намоянд.

Механизми иҷтимоию иқтисодии ташаккули таклифоти қувваи корӣ чораҳоро оид ба тағйири рафтори иқтисодии субъектҳои алоҳида, ки ба рушди тафаккури иқтисодӣ, ҳамчун воситаи баҳодиҳӣ ва интихоби алтернативаҳои иқтисодӣ алоқаманд мебошад, дар бар мегирад. Усулҳои идоракунии таклифоти қувваи корӣ низ аз усулҳои зиёдкунӣ ва ихтисори таклифоти қувваи корӣ иборат мебошанд. Дар шароити кунунии рушди ҷомеаи имрӯзаи ҷумҳурӣ афзоиши таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнат имконнопазир мебошад. Амалияи имрӯзаи бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он нишон медиҳад, ки таклифоти қувваи корӣ аз ҳисоби сохтори касбӣ ва сохтори тахассусмандӣ ба бозори меҳнат зиёд буда, лекин талабот ба он ҷавобгӯй намебошад. Дар алоқамандӣ бо вазъи ҷойдошта зарур аст, ки низоми мукаммали таълими касбӣ, бозомӯзӣ, баландбардории тахассусмандии кадрҳои низоми хадамоти давлатии шуғли аҳолӣ ва муассисаҳои таълимӣ, коркарди барномаҳои махсуси баландбардории рақобатпазирии гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ дар бозори меҳнат рӯйи кор оварда шаванд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он афзоиши мунтазами таклифоти қувваи корӣ нисбати талабот ба он дида мешавад. Чунки, дар маҷмуъ, мумкин аст зарурати ихтисори таклифоти қувваи кориро дар заминаи гузаштан ба чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионии рушди иқтисодӣ дар бозори меҳнат ба вуҷуд орад. Ҷой доштани мушкилоти барзиёдии таклифоти қувваи корӣ нисбати талабот боиси он мегардад, ки чораҳои ихтисори таклифоти қувваи корӣ на танҳо дар сатҳи давлатӣ, инчунин дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи кишвар пиёда гардонида шаванд. Дар чорчӯбаи иқтисоди бозорӣ, ки зарурати такмили доимии ҷараёну шаклҳои гуногуни меҳнат ба вуқуъ мепайвандад, махсусан, истифодаи воситаҳои индустриалӣ–инноватсионӣ дар ҷараёни истеҳсолот боиси он мегардад, ки қисман мутахассисон, ки тахассусманд нестанд, онҳоро ба курсҳои омӯзиши тахассус ё дар мавриди ҷавобгӯй набудан ба талабот ба дигар кор гузаронидан зарур мешавад.

Ҳавасмандгардонии хуруҷи қувваи корӣ ба бозори меҳнат имкон дорад бо роҳи зиёд намудани ҳаҷми пардохти нафақа, ҷорӣ намудани ҳавасмандгардониҳо дар самти барвақт ба нафақа баромадани шаҳрвандон амалӣ карда шавад. Аз бозор берун кардани қувваи корӣ ба ҳар гуна роҳ, махсусан аз тариқи ба нафақа баровардан, дар ҳолате ки маблағи пардохти нафақа рӯзгори нафақагир ё талаботи онро ба маводҳои ниёзи аввала таъмин карда наметавонад, ин роҳи ҳалли масъала нест. Ба нафақа баромадан фақат дар заминаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, махсусан Қонун «Дар бораи нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», амалӣ карда мешавад. Қабул ва истифодаи усулҳои идоракунӣ аз ҳолати ҷойдошта дар бозори меҳнат вобаста мебошад. Вобаста ба ин, зарур аст, ки омилҳо ва шароити фаъолияти бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он дар чорчӯбаи рушди индустриалӣ-инноватсионӣ зери омӯзиш қарор дода шаванд.

Дар шароити кунунӣ роҳҳои илман асоснокнамоии идоракунии бозори меҳнат ҷой доранд, ки онҳоро метавон ба ҷараёнӣ, такрористеҳсолӣ, вазифавӣ, маркетингӣ, комплексӣ ва ғайра ҷудо кард.

Дар низоми иқтисоди бозорӣ усули маркетингӣ нақши калидиро мебозад. Усули мазкур бо роҳи таҳқиқи динамикаи талабот ва таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнат амалӣ карда мешавад.

Яке аз усулҳои босамар ва ҷавобгӯй ба шароити кунунии низоми идоракунии бозори меҳнат – ин усулҳои муосири идоракунии кадрҳо маҳсуб меёбад. Чунки дар шароити гузаштан ба ҷараёни индустриалӣ–инноватсионии рушд истифодаи усулҳои куҳна барои таъмини самаранокии низоми идоракунии бозори меҳнат, аз ҷумла идоракунии кадрҳо ҷавобгӯй буда наметавонанд. Аз гуфтаҳои боло бармеояд, ки дар шароити кунунӣ менеҷменти муосири кадрӣ бояд усулҳои фаъоли идоракуниро дар бар гирад. Мо чунин меҳисобем, ки раванди индустриалӣ–инноватсионии идоракунии кадрҳо бояд низоми усулҳои ба он хосро бояд фаро гирад (расми 1.2).




**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси [24].

**Расми 1.2.** – Усулҳои муосири идоракунии кормандон дар чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионӣ.

Тавре ки дар расми 1.2 оварда шудааст, усулҳои муосири идоракунии кадрҳо барои ҳалли мушкилоти зерин мусоидат менамоянд:

а) ҳалли масъалаҳои иҷтимоии баландбардории сатҳи некӯаҳволии кормандон ва қаноатмандии меҳнати онҳо;

б) камкунии сатҳи азкорравии кадрҳо, бадандбардории нуфузи корҳо, ки дар навбати худ, ҷалби коргарон ва мутахассисони баландихтисосро таъмин менамояд;

в) баландбардории сатҳи саломатии кормандон, пасткунии сатҳи

беморӣ ва камкунии шумораи рӯзҳои корӣ, ки корманд дар ҳолати ғайриқобили меҳнат будан сипарӣ менамояд.

Ҳамин тавр, аз омӯзиши расми 1.2. ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки истифодаи низоми усулҳои муосири идоракунӣ имконият медиҳад, то ҳайати кормандон ҷойҳои кории худро муддатҳои тулонӣ нигоҳ доранд ва бо ин восита, сатҳи бекорӣ низ кам карда шавад.

Идоракунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ҳамчун низоми мураккаби иҷтимоӣ-иқтисодӣ, ки намудҳои мухталиф ва низоми усулҳои идоракуниро фаро мегирад, аз як тараф, зернизоми танзими бозори меҳнат ва тарафи дигар, зернизоми идоракунии соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди минтақа баромад менамояд. Вобаста ба ин, ба ақидаи мо, идоракунии чунин низоми мураккаби иҷтимоию иқтисодӣ бояд бо назардошти қонуниятҳо ва хусусиятҳои рушди ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он ба роҳ монда шавад.

Ба ақидаи олими рус – М.Л. Калужский «*идоракунии маркетингӣ ва стратегӣ* усулҳои муосири идоракунии бозори меҳнат маҳсуб меёбанд» [22].

Самтҳои асосии идоракунии маркетингии бозори меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он инҳо ба ҳисоб мераванд:

– таҳлили мавқеи қувваи корӣ дар бозори меҳнат;

– муайян намудани даври ҳаётии қувваи корӣ дар бозори меҳнат бо назардошти тағйирёбии вазъият;

– ошкоркунии омилҳои асосии рақобатпазирии қувваи корӣ дар бозори меҳнат;

– омӯзиши қонуниятҳои сиёсати нархгузорӣ дар маркетинги қувваи корӣ;

– тавсифи хусусиятҳои асосии қувваи корӣ дар бозори меҳнат ҳамчун объекти омӯзиши фаъолияти маркетингӣ;

– омӯзиши механизми шуғли амалкунанда ҳамчун танзимкунандаи талабот ва таклифоти қувваи корӣ;

– муайян намудани қоидаҳои тафриқаи бозори меҳнат;

– мониторинги вазъи бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру

ноҳияҳои он, пеш аз ҳама, омӯзиши талабот ба захираҳои меҳнатӣ;

– мониторинг ва баҳодиҳии самаранокии фаъолияти маркетингӣ дар бозори меҳнат.

Аз нигоҳи мо, чораҳои идоракунии стратегии бозори меҳнат баландбардории сатҳи шуғли аҳолии ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои онро метавонанд бо роҳҳои зерин таъмин намоянд:

1. Коркард ва татбиқи барномаҳои мукаммали маркетингӣ дар самти идоракунии шуғл аз тариқи бунёди ҷойҳои кории перспективӣ ва муҳлатҳои тулонӣ нигоҳ доштани ҷойҳои кории мазкур.

2. Рушди менеҷмент ва маркетинги бозори меҳнат то сатҳе, ки тавонад ҳамоҳангии манфиатҳои соҳаи маориф ва бозори меҳнатро таъмин кунад.

3. Рушди мақсадноки шаклҳои гуногуни шуғл, аз ҷумла афзоиши шуғли аҳолӣ дар соҳаи сайёҳӣ ва дигар соҳаҳои афзалиятнок.

4. Дастгирии давлатии молиявии корхонаҳое, ки дар татбиқи барномаҳои рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он иштирок менамоянд.

5. Рушди корхонаҳои хурду калон, ки барои самаранок истифодабарии сармояи инсонӣ мусоидат менамоянд.

6. Такмили асосҳои ташкилию ҳуқуқии фаъолияти низоми давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, инчунин бо ҷойи кор таъминкунӣ ва бозомӯзии қувваи кории бекормонда дар асоси таҳқиқоти маркетингии бозори меҳнат.

Дар баробари усулҳои идоракунии маркетингӣ ва стратегӣ, низоми идоракунии бозори меҳнати минтақавӣ дигар методҳо ва воситаҳоро низ дар бар мегирад. Идоракунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он дар ҳолате босамар дониста мешавад, ки низоми идоракунӣ чораҳои саривақтӣ ва мукаммалро амалӣ карда тавонад. Низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон аз маҷмуи усулҳо ва роҳҳои идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ иборат мебошад (расми 1.3).




**Манбаъ**: Коркарди муаллиф дар асоси омӯзиши маводи илмию амалии дар гардиши илмӣ ҷойдошта [52, С. 277; 127, С. 240-259].

**Расми** 1.3. Низоми идоракунии бозори меҳнат дар чорчӯбаи рушди индустриалӣ–инноватсионии иқтисодиёт.

Тавре аз маълумоти расми 1.3 бармеояд, низоми идоракунии бозори меҳнат дар сатҳи вилоят як қатор унсурҳоро дар бар мегирад. Субъектҳои идоракунии бозори меҳнат дар сатҳи мазкур сохторҳои марбутаи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлонро фарогир мебошанд. Субъектҳои мазкур, бо истифода аз механизми идоракунии ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иқтисодию иттилоотӣ, чорабиниҳои идоракуниро аз болои муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ ва захираҳои меҳнатии бозори меҳнати вилоят пиёда мегардонанд.

Ҷадвали 1.3. – Намудҳои идоракунии бозори меҳнат дар чорчӯбаи рушди индустриалӣ–инноватсионии иқтисодиёт.

| Намудҳои идоракунӣ | Объекти идоракунӣ | | | | Ҳадафи ниҳоии намудҳои идоракунӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | Ҷумҳурӣ | Минтақа | Корхона | Фард | |
| Ҷумҳуриявӣ | Х | Х | Х | Х | Таъмини фаъолияти қонунӣ, саривақтӣ ва босамари бозори меҳнат, ки ба рушди муносибатҳои меҳнатӣ ва иқтисодиёти миллӣ нигаронида шудааст. |
| Минтақавӣ | | Х | Х | Х | Ба роҳ мондани фаъолияти босамари бозори меҳнат дар асоси фаъолнокии субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ, аз мавқеи рушди иқтисодиёти минтақа. |
| Корхонавӣ | | | Х | Х | Ба роҳ мондани фаъолияти самараноки корхонаҳои алоҳида дар самти афзоиши талабот ба қувваи корӣ ва таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ. |
| Инфиродӣ | | | | Х | Таъмини ҳамоҳангии талаботи бозори меҳнат ва донишу малака, инчунин таҷрибаи захираҳои меҳнатӣ. |

**Манбаъ:** таҳияи муаллиф дар асоси [21].

Низоми муосир ва пешрафтаи танзими давлатии бозори меҳнат амали мутақобилаи ҳама намудҳои идоракуниро таъмин менамояд. Намудҳои

идоракунии бозори меҳнат вобаста ба субъект ва объекти низоми идоракунӣ таснифот карда мешаванд (ҷадв. 1.3). Чи тавре ки аз ҷадвали 1.3 дида мешавад, «давлат бозори меҳнатро дар сатҳи мамлакат, минтақа, корхона, инчунин дар сатҳи фарди алоҳида идора мекунад. Идоракунӣ дар заминаи истифодаи механизмҳои гуногун аз ташкил то таъмини ҳамгироӣ ба роҳ монда мешавад. Агар субъекти идоракунӣ минтақа бошад, пас ҷараёни идоракунӣ минтақа, корхона ва фардро фаро мегирад. Корхона дар навбати худ ду намуди идоракуниро амалӣ менамояд ва фард бошад, имконияти иштирок намуданро дар идоракунии сатҳи ҷумҳурӣ, минтақа ва ё хоҷагии алоҳида дорад. Аз тартиби идоракунии зикршуда бармеояд, ки ҳангоми гузариш аз намуди идоракунии ҷумҳуриявӣ ба намуди инфиродӣ доираи идоракунӣ метавонад маҳдуд гардад»[21].

Намуди идоракунӣ мувофиқ ба барномаи бозори меҳнат муқарраргардида яке аз намудҳои афзалиятноки идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ дониста мешавад. Дар алоқамандӣ бо ҳамин, аз нигоҳи мо, ба манфиати бозори меҳнат мебуд, агар дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ дар чорчӯбаи рушди индустриалӣ–инноватсионии иқтисодиёт коркард ва давра ба давра амалӣ мешуд. Инчунин коркарди барномаҳои идоракунии ҷараёни омодакунии қувваи корӣ, пешгӯйии хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва дигар зинаҳои таҳсилот, бозомӯзӣ ва такмили ихтисос, коркарди барномаҳои мақсадноки ҳудудӣ, азкорозодкунии қувваи корӣ ва ҳифзи иҷтимоии онҳо барои рушди низоми идоракунии бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он мусоидаткунанда амаликунонии онро дар ҳамин чорчӯба ба роҳ монд.

Яке аз намудҳои идоракунии субъективии бозори меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳия ин идоракунии барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии ҳудуди муайян мебошад. Аз нигоҳи мо, идоракунии барномаи мазкур тавре бояд ба роҳ монда шавад, ки афзоиши талаботи чандирӣ ба қувваи корӣ, баландшавии сифати қувваи корӣ ва тавозуни талаботу таклифоти он

дар сатҳи ҳудуди алоҳида ва ҷумҳуриро метавон таъмин кард.

Ба ақидаи мо, барномаи ҳудудии мусоидат ба шуғл метавонад мушкилоти барзиёдии қувваи кории вилоят ва шаҳру ноҳия нисбат ба ҷойҳои кориро бартараф намояд, агар принсипҳои зерин ба инобат гирифта шаванд:

а) танзими комплексии шуғл ва бозори меҳнат, ба инобат гирифтани омилҳои иқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ ва дигар омилҳо, ки шуғли пурра, пурмаҳсул ва озоду интихобиро таъмин менамоянд;

б) афзалият додан ба амалҳои фаъоли бозори меҳнат;

в) истифодабарии самараноки воситаҳои молиявӣ, ки барои ҷорикунии барнома сафарбар мешаванд.

Ҳамин тавр, идоракунии бозори меҳнат, ки дар асоси барномаи мусоидат ба шуғли пурмаҳсул бояд амалӣ карда шавад, метавонад дарбаргирандаи самтҳои зерин дар чорчӯбаи рушди индустриалӣ–инноватсионии иқтисодиёт бошад, аз ҷумла:

1. Таъсиси ҷойҳои кории нав ва аҳаммияти дурнамодошта, ки имконияти таъмини шуғли аҳолии қобили меҳнат ва бекорони дар ҷустуҷӯи корро дорад;

2. Идоракунии касбият, аз ҷумла омодакунӣ, азнавомодакунӣ ва баландбардории дараҷаи тахассуси қувваи корӣ, аз ҷумла шаҳрвандони бекор;

3. Идоракунии тақсимоти аввалияи қувваи корӣ, яъне сафарбаркунии хатмкунандагони муассисаҳои олии таъсилоти касбӣ ба корхонаю муассисаҳои соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ;

4. Идоракунии азнавтақсимкунии қувваи корӣ, аз ҷумла бакортаъминкунӣ, интиқоли қувваи корӣ, азнавтақсимкунии ҳудудии қувваи корӣ, аз ҷумла дар сатҳи ташкилотҳо, соҳаҳо ё байни соҳаҳои иқтисоди миллӣ.

Дар ҳамин асос, як қатор омилҳое пайдо мешаванд, ки метавонанд рушди бозори меҳнатро дар чорчӯбаи рушди индустриалӣ-инноватсионӣ таъмин намоянд. Ба ақидаи мо, омилҳои асосие, ки ба самаранокии

идоракунии барномаи ҳудудии мусоидат ба шуғл таъсир мерасонанд, инҳо мебошанд:

– такмили қонунгузорӣ ва заминаҳои меъёрӣ;

– муайян намудани таносуби муносиби байни чораҳои сиёсати фаъол ва ғайрифаъоли шуғл. Кумакҳо барои бекорон бояд тавассути ҷустуҷӯи фаъоли корҳо ва иштирок дар барномаҳои махсуси мусоидат ба шуғл амалӣ карда шаванд;

– васеъ намудани барномаҳо ва хизматрасониҳо дар самти роҳнамоии касбии аҳолӣ ва дастгирии равонии бекорон;

– ба сифати самти афзалиятноки сиёсати фаъоли баландбардории рақобатпазирии қувваи корӣ ва баландбардории сатҳи касбияти онҳо муайян намудани барномаҳои омӯзиши касбӣ;

– васеъ намудани барномаҳои мутобиқшавии иҷтимоӣ, ба монанди «Клуби ҷустуҷӯи корҳо», «Оғози нав», «Таҷрибаҳосилкунӣ», «Омӯзиши калонсолон» барои шаҳрвандоне, ки дар ҷараёни таъмини шуғл ба мушкилиҳо дучор мешаванд;

– ташкили корҳои ҷамъиятӣ ва омӯзонидани таҷрибаи пешқадам ба кормандони аз кор озодшуда бо истифодаи воситаҳои худии ташкилотҳо;

– такмили махзани маълумот дар бораи талабот ба қувваи корӣ, ҷойҳои кории холӣ, вазифаҳои озод ва дигар маълумоти муфид;

– рушди ҳамкории иҷтимоӣ дар самти таъмини шуғли аҳолӣ;

– коркарди механизми алоқаи мутақобилаи бозори меҳнати вилоят ва ё шаҳру ноҳия ва соҳаи маориф ҳамчун шарти зарурии омодакунии кадрҳои мутобиқ ба талаботи бозори меҳнат ва маҳдудкунии таваккали бекорӣ байни мутахассисони ҷавон;

– таъмини истифодаи дурусти воситаҳои буҷети вилоят ва шаҳру ноҳия, ки барои барномаҳои рушди онҳо, алалхусус рушди бозори меҳнат, сафарбар карда мешаванд.

Аз омӯзиши маводи дар ин қисмати таҳқиқот бадастовардашуда муайян ва ошкор карда шуд, ки дар шароити кунунӣ бозори меҳнати минтақа бо

истифодаи усулҳои гуногун идора карда мешавад. Аммо усулҳои нисбатан босамари идоракунӣ аслан усулҳои инноватсионӣ, маркетингӣ ва стратегӣ мебошанд. Усулҳои мазкур бо роҳи ҳалли масъалаҳои иҷтимоии баландбардории сатҳи некуаҳволии кормандон ва қаноатмандии меҳнати онҳо; камкунии сатҳи азкорравии кадрҳо, васеъ намудани имкониятҳо барои таъсиси ҷойҳои корӣ ва таъмини мувофиқати сатҳи касбияти захираҳои меҳнатӣ ба талаботи бозори меҳнат дар низоми идоракунии бозори меҳнати минтақа муҳим мебошанд. Ба ақидаи мо, имрӯз дар шароити рушди индустриалӣ–инноватсионии иқтисодиёт тамоми равандҳои он давра ба давра метавонад дар заминаи қобилияти зеҳни сунъӣ истифодаи ҳар гуна худкорҳоро бе ягон мамоният таъмин намояд.

## 1.3. Таҷрибаи хориҷии идоракунии бозори меҳнат ва истифодаи он дар иқтисоди миллӣ

Таҷрибаи кишварҳои рушдкарда нишон медиҳад, ки яке аз ниҳодҳои калидии механизми иқтисоди бозорӣ – ин бозори меҳнат мебошад. Бозори меҳнат имконият медиҳад, то неруи меҳнат самаранок истифода карда шавад, муҳити рақобатӣ барои ҷойҳои корӣ ба миён омада, тахассусмандии кадрҳо баланд бардошта шавад. Дар ин асос мо таҳқиқоти як қатор давлатҳо, махсусан мамлакатҳои Аврупо, ки дар он ҷо идоракунӣ ва танзими бозори меҳнат хусусиятҳои хоси худро доранд, мавриди омӯзиш қарор додем. Аз ҷумла, қонунгузории устувори соҳаи меҳнат, танзими ҷиддии муносибати мутақобилаи байни корфармоён ва кормандон дар самти кироя, озодкунӣ аз кор ва шароити корҳоро дар сохтори давлатии онҳо омӯхтем.

Масалан, Н.В. Попова қайд менамояд, ки «... идоракунии бозори меҳнат дар мамлакатҳои ғарб ба принсипи шарикии иҷтимоӣ асос меёбад» [28, С. 592-595]. Яке аз мақсадҳои асосии амсилаи австриягии рушди иқтисодӣ дар солҳои охир ба бунёди принсипи шарикии иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Дар заминаи шарикии иҷтимоӣ бунёди муҳити меҳнатии осоишта дар кишвар тавассути кафолати шуғли пурра имконпазир аст. Аз нигоҳи иқтисодчиёни австриягӣ бунёди «муҳити олами иҷтимоӣ» барои рушди бозори меҳнат

мусоидаткунанда мебошад. Танзими шуғл ва идоракунии сохтори бекорӣ, шумораи бекорон дар ҳудуди минтақа, соҳа ва ҳалли мушкилоти таъмини шуғл ва коҳиш додани бекорӣ масъалаи афзалиятноки низоми идоракунии меҳнат дар мамлакатҳои дорои низоми иқтисоди бозорӣ дониста мешавад.

Имрӯзҳо дар Фаронса шуғли бахши хусусӣ ҳамчун шакли ихтиёрии шуғл нисбатан доман паҳн кардааст. Дар ин кишвар давлат барои паст кардани шиддати бозори меҳнат ҳавасмандии шуғли бахши хусусӣ ва ба соҳибкорон пешниҳод намудани дотатсияҳоро дар шароити вақти кории нопурра барои ҳар як фарди шуғлдошта истифода менамояд. Яке аз намудҳои идоракунӣ, ки ба пасткунии шиддати бозори меҳнат нигаронида шудааст – «тақсимоти ҷойи корӣ» байни ду корманд мебошад. Ин намуди идоракунӣ дар корхонаҳое, ки кор ба таври ҳамарӯза ва бо давомнокии нисбатан кам ҷараён дорад, истифода мешавад. Аз рӯйи пешгӯйиҳо дар Фаронса дар ҳудуди то 2/3 ҳиссаи ҷойҳои корӣ тақсимот карда мешавад, аммо ин рақам аз 10 % зиёд нест. Барои соатҳои коркардашудаи кормандон, ки дар натиҷаи тақсимот иҷро карда шудаанд, маблағи музди кори онҳо набояд аз ҳаҷми маблағи рӯзи пурраи корӣ кам бошад, чунки ҳар яке аз кормандон дар давоми ҳафта на кам аз 15 соат фаъолият менамоянд.

Амсилаи фаронсавии идоракунии бозори меҳнат бар фаъолияти хонаҳои хоси машваратӣ асос меёбад. Дар Фаронса хизматрасониҳо оид ба таъмини шуғл аз ҷониби кабинетҳои машваратӣ ба роҳ монда мешаванд, ки фаъолияти кабинетҳои мазкур самтҳои зеринро фаро мегирад:

– таҳлил ва ҷамъбасти корҳои қаблии аз кор озодшудагон ва коркарди лоиҳаҳои рушди ояндаи онҳо;

– коркарди стратегия ва усулҳои омӯзиши вазъияти бозори меҳнат ва муайян намудани алоқаи корӣ;

– муайян намудани алоқа бо хонаҳои хоси машваратӣ дар самти интихоби кадрҳои корхонаҳо, хадамотҳои алоҳида ва иттиҳодияҳои касбӣ;

– омӯзиши пешниҳодҳо оид ба кироякорон.

«Идоракунии бозори меҳнат дар ҳар як давлат хусусияти хоси худро

дорад. Бекорӣ, ки яке аз паҳлуҳои бозори меҳнат дониста мешавад, чораҳои идоракунии он бояд тамоми муносибатҳои ҷойдоштаро дар ин самт фаро гирифта тавонад. Дар самти кумак барои бекорӣ қонунгузории кишварҳои ҷаҳон тартиботи мухталифро муайян кардаанд. Масалан, дар ИМА муҳлати дарозтарини пардохти кумакҳо 26 ҳафтаро ташкил медиҳад. Ҳаҷми кумак дар ин кишвар солҳои 90–уми асри XX ба 200 доллар баробар буд» [28, С. 592-595].

Муносибати мувофиқ ва дуруст нисбати бекорон дар қонунгузории Шветсия дида мешавад. Дар ин кишвар кумак барои бекорон 80 %–и музди маоши ниҳоиро ташкил дода, дар тули  то 450 рӯз пардохт карда мешавад. Дар Шветсия диққати асосӣ ба чораҳои фаъоли танзими бозори меҳнат, аз ҷумла баландбардории рақобатпазирии қувваи корӣ бо роҳи ҷорӣ намудани барномаи мусоидат ба шуғл, азнавомодакунии кадрҳо ва таъсиси ҷойҳои корӣ равона карда мешавад. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки давлати иҷтимоӣ мебошад, аз ин рӯ, истифодаи таҷрибаи Шветсия метавонад барои таъмини шуғли ҳиссаи назарраси аҳолӣ мусоидат намояд. «Амсилаи шветсиягии рушди ҷомеа, бо такя бар заминаи сиёсати иҷтимоӣ, барои ҳалли се масъалаи муҳим нигаронида мешавад:

а) таъмини принсипи баробарӣ, яъне имкониятҳои баробар барои некуаҳволии аъзои ҷомеа;

б) таъмини кафолати иҷтимоии аҳолӣ, ки дар ҳолатҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ қарор доранд;

в) ба вуҷуд овардани шароит баҳри таъмини шуғли пурраи аҳолии қобили меҳнат» [132, С. 14].

Аз нуқтаҳои овардашуда маълум мегардад, ки хусусияти амсилаи идоракунии бозори меҳнати Шветсия ба огоҳкунии бекорон нигаронида мешавад, на ба мубориза дар самти оқибатҳои бекорӣ. Дар ин кишвар Ҳукумати мамлакат дар сиёсати иҷтимоӣ диққати асосиро ба коркарди чорабиниҳои вобаста ба таъсиси ҷойҳои корӣ, аз ҷумла дар бахши давлатии иқтисодиёт; ҳамоҳангсозии муҳоҷирати аҳолӣ ва қувваи корӣ бо роҳи

пешниҳоди субсидияҳо ва қарзҳо барои фиристонидани оилаҳо аз ноҳияҳои дорои қувваи кории барзиёд ба ноҳияҳои дорои ҷойҳои кории холӣ; дастрасии фаврии аҳолӣ ба иттилооти саривақтӣ оид ба мавҷудияти ҷойҳои кори холӣ равона менамояд.

«Дар чорабиниҳои марбут ба татбиқи сиёсати шуғл 3 % –и ММД ва 7%–и буҷети Шветсия масраф мегардад» [132, С. 13]. Бояд қайд намуд, ки муваффақияти Шветсия дар ноилгардӣ ба таъмини шуғли пурра, пеш аз ҳама, ба имкониятҳои устувори молиявии он вобаста мебошад. Аз ҳаҷми маблағи зикргардида 70%–и он барои чорабиниҳои зерини идоракунии бозори меҳнат сафарбар карда мешавад:

– омодагии касбӣ ва аз нав омодакунии шаҳрвандоне, ки бе кор мондаанд ва ё зери таҳдили бекорӣ қарор доранд;

– таъсиси ҷойҳои кории нав, аз ҷумла дар бахши давлатии иқтисодиёт;

– таъмин ва дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои иттилоотӣ дар заминаи маҳзани маълумотии компютерӣ оид ба ҷойҳои кори холӣ дар минтақаҳои мамлакат;

– ҳавасмандии рушди соҳибкории хурд аз тариқи пешниҳоди қарзҳои давлатӣ ва субсидияҳо.

Дигар нуқтаро бояд қайд намуд, ки дар Шветсия ширкатҳои давлатии минтақавӣ амал менамоянд, ки дар рафти фаъолияти корхона ва ташкилотҳои истеҳсолкунандаи молҳои нав ширкат меварзанд, корхонаҳои хурду миёнаро дастгирӣ намуда, барои ҳалли мушкилоти шуғл низ саҳми назаррас мерасонанд.

Низоми идоракунии чандирии бозори меҳнат дар ИМА низ ба чашм мерасад. Соҳибкорони ин кишвар дар шароити нохуб гардидани вазъияти иқтисодӣ ба ивази сабукдӯшкунии кормандон аз кор усули ихтисори рӯзи кориро дар корхона дер ба роҳ мемонанд. Дар ин ҳолат қисми музди маоши кормандонро аз рӯйи вақти коркарднашуда давлат пардохт менамояд. Аз як тараф. ҳаҷми пардохти воситаҳои пулии буҷетӣ дар шакли мазкур нисбат ба пардохти кумак барои бекорӣ камтар ба назар мерасад.

Ҳамчунин аксарияти кишварҳои ҷаҳон кӯшиши онро доранд, ки кумакҳоро барои бекорон ба ҳадди ақал расонанд, аз ҷумла Дания, Англия, Канада ва Олмон. Дар ин гурӯҳ давлатҳои аврупоӣ, ба монанди Шветсария ва Франсия, ба маҳдудкунии муҳлати пардохти кумакҳои мазкур роҳ пеш гирифтанд.

«Таҷрибаи Олмон дар самти идоракунии бозори меҳнат бар сиёсати фаъоли шуғл асос меёбад» [143, С. 51]. Дар ин кишвар аз ҷониби давлат ҳама истеҳсолкунандагон (корфармоён) нисбат ба ташкили ҷойҳои кории нав таъсис додашаванда ҳавасманд карда мешаванд. Инчунин дар шароити дигаргунсозии корхонаҳо, ки дар онҳо эҳтимолияти ихтисори ҷойҳои корӣ ба вуҷуд меояд, давлат тадбирҳо меандешад, то ки сатҳи шуғли кормандони онҳоро низ нигоҳ дорад ва ба корхонаҳое, ки дар самти нигоҳдории кормандони худ муваффақ гаштаанд, имтиёзҳо пешниҳод намояд.

Дар кишварҳои Аврупо нақши фаъолро дар бозори меҳнат иттифоқҳои касаба мебозанд. Тибқи таҷрибаи Олмон, агар дар ҳайати шурои директорони ширкат намояндаи ташкилоти иттифоқи касаба ба сифати шахсият дастгир ва ҳимоякунандаи кормандон дар қабули қарорҳо иштирок намуда, шомил шуда бошад, пас он имконият пайдо менамояд, то ба таври мустақим дар рафти идоракунии чунин корхонаҳо иштирок кунад.

«Сиёсати фаъоли давлатӣ дар соҳаи шуғл дар кишварҳое, ба монанди Шветсия ва Норвегия, бар чораҳои пешгирии бекорӣ дар ҳамбастагӣ бо дастгирии бекорон асос меёбад. Сиёсати шуғли аҳолӣ дар ин мамлакатҳо аз чор унсури калидии зерин иборат мебошад:

– *сиёсати хазинавии маҳдудкунанда.* Ин сиёсат ба самти дастгирии корхонаҳои камдаромад ва ҷилавгирии фоидаи ширкатҳои сердаромад равона шудааст. Мақсади сиёсати мазкур коҳиш додани рақобати таваррумӣ аз ҳисоби зиёд намудани музди меҳнати пайдогаштаро метавонад дарбар гирад;

– *сиёсати ҳамфикрӣ дар музди меҳнат.* Сиёсати мазкур аз он иборат аст, ки новобаста аз вазъи молиявии корхона ва ё мансубияти соҳавии он

барои меҳнати баробар бояд музди меҳнати баробар дода шавад;

– *ҳавасмандкуниҳо дар самти таъсиси ҷойҳои нави корӣ*, инчунин бунёди марказҳои таълимӣ, бозомӯзии кадрҳо ва баланд бардоштани тахассусмандии онҳо;

– *интихобан дастгирӣ намудани корхонаҳое*, ки нишондиҳандаҳои иқтисодиашон нисбатан паст мебошад ва ҳалли масъалаҳои муҳимми иҷтимоиро таъмин менамоянд.

Тибқи таҷрибаи Финландия, бо мақсади идоракунии бозори меҳнат дар сатҳи минтақаҳо, марказҳои минтақавии иқтисод ва шуғл таъсис дода мешаванд» [79, С. 62]. Маркази мазкур барои ҳалли масъалаҳои вобаста ба дастгирӣ ва машваратдиҳии корхонаҳои хурд дар марҳилаҳои гуногуни даври ҳаётии онҳо қарордошта мебошад; мусоидат ба пешрафти технологӣ ва ҳалли масъалаҳои вобаста ба содирот; татбиқи сиёсати шуғл дар сатҳи минтақа; банақшагирӣ ва ташкили омӯзиши қувваи корӣ ба такмили ихтисоси онҳо бояд мусоидат намояд. Ба ақидаи мо, ташкил ва фаъолият намудани чунин марказҳо метавонанд дар таъмини устувории бозори меҳнати маҳаллӣ нақши муҳим дошта бошанд. Чунки ин марказҳо, ҳамчун ҷойи омодакунии қувваи корӣ ва ҷустуҷӯи кор барои қонеъ намудани талаботи корфармоён, ба пуррагӣ мусоидат менамоянд. «Инчунин ин марказҳо дар ҳамкориҳои муштарак бо корфармоён, ҳукумати маҳаллӣ ва муассисаҳои таълимӣ метавонанд дурнамои талабот ба омӯзиши касбӣ ва тахассуси иловагии қувваи кориро дар мувофиқа бо дархости корхонаҳо омода намоянд» [79, С. 62].

Ҳамин тавр, қабул ва ҷорӣ намудани таҷрибаҳои зикршуда, пеш аз ҳама, ба ислоҳоти соҳаи маориф вобаста мебошад, яъне соҳаи маориф бояд кадрҳоро дар самти фаъолияти индустриалӣ–инноватсионӣ омода намояд. Таҷрибаи хориҷии идоракунии бозори меҳнат дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ дар ҷадвали 1.4 оварда шудааст.

Ҷадвали 1.4. – Таҷрибаи хориҷии идоракунии бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ

| Мамлакатҳо | Таҷриба |
|---|---|
| Олмон | – бунёди ширкатҳо бо иҷораи қувваи корӣ, пешниҳоди маҷмуи хизматҳои иҷтимоӣ ба кормандон ва таъмини шуғли доимӣ дар шароити мавҷудияти шуғли муваққатӣ дар корхонаҳои мухталиф;<br>– пешниҳоди кумаки бекорӣ ба коргарони дорои музди меҳнати паст бо мақсади нигоҳдории ҷойи корӣ;<br>– соҳибкороне, ки дар корхонаи худ курсҳои бозомӯзии бекоронро ташкил менамоянд, ба муддати як сол аз пардохти аъзоҳақии суғуртаи иҷтимоӣ озод карда мешаванд;<br>– пасткунии сатҳи андозҳо дар ҳаҷми 30%. |
| Иттиҳоди Аврупо | – эътирофи мутақобилаи дипломҳои таҳсилот ва муқоисаи тахассусҳо;<br>– ҳавасмандкунии худмашғулӣ дар шакли пардохти яквақта, давравӣ ва ё дар шакли омехта;<br>– ҳавасмандгардониҳо барои қабул ва истифодаи шакли чандирии шуғл;<br>– ҳавасмандгардонии шуғли дуюм (шуғли иловагӣ). |
| Британияи Кабир | – ҳавасмандгардонии рафти бунёди иттиҳодияҳои кооперативӣ аз ҷониби кормандон дар ҳолати ҷой доштани таҳдиди басташавии корхонаҳо, ки сармояи саҳҳомиашон пасандозҳои кормандон мебошад;<br>– комилан ба ихтиёри бекорони дорои малакаҳои зарурии касбӣ вогузор намудани молиякунонии мақомотҳои маҳаллии кооперативҳо. |
| Франсия | – ба бекорон додани имконияти коркунӣ дар давоми сол ҳармоҳа 78 соат бо назардошти нигоҳ доштани кумаки бекорӣ;<br>– пешниҳоди имтиёзҳои молиявӣ дар шакли озодкунӣ аз пардохти андозҳои иҷтимоӣ дар тули 6 моҳ ба корхонаҳое, ки аз ҷониби бекорон бунёд карда шудааст. |
| Финландия | – мусоидат ба рушди ҳунарҳои мардумӣ ва хоҷагии моҳидорӣ;<br>– маблағгузорӣ аз буҷетҳои минтақавӣ ба тиҷорати хурди сайёҳӣ ва фароғатӣ ҳамчун сайёҳии «сабз». |
| Полша | – маблағгузориҳо аз буҷети минтақавӣ ба объектҳои инфрасохтори низоми корҳои ҷамъиятӣ. |
| Ҷопон | – ҳавасмандкунии кормандон аз тариқи пардохти иловапулиҳо барои аз бар намудани ихтисосҳои иловагӣ;<br>– ҳавасмандгардонии шартномаҳои байнишиҷркатӣ доир ба истифодаи муштараки қувваи корӣ, ки мувозинати шуғлро дар шароити тағйироти вазъи бозори молӣ таъмин менамояд;<br>– пешниҳоди субсидияҳо ба корхонаҳо баҳри ҳавасмандгардонии таъсиси ҷойҳои нави корӣ, ташкилу баргузории курсҳои омодакунӣ ва такмили ихтисоси кормандон. |
| Белорусия | – таҳкими мувозинати талабот ва таклифоти ҷойҳои корӣ бо назардошти талаботи рушди инноватсионии иқтисодиёт;<br>– беҳтаргардонии сифати қувваи корӣ дар тамоми манотиқи кишвар;<br>– баландбардории сатҳи чандирии бозори меҳнат [26]. |

| | |
|---|---|
| Қазоқистон | – рушди сармояи инсонӣ;<br>– такмили асосҳои ниҳодии бозори меҳнат барои ҳавасмандгардонии талабот ба ҷойҳои кории баландсифат;<br>– бунёди ҷойҳои кории сифатнок барои саноати истихроҷи маъдан, саноати коркард ва соҳаи нақлиёт;<br>– ҳавасмандгардонии талабот ба ҷойҳои кории баландсифат дар соҳаҳои сохтмон, савдо ва хизматрасонӣ, хоҷагии қишлоқ;<br>– чораҳо оид ба рушди онлайн-таълим;<br>– бунёди низоми рақамии бозори меҳнат барои аҳолӣ, тиҷорат ва давлат;<br>– баландбардории сатҳи фарогирии бозори меҳнат [23] ва ғайра. |
| Туркменистон | – ислоҳоти низоми асъорӣ;<br>– бунёди минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки ба низоми андозбандии имтиёзнок барои ҳавасмандгардонии тиҷорат нигаронида шудаанд;<br>– дастгирии тиҷорати хурду миёна аз тариқи татбиқи барномаҳои давлатии дастгирӣ ва қарзҳои имтиёзноки ҳавасмандгардонии тиҷорат;<br>– сармоягузории давлатии соҳаи нақлиёт ва инфрасохтори иҷтимоӣ (роҳҳо, купрукҳо, беморхонаҳо, мактабҳо);<br>– диверсификатсияи бахши аграрӣ ҷиҳати рушди намудҳои гуногуни фаъолияти хоҷагии қишлоқ;<br>– ҳамкории байналмилалӣ бо мақсади рушди муносибатҳои дипломатӣ ва тиҷорат;<br>– бунёди муҳити мусоиди сармоягузорӣ барои беҳтаргардонии шароити сармоягузорони хориҷӣ [25, С. 335-346]. |
| Узбекистон | – дастгирии шуғли пурра;<br>– ҳамоҳангсозии талабот ва таклифоти қувваи корӣ;<br>– нигоҳдорӣ, дастгирӣ ва таъсиси ҷойҳои корӣ;<br>– миёнаравии фаъоли меҳнатӣ дар бозори меҳнати кушода [38, С.175]. |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси маводҳои таҳқиқот кардашудаи дар гардиши илмӣ ҷойдошта.

Тавре таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, низоми идоракунии бозори меҳнат дар кишварҳои ҷаҳон нисбатан унсурҳои фарққунанда дорад. Ҷиҳатҳои алоҳидаи таҷрибаи пешқадами мамлакатҳо оид ба идоракунии бозори меҳнат дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манотиқи алоҳидаи кишвар имконияти татбиқшавӣ дошта, натиҷадиҳанда мебошанд. Дар таҳқиқоти мо мушкилоти асосии бозори меҳнати минтақаи Хатлон барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ мебошад, аз ин рӯ, истифодаи таҷрибаи пешрафтаи хориҷӣ дар самти таъмини шуғл муҳим арзёбӣ мегардад. Масалан, таҷрибаи Олмон барои соҳибкороне, ки дар таъмини шуғли аҳолӣ ҳиссаи назаррас доранд, аз тариқи пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ, додани

қарзҳо бо меъёрҳои пасти фоизӣ, озод будани онҳо аз ҳар гунна санҷишу назоратҳо истифода намудан бамаврид аст. Дар шароити маҳдудияти ҷойҳои корӣ, ки аз ҷониби корхонаю ташкилотҳо ба бозори меҳнати вилоят пешниҳод мешаванд, рушди шуғли мустақил ва ё худмашғулӣ мубрам дониста мешавад. Ҷой доштани ҳолати мазкур зарурати ҳавасмандгардонии худмашғулиро дар минтақаи Хатлон аз мавқеи рушди устувори он пеш меорад (таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо).

Ба ақидаи мо, ҷиҳати зиёд намудани ҷойҳои корӣ андешидани чораҳои зерин муҳим дониста мешавад: а) рушди ҳунарҳои мардумӣ ҳамчун фаъолияти мустақили аҳолии минтақа дар сатҳе, ки барои ғанигардонии молияи хоҷагиҳои хонаводагӣ мусоидаткунанда бошад, яъне қобилияти харидорӣ доштани маҳсули ҳунарҳои мардумӣ дар бозорҳои минтақа ва берун аз он; б) истифодаи неруи ҷолиби табиати шаҳру ноҳияҳои алоҳидаи минтақа дар соҳаи сайёҳӣ ва бунёду рушди инфрасохтори индустриалӣ–инноватсионии сайёҳӣ аз мавқеи таъсиси ҷойҳои кории нав барои аҳолӣ (таҷрибаи Финландия); в) пешниҳоди субсидияҳо ба корхонаю ташкилотҳои амалкунандаи минтақавӣ барои тезонидани ҷараёни таъсисдиҳии ҷойҳои нави корӣ ва бунёди инфрасохтори иқтисодии дорои технологияи индустриалӣ ва инноватсионӣ, имкониятҳои васеи таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ дар вилоят (ба мисли таҷрибаи Ҷопон) қобили қабул мебошанд.

Самтҳои афзалиятноки таҷрибаи мамлакатҳои ИДМ, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи Хатлон имконияти татбиқшавиро доранд, муайян ва ошкор гардиданд. Бо назардошти рушди инноватсионии иқтисодиёт андешидани чораҳо дар самти таъмини мувозинати талаботу таклифоти бозори меҳнат, баландбардории сифати захираҳои меҳнатӣ ва сатҳи чандирияти бозори меҳнат (таҷрибаи Белорусия) низ қобили қабул мебошад. Бо андешидани чораҳои ҳамаро фарогиранда ва сифати нави ташкилию иқтисодӣ ва ниҳодӣ барои бозори меҳнат, (агар таҷрибаи Қазоқистонро истифода намоем), аз манфиат холӣ нест. Дар рушди бозори меҳнат аз тариқи сармоягузории дохилию хориҷӣ бо мақсади зиёднамоии

ҷойҳои корӣ (таҷрибаи Туркменистон) манфиатовар шуда метавонад. Барои дастгирии шуғли пурра ин (таҷрибаи Узбекистон) тадбирҳое мебошанд. Ҳамин тавр, таҷрибаҳои овардашуда дар минтақаи Хатлон эҳтимолияти зиёди роҳандозӣ доранд.

Амсилаи амрикоии идоракунии бозори меҳнат дар заминаи мавқеъгирии корманд баҳри ноил гардидан ба муваффақиятҳои шахсӣ ва худфаъолияткунӣ асос меёбад. Дар Амрико ҳиссаи бекории фриксионӣ нисбат ба дигар намудҳои бекорӣ зиёд буда, кормандон на танҳо ҷойи корашонро тағйир медиҳанд, инчунин касби худро низ иваз менамоянд. Ҳамасола дар тули сол зиёда аз 10 %-и кормандони корхонаю муассисаҳои ин кишвар касби худро иваз менамоянд. Новобаста аз он ки дар ИМА сатҳи баланди бекорӣ ҷой дорад, ин мамлакат солҳои зиёде аз рӯйи нишондиҳандаи таъсиси ҷойҳои корӣ дар ҷаҳон ҷойи аввалро ишғол менамояд.

«Яке аз шаклҳои босамари идоракунии шуғл дар низоми идоракунии меҳнат – ин таъсиси маркази умумӣ ҳамчун маҷмуаи ҷойҳои корӣ мебошад. Маркази умумӣ ҳамчун ҷойҳои корӣ аввалин маротиба дар ИМА дар заминаи агентиҳои давлатии мусоидат ба таъмини кироякорӣ ҳанӯз аз солҳои 60-уми асри XX таъсис ёфта буд. Дар айни замон дар ин кишвар зиёда аз 300 чунин марказҳои умумии ҷойҳои корӣ амал менамоянд, ки тамоми ҳудуди мамлакатро фарогир мебошанд» [173, С.18]. Аз омӯзиши таҷрибаи ИМА бармеояд, ки танзими давлатии бозори меҳнат дар ин кишвар дар се самти асосӣ ба роҳ монда мешавад: а) ҳавасмандкунии афзоиши шумораи ҷойҳои корӣ дар бахши давлатӣ; б) омӯзиш ва такмили ихтисоси қувваи корӣ; в) мусоидат ба киро намудани қувваи корӣ.

Аз нигоҳи мутахассисони хориҷӣ донишҳое, ки муҳассилини муассисаҳои таҳсилоти касбӣ ба даст меоранд, танҳо 3-5 сол кифоянок мебошад. Баъди гузашти муҳлати нишондодашуда зарурат ба такмили ихтисос ва рушди касбият пеш меояд. Тахассусмандии кормандон ба ҳисоби миёна баъди ҳар 10-сола маънаван куҳна мешавад. Аммо дар шароити рушди индустриалӣ–инноватсионии ташкили техника ва технологияи

коммуникатсионӣ, вай то андозае ақибмонии низоми маорифро ба вуҷуд меорад. Аз такмили ихтисос гузаштани кормандон ба ҷойи дар 5 сол як маротиба, ба муҳлати 2-3 сол як маротибаро талаб мекунад.

Идоракунии бозори меҳнат бо истифодаи амсилаи канадагӣ дар заминаи бунёди низоми мавқеъгирии касбӣ ва шуғли аҳолӣ амалӣ карда мешавад.

«Ҷопон яке аз давлатҳое мебошад, ки ҳиссаи аҳолии бекор фоизи нисбатан камро ташкил медиҳад (солҳои охир – 3-3,5 %)» [99, С. 61-64]. Бояд қайд намуд, ки сабаби асосии кам будани шумораи бекорон дар ин кишвар, пеш аз ҳама, ба хусусияти амсилаи бозори меҳнат вобаста мебошад. Амсилаи бозори меҳнат дар ин мамлакат хусусияти «низоми якумраи кироякорӣ»-ро доро мебошад. Татбиқи амсилаи мазкур имконият медиҳад, ки ба шуғли корманд давоми фаъолияти меҳнатии ӯ кафолат дода шавад. Кафолати мазкур тибқи қонунгузорӣ ва талаботи шартномаҳои меҳнатӣ муайян нагардидааст, балки дар натиҷаи мураккабгардии муносибатҳо байни кормандони кироя ва соҳибкорону сармоядорон ба миён омадааст. Низоми ҷопонии идоракунии меҳнат яке аз амсилаиҳои босамари сатҳи ҷаҳонӣ диниста мешавад.

«Самаранокии шуғлро дар Ҷопон татбиқи чораҳои зерин дар самти дастгирии корфармоён таъмин менамоянд, аз ҷумла: а) дар ҳолати ихтисори истеҳсолот, тағйироти вазъи бозор, тағйироти сохторӣ ва дигар сабабҳо муваққатан аз кор озод намудани кормандон ва ё ба касбомӯзӣ сафарбар намудани онҳо; б) аз кор озод накардани кормандони ба синни нафақа расида; в) ба кор қабул намудани маъюбон ва дигар шаҳрвандоне, ки барои дарёфти кор душворӣ мекашанд; г) ба кормандони калонсол додани имкониятҳо ҷиҳати гузаштан аз касбомӯзӣ дар муассисаҳои давлатӣ бо назардошти пардохти музди меҳнат дар давоми давраи таҳсил[79]».

Идоракунии бозори меҳнат дар Британияи Кабир хусусияти хосро соҳиб мебошад. Вазифаи хадамоти шуғли ин кишвар дар самти идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ инҳо ба ҳисоб меравланд: а) ёрӣ расонидан ба шаҳрвандон баҳри ҷустуҷӯи кор; б) пешниҳоди ёрии махсус ба маъюбон дар асоси барномаҳо ва ҳавасмандиҳои корфармо; в) назорат аз болои гирандагони

кумак барои бекорӣ (1 маротиба дар 2 ҳафта); г) ошкоркунии иштибоҳҳо ва фиребкориҳо, ки дар рафти қабули кумакҳо ба вуҷуд омадааст. Тибқи таҷрибаи Британияи Кабир, дар сурате ки шаҳрванд барои ҷустуҷӯи кор ба хадамоти шуғл муроҷиат менамояд, он дар аввали рӯзи муроҷиат ҳамчун бекор эътироф мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби эътирофи бекорон низ бо чунин тартиб муайян карда шудааст, аз ин рӯ, таҷрибаи ин кишвар ба таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон шабоҳат дорад. Бинобар ин, истифодаи таҷрибаи Британияи Кабир барои идоракунӣ ва такмили бозори минтақавии меҳнат ва ҷумҳурӣ қобили қабул дониста мешавад.

Дар Британияи Кабир аҳаммияти ҷиддӣ ба омӯзиши омодагии касбии кадрҳо дода мешавад. Дар ин мамлакат барномаҳо барои ҷавонон, инчунин барномаҳои омӯзишӣ барои бекорони калонсол амал менамоянд.

Иқтисодчии русиягӣ Н.С. Шашина, ки самтҳои баландбардории самаранокии идоракунии шуғли минтақаро дар мисоли бозори меҳнати Санкт-Петербург зери таҳқиқ қарор додааст, қайд менамояд, ки «... барои устувор гардонидани идоракунии бозори минтақавии меҳнат амалӣ намудани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошанд: а) ҷорӣ намудани меъёри чандирии меҳнат; б) ҷалби сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ; в) беҳтар намудани мавқеи касбӣ ва рушди таҳсилоти касбӣ; г) ҷалби васеи табақаи аҳолии бекор, аз ҷумла шаҳрвандоне, ки аз хадамоти иҷтимоӣ барои бекорӣ кумак мегиранд; ғ) таъмини шароити ҳавасмандии кирокунандаҳо бахри ташкили ҷойҳои корӣ» [153, С. 22-28]. Аз нигоҳи Н.С. Шашина, фаъолияти бозори минтақавии меҳнат ва сиёсати инноватсионии шуғл дар Санкт-Петербург бояд бар ҳавасмандии аҳолии таҷрибадори қобили меҳнат аз тариқи такмили ихтисоси фаврӣ, кумаки моддии мақсадноки давлатӣ ва муҳити мукаммали ҷамъиятӣ-меҳнатӣ асос ёбад.

Дар натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои ИДМ хусусиятҳо ва мушкилоти зерин муайян ва ошкор карда шуд:

– то андозае идоранашаванда будани бозори меҳнат;
– фаъолияти бесамари хадамоти шуғли аҳолӣ;

– ҷой доштани мушкилиҳо ҷиҳати таъмини шуғли гурӯҳи муайяни иҷтимоии аҳолӣ;

– устуворгардии фаъолнокии муҳоҷират дар кишварҳои ИДМ;

– рушди бахши ғайрирасмӣ ва шуғли ғайриқонунии шаҳрвандони хориҷӣ;

– мавҷудияти фосилаи устувор байни сатҳи бекории умумӣ ва бақайдгирифташуда;

– ҳамкории ғайриқаноатбахш байни муассисаҳои таълимии касбӣ ва соҳаи тиҷорат бо мақсади қонеъгардонии эҳтиёҷоти бозори меҳнат бо назардошти талаботи корфармоёни мушаххас ва эҳтиёҷоти воқеии иқтисодиёт;

– мавҷуд набудани фармоишҳои корхонаҳо ҷиҳати даъвати мутахассисони оянда;

– ҷой доштани номутавозунии сохторӣ дар соҳаи шуғли аҳолӣ оид ба баъзе намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла мавҷудияти чунин мушкилӣ байни соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ;

– номувофиқатии талабот ва таклифоти қувваи корӣ вобаста ба тахассусҳо;

– шуғл бо меъёри вақти нопурраи корӣ, рухсатии маъмурӣ бо ташаббуси корфармоён, уҳдадориҳо оид ба пардохти музди меҳнат.

Натиҷаи таҳқиқи таҷрибаи кишварҳои ИДМ оид ба бозори меҳнат нишон дод, ки мушкилот дар аксарияти ин мамлакатҳо номутаносибии касбию тахассусии захираҳои меҳнатӣ мебошад.

«Дар Белорусия нисбат ба дигар кишварҳои ИДМ шароити мусоиди бозори меҳнат ташаккул ёфтааст, чунки дар ин кишвар номутаносибии ҳудудӣ ба чашм намерасад. Лекин номутаносибии касбию тахассусӣ дар натиҷаи зиёд шудани талабот ба пешниҳоди қувваи корӣ ба вуҷуд меояд. Дар ин кишвар омили пешбарандаи истеҳсолот захираҳои инсонӣ мебошанд. Шуғл дар иқтисодиёт дар сатҳи баландтарин қарор дошта, бештар аз чор як ҳиссаи нафақахӯрон машғули кор мебошанд» [33].

Дар Қазоқистон касбҳои камёфт ва зиёдатӣ ба чашм мерасанд. Дар ин кишвар номутавозунии ҳудудӣ ба чашм расида, шиддат дар пойтахт нисбат ба минтақаҳо баланд аст.

«Дар шароити кунунӣ мушкилоти асосии бозори меҳнати Ҷумҳурии Узбекистон – тафриқаи минтақавии сатҳи рушди иқтисодӣ мебошад. Ҳолати мазкур тафовути назаррасро дар сохтори талаботу таклифоти қувваи корӣ ба вуҷуд овардааст, ки асоси фарқияти ҷойдошта тахассусмандии касбӣ мебошад» [30].

«Давоми солҳои охир ҷиҳати рушди бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Узбекистон аз мавқеи таъмини шуғли аҳолӣ як қатор чорабиниҳо пиёда гардонида шудаанд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд» [25, С. 335-346]:

1. «Соли 2017 либерализатсияи (озодии) бозори асъорӣ шуруъ шуд, ки ба ҷалби сармоягузории хориҷӣ, ҳавасмандгардонии содирот ва дар ниҳоят, ба бунёди ҷойҳои корӣ мусоидат намуд» [20].

2. «Таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ шароити имтиёзнокро ба вуҷуд овард. Минтақаҳои мазкур ширкатҳои зиёдро ба худ ҷалб намуданд, ки дар натиҷа ҷойҳои кории нав зиёд гардид» [34].

3. Ҳукумати Узбекистон чораҳои дастгирии тиҷорати хурду миёнаро фаъол гардонида, додани қарзҳо, пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ва омӯзишу бозомӯзиҳоро роҳандозӣ намуд.

4. Сармоягузории инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоию нақлиёт, ки барои бунёди ҷойҳои кории мавсимӣ ва доимӣ мусоидат намуд.

5. «Ҳукумати Узбекистон раванди гуногунсозии бахши аграриро ҷорӣ намуда, вобастагиро аз пахта маҳдуд кард ва ба рушди зироатҳои дигар диққати худро равона сохт. Андешидани чораҳои зикршуда боиси зиёд гардидани ҷойҳои корӣ дар бозори меҳнат гардид» [98, С. 42-45].

6. Бо назардошти тағйироти иқтисодиёт, талабот ба кадрҳои баландихтисос зиёд гардид, ки ҳукумати Узбекистон ба ислоҳоти низоми маориф ва барномаҳои таълимии касбӣ таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуд.

Ҳамин тариқ, мутобиқ намудани таҷрибаи хориҷии идоракунии бозори меҳнат ба шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши ҷараёнҳои идоракунӣ ва хусусиятҳои хоси бозори меҳнати мамлакатро талаб менамояд. Масалан, тибқи таҷрибаи хориҷӣ, яке аз самтҳои таъмини шуғли бекорон истифодаи корҳои ҷамъиятӣ мебошад, аммо истифодаи васеи корҳои ҷамъиятӣ дар шароити ноустувории буҷетҳои маҳаллӣ ба манфиати вилояти Хатлон нахоҳад буд. Инчунин корҳои мазкур аз ҳисоби характери муваққатӣ доштан ва номувофиқии сатҳи тахассусонокӣ миёни шаҳрвандони бекор маълуму маъруф муайян нест. Аммо, новобаста ба хусусияти бозори меҳнати ҷумҳурӣ, низоми идоракунии он бояд дар заминаи барномаҳои иҷтимоию иқтисодии давлатӣ ва минтақавӣ амалӣ карда шавад, то ки шуғли пурраи қувваи корӣ ва афзоиши сатҳи зиндагии аҳолии вилояти Хатлон ва дар маҷмуъ, ҷумҳурӣ таъмин ва баланд бардошта шавад.

«Амсилаи танзими бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд унсурҳои мусбати низоми ҷопонии танзими бозори меҳнат (унсурҳои низоми кирояи доимии кадрҳои баландихтисос), унсурҳои низоми аврупоӣ (иштироки иттифоқҳои касаба дар рафти фаъолияти корфармоён ва кормандон), унсурҳои сиёсати фаъоли шуғли Олмон (ҳавасмандкунии корфармоёни дар самти васеъ намудани ҷойҳои кори фаъол), унсурҳои низоми танзими бозори меҳнати Британияи Кабир, аз ҷумла равона кардани диққати асосӣ ба омодагии касбии кадрҳо, татбиқи барномаҳо барои ҷавонон, инчунин барномаҳои омӯзиши калонсолонро дар бар гирад. Бунёди маркази минтақавии иқтисодӣ ва шуғл (таҷрибаи Финландия) ва таъсиси маҷмуаҳои минтақавии ҷойҳои корӣ (таҷрибаи ИМА) барои ба таври назаррас кам кардани шумораи бекорӣ мусоидат менамоянд» [79, С. 62].

Яке аз самтҳои муҳимми идоракунии бозори меҳнат дар сатҳи вилоят, шаҳр ва ё ноҳияҳои муайян – ин идоракунии қувваи корӣ мебошад. Аз ин рӯ, бозори меҳнатро зарур аст, ки ба бозори кадрӣ ҳамкории зич дошта бошад.

Ба ақидаи мо, рақобатпазирии кадрҳо дар бозори меҳнат таъмин карда мешавад, дар ҳамон мавриде, ки дар рафти таҳсилоти касбии онҳо чунин

ҳолатҳо ба назар расанд: а) объекти азхудкунӣ бояд ба тафаккури кадрҳо таъсири мусбат расонида, иродаи онҳоро қавӣ гардонад. Инчунин қоидаҳои фаъолият ва рафтор, дониш, таҷриба, анъана бояд ба сифати объекти азхудкунӣ бароҳмад намоянд; б) ҷараёни таълим бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки мутахассиси оянда ҳамчун шахсияти комил ба бозори меҳнат ворид гардад. Аз ҷиҳати равонӣ омода будан, тафаккури баланд ва рафтори муносиб доштани кадрҳо сифати шахсияти кадрҳоиояндаро таъмин менамоянд; в) сифати касбияти кадрҳо низ дар заминаи рушди фаъолияти эҷодӣ, ташкили фаъолияти худӣ, қабули қарорҳо дар ҳолатҳои стандартӣ ва ғайристандартӣ бояд таъмин карда шавад.

Рушди соҳаи маориф имконияти заминавии баландбардории самаранокии идоракунии бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, дар аксарияти мамлакатҳои пешрафта ба дастгирии соҳаи маориф афзалият дода мешавад. Дар ИМА сармоягузориҳо ба таҳсилоти синфи ҷавони аҳолӣ бо мақсади устувор намудани мавқеи онҳо дар бозори меҳнат нигаронида шудааст. «Ҳукумати Канада ҳамасола барои татбиқи барномаҳои стратегияи шуғли ҷавонон ба ҳисоби миёна 330 млн. доллари канадагӣ сармоягузорӣ менамояд. Инчунин дар ин кишвар бо мақсади васеъ намудани имкониятҳои бокортаъминкунии аҳолӣ дар соли 2016-2017 ба таври иловагӣ 278 млн доллар ҷудо шуда буд» [37]. Вобаста ба масъалаи мазкур, муҳаққиқони амрикоӣ қайд менамоянд, ки новобаста аз сатҳи баланди хароҷоти буҷет дар соҳаи маориф, то ба ҳол дар мактабҳои ибтидоӣ таҳсилот нокифоя боқӣ мондааст.

Ба ақидаи мо, дар баробари ҷой доштани мушкилиҳо дар имкониятҳои молиявии мамлакат, имрӯз ба соҳаи маориф маблағҳои арзандае зиёда аз 8,2 млрд сомонӣ равона карда мешавад, дар механизми идоракунии соҳа низ норасиҳои зерин мавҷуд мебошад: набудани навгониҳо дар низоми идоракунии муассисаҳои таълимӣ ва мушоҳида гардидани ақибмониҳо дар ташкил ва сифати ҷараёни таълим; то дараҷае кам банд будани ҳайати профессорону омӯзгорон ба фаъолияти эҷодӣ, илмию педагогӣ ва набудани шароити татбиқи донишу малакаи ҷамъшуда. Вобаста ба мушкилоти

мавҷуда, самтҳои асосии рушди фаъолияти идоракунии муассисаҳои таълимӣ бояд чунин бошанд: а) мақсаднокии самти фаъолият; б) фаъолияти идоракунии характери дурнамодошта; в) фаъолияти инноватсионӣ.

Ҳамин тариқ, дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки унсурҳои механизми идоракунии бозори меҳнат дар ҳама кишварҳо новобаста аз сатҳи рушди иқтисодиёт ва дигар хусиятҳои хоси онҳо дар як вақт, дар шакли якхела амал карда наметавонанд. Аз ҷониби мутахассисон ва мақомотҳои идоракунандаи бозори меҳнат низ то кунун усули ягонаи идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ, ки хусусият ва ҳувияти миллиро дар бар мегирад, рӯйи кор наомадааст. Бинобар ин, вобаста ба мураккаб гардидани муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ, механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон бояд устувор гардонида шавад, то барои ҳалли мушкилоти бамиёномада мусоидат намояд.

Хулоса, қабул ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии бозори меҳнат дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, бахусус вилояти Хатлон, имконпазир аст, агар таҷрибаи мазкур бо назардошти вазъияти муносиби иҷтимоию иқтисодӣ ва хусусиятҳои алоҳидаи минтақаҳои ҷумҳурӣ мутобиқ гардонида шавад. Аз ин лиҳоз, такмили воситаҳои идоракунии бозори меҳнатро дар сатҳи минтақаҳо муҳим шуморидан мумкин аст, чунки мукаммал будани онҳо имконият медиҳад, то нишонаҳои тамоюли манфии рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ муайян ва ошкор карда шаванд.

## Хулосаи боби I.

Аз омӯзиши асосҳои назариявию методӣ ва таҷрибаи хориҷӣ оид ба идоракунии бозори меҳнат дар сатҳи минтақа метавон хулосаю пешниҳодҳои зерин намуд:

1. Бозори меҳнат ҳамчун соҳаи муҳимми ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ба сифати мавзуи таҳқиқотӣ доираи васеи муҳаққиқони иқтисодӣ, шуруъ аз намояндагони назарияи классикӣ то иқтисодчиёни муосир баромад намудааст. Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ объекти идоракунии бозори меҳнат шуғли пурмаҳсул, шуғли аҳолӣ дар шароити хона ва муносибатҳои

шартномаҳои иҷтимоӣ бо намояндагони гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ мебошанд. Муносибатҳои идоракунии бозори меҳнатро то андозае ба таври ҳадди аксар васеъ намуда, дар баробари таъмини шуғл ва мубориза бо бекорӣ, бояд шароити мусоиди мутобиқгардии захираҳои меҳнатиро бо тағйиротҳои иқтисодӣ низ фароҳам оварда, дар асоси чорабиниҳо амалӣ намояд.

2. Идоракунӣ ва ташаккулу рушди бозори меҳнат омӯхта шуда, муайян карда шуд, ки онҳо ҳалли мушкилоти бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои онро дар чунин ҳолатҳо мебинанд: ҷой доштани барзиёдии қувваи корӣ бо роҳи таъсиси ҷойҳои корӣ. Идоракунии бозори меҳнат аз мавқеи мутобиқгардонии сатҳи касбияти захираҳои меҳнатӣ ба талаботи бозори меҳнат, бунёди ҷойҳои кории пурмаҳсул, зиёд намудани хусусияти инноватсионии фаъолияти бозори меҳнат, қонунигардонии иқтисоди ғайрирасмӣ ва кам намудани шуғли ғайрирасмӣ, амалкарди фаъоли механизмҳои бозорӣ, рушди ҳамкории давлат ва бозори меҳнат, такмили асосҳои ниҳодии соҳаи меҳнат вобаста ба дигаргуншавии шароитҳои фаъолияти бозори меҳнат, васеъ намудани номгӯй ва сифати хадамоти шуғл дар бозори меҳнат дар шароити пайдоиши мушкилоти номутаносибии талаботу таклифоти қувваи корӣ мебинанд.

3. Аз нигоҳи мо, бозори меҳнати вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар шароити дигаргуншавиҳои муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ҳамчун механизми танзимкунандаи тавозуни талаботу таклифоти қувваи корӣ баромад намуда, барои рушди иқтисодиёт аз тариқи бозтавлиди қувваи корӣ, таъмини шуғл ва ҳалли мушкилоти бекорӣ нақши калидӣ дошта метавонад.

4. Омӯзиши таҷрибаи хориҷӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки оид ба намудҳои идоракунии бозори меҳнат самтҳои муҳимми он дар вилояти Хатлон имконияти роҳандозӣ доранд ва метавонанд самаранокии низоми идоракунии бозори меҳнатро таъмин намоянд, аз ҷумла:

– ҷамъоварӣ ва паҳнкунии иттилоот доир ба ҳолати талабот ва пешниҳодот дар бозори меҳнати вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он;

– низоми мукаммали таҳсилоти касбӣ ва азнавомодакунии шаҳрвандони

бекормонда ва ё шаҳрвандоне, ки зери таҳдиди бекорӣ қарор доранд;

– низоми имтиёзҳои андозӣ, ки барои таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат менамоянд;

– барномаҳои омӯзишӣ ва азнавомӯзонидани шаҳрвандон бо мақсади баландбардории рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнат;

– коркарди барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва барномаҳои мақсадноки таъсиси корҳои ҷамъиятӣ дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо. Ташкили корҳои ҷамъиятӣ аз тариқи таъмини самаранокии қувваи корӣ, таъмини шуғли муваққатии аҳолии бекор дар сатҳи вилоят ва дар доираи татбиқи лоиҳаҳои давлатӣ метавонад устувории низоми идоракунии бозори меҳнатро таъмин намояд.

5. Таҳқиқот нишон дод, ки хусусиятҳои идоракунии бозори меҳнат дар кишварҳои алоҳида муайян карда шаванд. Мушкилоти асосии бозори меҳнати вилояти Хатлон, ки барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ мебошад, барои ин метавон таҷрибаи давлати Олмонро истифода кард ва ин таҷриба дар мамлакати мо аз соли 2008 мавриди истифода қарор гирифтааст. Ҷое, ки зарур ва имконият аст, аз таҷрибаи Иттиҳоди Аврупо, яъне рушди шуғли мустақил ва ё худмашғулӣ, ҷорӣ намудани таҷрибаи Финландия (рушди ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ) ва таҷрибаи Ҷопон дар самти пешниҳоди субсидияҳо ба корхонаю ташкилотҳо, ки барои васеъ намудани ҷойҳои нави корӣ мусоидаткунанда мебошанд, дар шароити вилояти Хатлон нисбатан муносиб мебошанд.

6. Ҷиҳатҳои ба бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқтар таҷрибаи мамлакатҳои ИДМ мебошад ва дар минтақаи Хатлон имконияти истифодашавиро дорад. Рушди бозори меҳнат бо истифодаи афзалиятҳои инноватсионӣ (таҷрибаи Белорусия), татбиқи чораҳои сифтан нави ташкилию иқтисодӣ ва ниҳодии бозори меҳнат (таҷрибаи Қазоқистон), сармоягузории дохилию хориҷӣ бо мақсади зиёднамоии ҷойҳои корӣ (таҷрибаи Туркменистон), дастгирии шуғли пурра (таҷрибаи Узбекистон) бо мақсади ҷоринамоӣ дар Ҷумурии Тоҷикистон ҷолиб мебошад.

# БОБИ 2. ҲОЛАТИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИСОДИЁТИ ИНДУСТРИАЛӢ–ИННОВАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 2.1. Ҳолати муосири раванди идоракунии бозори меҳнат

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, ки мушкилоти асосии бекорӣ маҳдудияти ҷойҳои корӣ мебошад, бинобар ин, дар назди бозори меҳнат вазифаҳои муҳим вогузор карда шудаанд. Имрӯзҳо бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳои онро зарур аст, ки барои ҳалли мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ роҳҳои нисбатан босамарро дарёфт намоянд. Нуқтаҳои зикршуда аз мубрам ва муҳим будани таҳқиқи ҳолати бозори меҳнати вилояти Хатлон шаҳодат медиҳанд.

Оид ба масъалаи бозори меҳнат ва рушди он Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 чун дар дигар Паёмҳои қаблӣ қайд намуданд, ки: «Дар сиёсати давлату ҳукумати Тоҷикистон танзими муносибатҳои меҳнатӣ, рушди бозори меҳнат ва бо шуғл таъмин намудани аҳолӣ мавқеи асосӣ дорад. Вале бояд гуфт, ки тибқи таҳлилҳо сатҳи касбияти коргарон ҳанӯз ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯй набуда, ин масъала ба ислоҳоти ҷиддӣ ниёз дорад» [13]. Вобаста ба мушкилоти ҷойдошта роҳбари давлат иброз доштанд, ки дар ҷараёни ислоҳот як масъаларо ба эътибор бояд гирифт, ки имрӯз дар Тоҷикистон зарурат ва талабот барои ҷорӣ намудани омӯзиши садҳо ихтисоси дигар вуҷуд дорад. Аз ин ҷост, ки Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо муассисаҳои олии кишвар, бо назардошти тамоюли рушди иқтисоди миллӣ ихтисосҳои мувофиқ кушода истодаанд, ки бо ин роҳ ҷолибияти кадрҳо дар бозори меҳнат ва рафъи монеаҳои ҷойдошта таъмин карда мешавад.

Тавре аз суханрониҳои роҳбари давлат бармеояд, яке аз омилҳое, ки ба рушди бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонад, ба талаботи бозори меҳнат

ҷавобгӯй набудани сатҳи касбияти коргарон мебошад. Вобаста ба мушкилоти мавҷуда, дар ҳудуди ҷумҳурӣ курсҳои кӯтоҳмуддат ба роҳ монда шудаанд, ки онҳо то андозае барои рафъи монеаҳои ҷойдошта мусоидат хоҳанд кард.

Бозорҳои меҳнати ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон дар шароити кунунӣ бо мушкилоти набудани талабот ба хатмкунандагон, бо иллати рақобатпазир набудани онҳо, номувофиқии таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнат дучор гардидаанд. Инчунин миқдори хатмкунандагони бекор тамоюли мунтазами афзоишёбӣ дорад. Аз нигоҳи мо, бо назардошти тағйир ёфтани вазъияти бозори меҳнат, бояд касбу ихтисосҳои нав дар макотиби таҳсилоти касбӣ ва олӣ ҷорӣ карда шаванд ва шумораи қабули довталабон ба ихтисосҳои талаботнадошта кам карда шаванд.

Яке аз мушкилоти калидии таъмини шуғли ҷавонон – ин амалан мавҷуд набудани механизмҳои давлатии таъмини алоқаи мутақобилаи бозори меҳнат ва бозори хизматрасонии соҳаи маориф мебошад. Вобаста ба ин, дар шароити кунунӣ вазифаи асосии соҳаи маориф дар заминаи бунёди низоми самараноки таълим таъмин намудани сифати баланди таълим маҳсуб меёбад, ки ба шароити муосир мувофиқ бошад ва барои рушди ҷомеа мусоидат намояд.

Дар чорчӯбаи гузариш ба низоми индустриалӣ–инноватсионӣ тағйироти баландсуръат ба амал меояд ва боиси тағйир ёфтани сифат, афзалият, тахассусмандӣ ва мустақилияти қувваи корӣ шуда метавонад. Дар чунин шароит барои ҳалли мушкилоти мутобиқшавӣ ба бозори меҳнати муосир кормандро зарур аст, то ба дараҷае мутобиқшаванда бошад, яъне корманд бояд қобилияти ба зудӣ аз бар намудани донишҳои нав ва иваз намудани касбро дошта бошад. Омӯзиши ҳолати муосири бозори меҳнати вилояти Хатлон нишон дод, ки яке аз мушкилотҳои марказии рушд – ин низоми мутобиқшавандагии соҳаи маориф маҳсуб меёбад. Таъмини низоми мутобиқшавандагии хизматрасонии соҳаҳо дар сатҳи вазоратҳо ва идораҳои давлатӣ, маркази омӯзишии калонсолон, ҷорӣ намудани курсҳои баландбардории сатҳи касбияти қувваи кориро дар сохтори корхонаю ташкилотҳо талаб менамояд.

Новобаста аз он ки нишондиҳандаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон нисбатан тамоюли мусбат доранд, аммо на дар сатҳе, ки барои рушди бозори меҳнати вилоят мусоидаткунанда бошанд. Қисми асосии аҳолии вилояти Хатлон (80-82%) дар шароити деҳот зиндагӣ менамоянд, аз ин рӯ, рушди инфрасохтори бозори меҳнати соҳаи аграрӣ муҳим арзёбӣ карда мешавад. Дар шароити кунунии бозори меҳнати аграрии вилоят як қатор мушкилотҳои ҳалталаб ба чашм мерасад, ки дар ҷадвали 2.1 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.1. – Мушкилоти инфрасохтори бозори меҳнати аграрии вилояти Хатлон

| **Самтҳои фаъолияти бозори меҳнати вилояти Хатлон** | **Мушкилоти ҷойдошта** |
|---|---|
| 1. Идоракунии инфрасохтори бозори меҳнат | 1.1. Рушди ноустувори инфрасохтори бозори меҳнати вилоят, бахусус дар маҳалҳои деҳотнишин;<br>1.2. Ба пуррагӣ ҷавобгӯй набудани низоми идоракунии инфрасохтори бозори меҳнати вилоят дар шароити ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ;<br>1.3. Ислоҳотталаб будани низоми идоракунии инфрасохтори бозори меҳнати вилоят. |
| 2. Дастгирии иҷтимоӣ-равонӣ ва иттилоотии аҳолии бекор ва дар ҷустуҷӯи корбуда | 2.1. Маҳдудияти имкониятҳои молиякунонии барномаҳои фаъоли шуғли аҳолӣ;<br>2.2. Сатҳи баланди фаъолнокии институтҳои бозори меҳнат дар мавқеи ҷойгиршавии аҳолии шаҳр нисбат ба аҳолии дар деҳот ҷойгиршаванда мебошад;<br>2.3. Ҷой доштани инфрасохтори технологияҳои иттилоотии маънаван куҳнашуда, ки имконияти таъмини саривақтии иттилоотро ба аҳолии бекор ва дар ҷустуҷӯи корбуда надорад;<br>2.4. Дастрасии аҳолии бекор ва дар ҷустуҷӯи корбуда ба иттилоот оид ба имкониятҳои ба шуғл фарогирии барномаҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати мусоидаткунанда ба шуғл лозим аст. |
| 3. Таҳсилоти касбӣ ва иловагӣ | 3.1. Номувозинатии фаъолияти бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат, яъне мувофиқ набудани тахассуси шаҳрвандони дар ҷустуҷӯи корбуда ба талаботи корфармоён ва ҷойҳои корӣ;<br>3.2. Паст будани боздеҳии маълумоти касбӣ, аз ҷумла маълумоти касбии ҷавонон;<br>3.3. Нисбатан маҳдуд будани доираи фаъолияти марказҳои касбомӯзӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят аз мавқеи ҷалби ҳар чи бештари аҳолии бекор. |

*Давоми чадвали 2.1.*

| | |
|---|---|
| 4. Танзими муносибатҳои дохилии бозори меҳнат | 4.1. Устувор гардидани кӯчиши қувваи корӣ ба маҳалҳои шаҳрнишин;<br>4.2. Пурра ичро нагардидани меъёрҳои ниҳодии афзоиши талабот ба қувваи корӣ дар сатҳи ноҳияҳои вилоят;<br>4.3. Маълум набудани зарибҳои ноҳиявии музди меҳнати нокифоя, ки барои чалби захираҳои меҳнатӣ дар чорчӯбаи иқтисоди бозорӣ мусоидат мекунанд. |
| 5. Чустучӯи кор ва миёнаравӣ дар муносибатҳои меҳнатӣ | 5.1. Дарачаҳои гуногуни таъминоти барномавӣ, меъёрию ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодии рушди ниҳодҳои бозори меҳнат;<br>5.2. Чой доштани фарқиятҳо дар таъминоти захиравӣ ва методологии фаъолияти ниҳодҳои бозори меҳнат;<br>5.3. Назорати нокифоя аз болои чараёни муҳочирати захираҳои меҳнатӣ ва чорӣ кардани баҳисобгирии ин раванд дар чойҳо;<br>5.4. Зиёдшавии сарбории мутахассисони марказҳои таъминоти шуғл;<br>5.5. Афзоиши шумораи аҳолии дар чустучӯи корбуда. |

**Манбаъ:** муаллиф дар заминаи омӯзиши маводҳои илмию амалии дар гардиши илмӣ қарордошта таҳия кардааст. [112, С. 32-38].

Аз маълумоти чадвали 2.1 бармеояд, ки дар шароити минтақаҳои чумҳурӣ, аз чумла вилояти Хатлон бо сабаби чой доштани мушкилоти идоракунии бозори меҳнат, маҳдудияти имкониятҳои молиявӣ, тамоюли нисбатан ночандири фаъолнокии ниҳодҳои бозори меҳнат дар маҳалҳои деҳотнишини вилоят, нокифоягии ҳачми захираҳои сармоягузорӣ чиҳати бунёди корхонаҳои агросаноатӣ, мушкил будани назорати муҳочирати меҳнатӣ бинобар сабаби ҳиссаи зиёди онҳо дар сохтори захираҳои меҳнатӣ, афзоиши шумораи бекорони бозори меҳнат бинобар сабаби суръати нисбатан ноустувори таъсиси чойҳои корӣ бозори меҳнати аграрии вилоят дар сатҳи лозимӣ рушд накардааст. Ба андешаи мо, ҳалли мушкилоти чойдошта ичрои корҳои зеринро талаб менамояд: а) коркард ва чорӣ намудани барномаҳои омодакунии касбӣ ва стандартҳои давлатии касбӣ; б) коркарди санадҳои меъёрии таъмини кафолати ҳифзи ичтимоии шаҳрвандони бекор, ки дар маҳалҳои деҳотнишин зиндагӣ менамоянд; в) бунёди шароит бахри таъмини мувофиқати сохтори талабот ва таклифоти қувваи корӣ; г) додани имкониятҳо барои дастрасии шаҳрвандони минтақа ба чойҳои корӣ.

Ҳолати бозори меҳнат аз шумораи аҳолӣ ва динамикаи афзоиши он вобаста мебошад. Аз ин рӯ, дар ҷадвали 2.2 шумораи аҳолии вилояти Хатлонро дида мебароем.

Ҷадвали 2.2. – Шумораи аҳолии доимии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, ҳазор нафар

| Солҳо / Вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Афзоиши миёнасолона,% |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| вилояти Хатлон | 3274,9 | 3348,3 | 3425,0 | 3530,0 | 3611,2 | 3697,8 | 3790,3 | 2,2 |
| ш. Бохтар | 110,8 | 111,8 | 113,4 | 126,7 | 128,7 | 130,8 | 132,9 | 2,8 |
| н. Балҷувон | 29,6 | 30,4 | 31,3 | 32,7 | 33,4 | 34,3 | 35,1 | 2,6 |
| н. Кушониён | 240,5 | 245,9 | 251,1 | 260,5 | 265,5 | 270,7 | 276,6 | 2,1 |
| н. Вахш | 194,8 | 199,3 | 204,2 | 213,0 | 218,2 | 223,1 | 229,7 | 2,6 |
| н. Восеъ | 211,7 | 216,5 | 220,9 | 228,2 | 233,0 | 237,5 | 243,7 | 2,1 |
| н. Данғара | 156,4 | 161,0 | 166,1 | 171,9 | 176,8 | 180,8 | 186,0 | 2,7 |
| н. А. Ҷомӣ | 171,5 | 175,8 | 180,4 | 183,9 | 188,1 | 193,0 | 198,7 | 2,3 |
| н. Дӯстӣ | 113,9 | 117,1 | 120,5 | 122,0 | 125,6 | 128,4 | 131,9 | 2,3 |
| н. Қубодиён | 183,2 | 188,1 | 192,9 | 195,1 | 200,0 | 206,2 | 211,4 | 2,2 |
| н. Балхӣ | 196,6 | 201,3 | 205,8 | 210,5 | 215,5 | 221,0 | 226,5 | 2,2 |
| ш. Кӯлоб | 211,5 | 214,7 | 218,4 | 222,1 | 226,3 | 231,1 | 236,5 | 1,7 |
| н. Ҷайҳун | 135,9 | 139,0 | 142,3 | 145,6 | 149,1 | 150,3 | 154,3 | 1,9 |
| н. Муъминобод | 92,6 | 94,7 | 96,8 | 99,3 | 101,4 | 102,9 | 105,2 | 1,9 |
| ш. Норак | 60,3 | 61,5 | 62,8 | 64,9 | 66,4 | 68,5 | 70,1 | 2,3 |
| н. Фархор | 167,5 | 170,8 | 174,5 | 179,1 | 183,2 | 187,8 | 192,6 | 2,1 |
| н. Панҷ | 116,8 | 119,7 | 122,3 | 124,0 | 127,0 | 130,0 | 133,4 | 2,0 |
| ш. Левакант | 47,4 | 48,3 | 49,4 | 49,7 | 50,9 | 52,7 | 53,9 | 1,9 |
| н. Темурмалик | 68,7 | 69,8 | 71,0 | 75,3 | 77,1 | 78,4 | 80,1 | 2,4 |
| н.М.С.А. Ҳамадонӣ | 146,2 | 148,8 | 151,3 | 154,3 | 157,9 | 161,2 | 164,5 | 1,8 |
| н. Ховалинг | 57,0 | 57,9 | 59,2 | 58,3 | 59,5 | 61,1 | 62,0 | 1,2 |
| н. Хуросон | 113,7 | 116,5 | 119,6 | 126,3 | 129,0 | 131,6 | 135,0 | 2,7 |
| н. Н. Хусрав | 38,4 | 39,3 | 40,6 | 45,1 | 46,2 | 48,5 | 49,9 | 4,3 |
| н. Шаҳритус | 127,0 | 130,0 | 133,0 | 135,7 | 138,9 | 143,5 | 147,1 | 2,3 |
| н. Ш. Шоҳин | 54,5 | 55,5 | 56,4 | 57,7 | 59,0 | 60,4 | 61,5 | 1,8 |
| н. Ёвон | 228,4 | 234,6 | 240,8 | 248,1 | 254,5 | 264,0 | 271,7 | 2,7 |

**Манбаъ:** [9, С. 19-20].

Аз маълумоти ҷадвали 2.2 дида мешавад, ки аҳолии вилояти Хатлон 35-36%-и аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил дода, афзоиши миёнасолонаи он ба 2,2% баробар аст. Аҳолии қобили меҳнат низ дар вилоят ҳамин ҳиссаи аҳолии қобили меҳнати сатҳи ҷумҳуриро ташкил медиҳад. Ҳиссаи назаррас доштани аҳолии вилоят аз он шаҳодат медиҳад, ки масъалаи рушди бозори меҳнат аз тариқи зиёд намудани ҷойҳои корӣ мубрам дониста мешавад.

Вобаста ба шумораи қувваи корӣ, дар шаҳру ноҳияҳои вилоят таъсиси ҳар чи бештари корхонаҳои хурду миёна ва калон мувофиқи мақсад мебошад, яъне шаҳру ноҳияҳое, ки шумораи қувваи кории зиёд доранд, дар онҳо бояд шароити бо шуғл фарогирӣ нисбатан зиёд муҳайё карда шавад. Ба сифати чунин шаҳру ноҳияҳо метавон ноҳияҳои Кушониён – бо 7,3%-и ҳиссаи аҳолии вилоят, Ёвон (7,1%), Восеъ (6,4%), шаҳри Кӯлоб (6,2%), ноҳияҳои Балхӣ (6,0%), Вахш (6,0), Қубодиён (5,6) ва Фархорро бо 5,1% дохил намуд.

Новобаста ба шумораи зиёди аҳолӣ, аз ҷумла аҳолии қобили меҳнат дар ин ё он шаҳру ноҳия масъалаи афзоиши аҳолӣ низ бояд ба инобат гирифта шавад. Масалан, ноҳияи Н. Хусрав, ки аҳолиаш нисбат ба ноҳияҳои болозикр кам мебошад (1,3%-и аҳолии вилоят), аммо новобаста ба ин, афзоиши аҳолии он 4,3%-ро ташкил медиҳад, ки нисбат ба сатҳи вилоят 2,1% зиёд аст. Инчунин дигар ноҳияҳое, ки дар онҳо суръати афзоиши шумораи аҳолӣ нисбатан баланд аст, ноҳияҳои Данғара (2,7%), Хуросон (2,7%), Ёвон (2,7%), инчунин ш.Бохтар (2,8%), мебошанд.

Омӯзиши шумора ва тағйироти кормандони кироякор яке аз нишондиҳандаҳои мустақими таҳлили ҳолати бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Вобаста ба ин, шумораи кормандони кироякори вилоятро дар ҷадвали 2.3 нишон медиҳем.

Ҷадвали 2.3. – Шумораи миёнасолонаи кормандони кироякор дар вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, ҳазор нафар

| Солҳо / Вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Тағйироти миёнасолона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| вилояти Хатлон | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | 489,8 | 498,7 | 506,9 | 1,6 |
| ш. Бохтар | 15,4 | 15,8 | 16,2 | 17,8 | 18,2 | 18,2 | 19,0 | 3,3 |
| н. Балҷувон | 3,5 | 3,6 | 3,6 | 3,7 | 3,7 | 4,0 | 4,3 | 3,2 |
| н. Кушониён | 32,3 | 34,3 | 34,0 | 35,2 | 36,1 | 36,2 | 36,3 | 1,8 |
| н. Вахш | 23,9 | 24,1 | 24,5 | 24,8 | 24,5 | 25 | 26,4 | 1,5 |
| н. Восеъ | 29,2 | 31,7 | 31,8 | 32,0 | 32,1 | 32,1 | 32,4 | 1,5 |
| н. Данғара | 18,6 | 18,6 | 18,9 | 19,6 | 20,1 | 20,7 | 21,4 | 2,1 |
| н. А. Ҷомӣ | 19,0 | 21,6 | 21,4 | 22,3 | 22,1 | 22,2 | 23,1 | 3,1 |
| н. Дӯстӣ | 19,8 | 19,4 | 19,5 | 19,6 | 19,7 | 19,8 | 20,0 | 0,1 |
| н. Қубодиён | 21,7 | 23,2 | 23,1 | 23,6 | 23,5 | 23,6 | 24,1 | 1,6 |
| н. Балхӣ | 26,9 | 30,0 | 29,4 | 28,7 | 28,5 | 28,9 | 29,4 | 1,3 |
| ш. Кӯлоб | 20,9 | 20,0 | 20,1 | 21,2 | 24,3 | 24,5 | 25,6 | 3,2 |
| н. Ҷайҳун | 24,6 | 20,3 | 21,8 | 22,0 | 22,0 | 22,2 | 22,6 | -1,1 |
| н. Муъминобод | 11,1 | 11,5 | 11,6 | 11,9 | 11,4 | 12,0 | 12,3 | 1,5 |
| ш. Норак | 7,6 | 7,8 | 7,8 | 7,9 | 8,0 | 8,5 | 8,9 | 2,4 |
| н. Фархор | 49,9 | 50,0 | 50,1 | 51,9 | 51,4 | 51,4 | 51,9 | 0,6 |
| н. Панҷ | 21,7 | 21,8 | 22,1 | 22,2 | 21,9 | 22,1 | 22,2 | 0,3 |
| ш. Левакант | 6,7 | 6,1 | 6,2 | 6,5 | 6,8 | 7,0 | 6,8 | 0,2 |
| н. Темурмалик | 8,2 | 8,2 | 8,3 | 8,5 | 8,5 | 8,6 | 8,8 | 1,0 |
| н.М.С.А. Ҳамадонӣ | 17,0 | 17,4 | 17,4 | 17,5 | 17,4 | 17,4 | 17,6 | 0,5 |
| н. Ховалинг | 6,2 | 6,1 | 6,3 | 6,6 | 7,2 | 7,4 | 7,8 | 3,7 |
| н. Хуросон | 11,1 | 10,8 | 10,8 | 11,1 | 10,8 | 10,9 | 11,4 | 0,4 |
| н. Н. Хусрав | 8,3 | 7,7 | 7,6 | 7,7 | 7,6 | 8,7 | 8,8 | 0,9 |
| н. Шахритус | 17,9 | 20,0 | 20,3 | 20,5 | 20,3 | 22,5 | 21,1 | 2,5 |
| н. Ш. Шоҳин | 13,2 | 12,7 | 12,6 | 12,8 | 12,7 | 12,8 | 13,0 | -0,2 |
| н. Ёвон | 22,9 | 30,5 | 30,6 | 31,2 | 31,0 | 31,1 | 31,7 | 5,5 |

**Манбаъ:** [9, С. 71-72].

Ҷадвали 2.3 нишон медиҳад, ки афзоиши шумораи миёнасолонаи кормандони кироякор дар вилояти Хатлон ба ҳисоби миёна 1,6%-ро ташкил медиҳад. Аммо дар шароите, ки шумораи аҳолии қобили меҳнати вилоят 57-60%-и аҳолии онро ташкил медиҳад ва ба сари ҳар нафар корманди кироякор 4,5 нафар рост меояд, ин рақам қаноатмандкунанда нест. Аз динамикаи рақамҳо чор ҳолатро муайян кардан мумкин аст:

*1. Афзоиши ҳадди аксари кормандони кироякор.* Ин ҳолат дар ноҳияҳои Муъминобод, Ш.Шоҳин, Панҷ, Восеъ ба чашм мерасад. Аммо дар маҷмуъ, бузургии шумораи кормандони кироякор дар ноҳияҳои мазкур он қадар зиёд нест, аз ин рӯ, ба рушди бозори меҳнати минтақа таъсири назаррас расонида наметавонад;

*2. Афзоиши миёнаи кормандони кироякор.* Ин сатҳи зиёдшавӣ дар ноҳияҳои Хуросон, Н.Хусрав, Ёвон, Ҳамадонӣ, Ховалинг ва шаҳри Кӯлоб ба чашм мерасад;

*3. Афзоиши ҳадди ақали кормандони кироякор.* Ҳолати мазкур дар шаҳрҳои Бохтар, Норак, Левакант ва ноҳияҳои Балҷувон, Кушониён, Вахш, Данғара, Дӯстӣ, Балхӣ, Ҷайҳун, Фархор, Темурмалик ва Шаҳритус ба назар мерасад;

*4. Тағйироти манфии кормандони кироякор.* Дар вилоят ноҳияҳое мавҷуданд, ки новобаста ба афзоиши шумораи аҳолиашон (аз ҷумла аҳолии қобили меҳнат), дар давраи таҳлилшуда (2018-2024) шумораи кормандони кироякор коҳиш ёфтааст, ки нигаронкунанда мебошад. Ин ҳолат дар ноҳияҳои А.Ҷомӣ ва Қубодиён ба чашм мерасад.

Сабаби асосии ҷой доштани чунин тамоюлот ба таъсиси ҷойҳои корӣ вобаста аст, яъне дар шаҳру ноҳияҳое, ки ҷойҳои корӣ зиёдтар таъсис дода шудаанд, шумораи кормандони кироякор зиёд шудаанд ва баръакс, нисбат ба солҳои қаблӣ кам гардидани ҷойҳои корӣ барои кормандони кироякор дар баъзе аз ноҳияҳои вилоят боиси коҳиш ёфтани шумораи онҳо гардидааст. Бо назардошти ин гуфтаҳо, таъсиси ҳар чи бештари ҷойҳои корӣ дар сатҳи вилоят самти бартаридоштаи сиёсати фаъоли шуғл dониста мешавад.

Аҳолии қобили меҳнат ва динамикаи шумораи онҳо ба ҳолат ва рушди бозори меҳнат таъсири ниҳоят калон мерасонанд (ҷадвали 2.4). Маълумоти ҷадвали 2.4 нишон медиҳад, ки аҳолии синни қобили меҳнат дар сохтори синнусолии аҳолии ҷумҳурӣ ва сатҳи вилоят ҳиссаи назаррас дошта, ба ҳисоби миёна 57-60%-и аҳолиро ташкил медиҳад. Ҷой доштани мушкилоти таъмини шуғл дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилоят низ бо ҳиссаи назарраси ин қисмати фаъоли аҳолӣ вобаста мебошад.

Ҷадвали 2.4. – Шумораи аҳолии синни қобили меҳнат дар вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, ҳазор нафар

| Солҳо / Вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Афзоиши миёнасолона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Хатлон | 1965,0 | 2002,3 | 2041,3 | 2078,0 | 2080,0 | 2126,2 | 2179,4 | 1,6 |
| Ҳиссаи аҳолии синни қобили меҳнати вилояти Хатлон нисбат ба миқдори ҷумҳуриявӣ, % | 35,9 | 36,0 | 36,0 | 36,4 | 35,8 | 35,9 | 36,0 | 0,04 |
| ш. Бохтар | 66,5 | 66,9 | 67,6 | 68,8 | 74,1 | 75,1 | 76,4 | 2,1 |
| н. Балҷувон | 17,8 | 18,2 | 18,6 | 18,9 | 19,2 | 19,7 | 20,2 | 1,9 |
| н. Кушониён | 144,3 | 147,0 | 149,6 | 152,3 | 152,9 | 155,6 | 159,0 | 1,4 |
| н. Вахш | 116,9 | 119,2 | 121,7 | 123,9 | 125,7 | 128,3 | 132,1 | 1,8 |
| н. Восеъ | 127,0 | 129,5 | 131,6 | 134,0 | 134,2 | 136,6 | 140,1 | 1,5 |
| н. Данғара | 93,8 | 96,3 | 99,0 | 100,8 | 101,8 | 104,0 | 106,9 | 2,0 |
| н. А. Ҷомӣ | 102,9 | 105,1 | 107,5 | 109,4 | 108,3 | 111,0 | 114,2 | 1,6 |
| н. Дӯстӣ | 68,3 | 70,0 | 71,8 | 73,1 | 72,3 | 73,8 | 75,8 | 1,6 |
| н. Қубодиён | 103,9 | 112,5 | 114,9 | 117,0 | 115,2 | 118,6 | 121,6 | 2,4 |
| н. Балхӣ | 118,0 | 120,4 | 122,6 | 124,8 | 124,1 | 127,1 | 130,2 | 1,5 |
| ш. Кӯлоб | 126,9 | 128,4 | 130,2 | 132,5 | 130,3 | 132,9 | 136,0 | 1,0 |
| н. Ҷайҳун | 81,5 | 83,1 | 84,8 | 86,3 | 85,9 | 86,4 | 88,7 | 1,3 |
| н. Муъминобод | 55,6 | 56,6 | 57,7 | 58,7 | 58,4 | 59,2 | 60,5 | 1,2 |
| ш. Норак | 36,2 | 36,8 | 37,4 | 38,1 | 38,2 | 39,4 | 40,3 | 1,6 |
| н. Фархор | 100,5 | 102,1 | 104,0 | 105,9 | 105,5 | 108,0 | 110,7 | 1,4 |
| н. Панҷ | 70,1 | 71,6 | 72,9 | 74,2 | 73,2 | 74,7 | 76,7 | 1,3 |
| ш. Левакант | 28,4 | 28,9 | 29,4 | 29,9 | 29,3 | 30,3 | 31,0 | 1,3 |
| н. Темурмалик | 41,2 | 41,7 | 42,3 | 43,1 | 44,4 | 45,1 | 46,1 | 1,7 |
| н. М.С.А. Ҳамадонӣ | 87,7 | 89,0 | 90,2 | 91,8 | 90,9 | 92,7 | 94,7 | 1,1 |
| н. Ховалинг | 34,2 | 34,6 | 35,3 | 35,9 | 34,3 | 35,1 | 35,6 | 0,6 |
| н. Хуросон | 68,2 | 69,7 | 71,3 | 72,6 | 74,3 | 75,7 | 77,6 | 2,0 |
| н. Н. Хусрав | 23,0 | 23,5 | 24,2 | 24,6 | 26,6 | 27,9 | 28,7 | 3,5 |
| н. Шаҳритус | 76,2 | 77,7 | 79,3 | 80,7 | 80,0 | 82,5 | 84,6 | 1,6 |
| н. Ш. Шоҳин | 32,7 | 33,2 | 33,6 | 34,2 | 34,0 | 34,7 | 35,4 | 1,2 |
| н. Ёвон | 137,0 | 140,3 | 143,5 | 146,1 | 146,6 | 151,8 | 156,2 | 2,0 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [9, С. 19-20].

Дар натиҷаи таҳлилу омӯзишҳо муайян карда шуд, ки аҳолии машғули вилоят танҳо 21-24%-и аҳолии синни қобили меҳнатро ташкил менамоянд. Қисме аз қувваи корӣ ба сифати корфармо, танҳокор, корманди оилавии бемузд мустақилона машғули кор буда, ҳиссаи аз он қувваи кории истифоданашуда дар иқтисодиёт дониста мешаванд. Рақамҳои оморӣ шаҳодат медиҳанд, ки новобаста аз шуғли ҳиссаи муайяни қувваи корӣ аз

рӯйи нишондиҳандаҳои зикршуда, ҳиссаи бекорони аз қайди хадамоти шуғл нагузашта назаррас мебошад. Аз ин рӯ, зарурат ба таъсиси ҷойҳои корӣ ба миён меояд. Шаҳру ноҳияҳое, ки дар онҳо шумораи аҳолии синни қобили меҳнат нисбатан афзоиши назаррас дорад, инҳо ноҳияҳои Н. Хусрав – 3,5%, Қубодиён – 2,4% Данғара, Хуросон ва Ёвон – 2,0% ва шаҳри Бохтар – 2,1% мебошанд.

Бо мақсади баҳодиҳии вазни қиёсии кормандони кироякори вилоят дар шумораи аҳолии синни қобили меҳнат маълумоти таҳлилӣ дар ҷадвали 2.5. ба низом дароварда шудааст.

Ҷадвали 2.5. – Ҳиссаи кормандони кироякори вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он дар шумораи аҳолии синни қобили меҳнат, бо фоиз

| Солҳо / Вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/2018 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Вилояти Хатлон | 23,2 | 23,6 | 23,3 | 23,4 | 23,5 | 23,0 | 23,3 | 0,1 |
| ш. Бохтар | 23,2 | 23,6 | 24,0 | 25,9 | 24,6 | 24,2 | 24,9 | 1,7 |
| н. Балҷувон | 19,7 | 19,8 | 19,3 | 19,6 | 19,3 | 20,3 | 21,3 | 1,6 |
| н. Кушониён | 22,4 | 23,3 | 22,7 | 23,1 | 23,6 | 23,3 | 22,8 | 0,4 |
| н. Вахш | 20,4 | 20,2 | 20,1 | 20,0 | 19,5 | 19,5 | 20,0 | -0,4 |
| н. Восеъ | 23,0 | 24,5 | 24,1 | 23,1 | 23,9 | 23,5 | 23,1 | 0,1 |
| н. Данғара | 19,8 | 19,3 | 19,1 | 19,4 | 19,7 | 19,9 | 21,4 | 1,6 |
| н. А. Ҷомӣ | 18,4 | 20,5 | 19,9 | 20,4 | 20,4 | 20,0 | 20,2 | 1,8 |
| н. Дӯстӣ | 29,0 | 27,7 | 27,1 | 26,8 | 27,2 | 26,8 | 26,4 | -2,6 |
| н. Қубодиён | 20,9 | 20,6 | 20,1 | 20,2 | 20,4 | 19,9 | 19,8 | -1,1 |
| н. Балхӣ | 22,8 | 24,9 | 24,0 | 23,0 | 23,0 | 22,7 | 22,6 | -0,2 |
| ш. Кӯлоб | 16,5 | 15,6 | 15,4 | 16,0 | 18,6 | 18,4 | 18,8 | 2,3 |
| н. Ҷайҳун | 30,2 | 24,4 | 25,7 | 25,5 | 25,6 | 25,7 | 25,5 | -4,7 |
| н. Муъминобод | 20,0 | 20,3 | 20,1 | 20,3 | 19,5 | 20,3 | 20,3 | 0,3 |
| ш. Норак | 21,0 | 21,2 | 20,8 | 20,7 | 20,9 | 21,6 | 22,1 | 1,1 |
| н. Фархор | 49,7 | 49,0 | 48,2 | 49,0 | 48,7 | 47,6 | 46,9 | -2,8 |
| н. Панҷ | 31,0 | 30,4 | 30,3 | 29,9 | 29,9 | 29,6 | 28,9 | -2,1 |
| ш. Левакант | 23,6 | 21,1 | 21,1 | 21,7 | 23,2 | 23,1 | 21,9 | -1,7 |
| н. Темурмалик | 19,9 | 19,7 | 19,6 | 19,7 | 19,1 | 19,1 | 19,1 | -0,8 |
| н. М.С.А. Ҳамадонӣ | 19,4 | 19,6 | 19,3 | 19,1 | 19,1 | 18,8 | 18,6 | -0,8 |
| н. Ховалинг | 18,1 | 17,6 | 17,8 | 18,4 | 21,0 | 21,1 | 21,9 | 3,8 |
| н. Хуросон | 16,3 | 15,5 | 15,1 | 15,3 | 14,5 | 14,4 | 14,7 | -1,6 |
| н. Н. Хусрав | 36,1 | 32,8 | 31,4 | 31,3 | 28,6 | 31,2 | 30,7 | -5,4 |
| н. Шаҳритус | 23,5 | 25,7 | 25,6 | 25,4 | 25,4 | 27,3 | 24,9 | 1,4 |
| н. Ш. Шоҳин | 40,4 | 38,3 | 37,5 | 37,4 | 37,4 | 36,9 | 36,7 | -3,7 |
| н. Ёвон | 16,7 | 21,7 | 21,3 | 21,4 | 21,1 | 20,5 | 20,3 | 3,6 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [9, С. 19-20, 71-72].

Аз маълумоти ҷадвали 2.5 дида мешавад, ки ҳиссаи кормандони кироякори вилояти Хатлон дар шумораи аҳолии синни қобили меҳнат қаноатбахш набуда, ҳатто соли 2024 нисбат ба сол 2018 танҳо ба андозаи 0,1% афзоиш ёфтааст. Ҳолати мазкур аз рушди нисбатан ноустувори бозори меҳнати вилоят шаҳодат медиҳад, чунки таъсиси ҷойҳои корӣ ва фарогирии қувваи корӣ дар сатҳи лозимӣ ба роҳ монда нашудааст. Ҳамчунин дар аксарияти шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳиссаи кормандони кироякор дар шумораи аҳолии синни қобили меҳнат коҳиш ёфтааст. Хусусан ин ҳолат дар ноҳияҳои Вахш, Ҷайҳун, Данғара, А. Ҷомӣ, Дӯстӣ, Қубодиён, Балхӣ, Темурмалик ва дигар ноҳияҳо дида мешавад. Новобаста аз он ки кормандони кироякори ноҳияи Фархор нисбат ба дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ҳиссаи назаррасро дар шумораи аҳолии синни қобили меҳнат ташкил медиҳанд (48-50%). Аммо тамоюли шумораи ин қишри аҳолӣ давоми солҳои таҳлилшуда дар ин ноҳия то андозае манфӣ мебошад. Давоми солҳои 2018-2024 ҳиссаи кормандони кироякори ноҳияҳои Ш.Шоҳин ва Н. Хусрав низ дар шумораи аҳолии синни қобили меҳнат нисбатан назаррас мебошад. Ҳиссаи кормандони кироякори ноҳияҳои Ховалинг ва Ёвон дар шумораи аҳолии синни қобили меҳнат бо суръати баланд зиёд шуда, ин нишондиҳанда дар ноҳияҳои мазкур соли 2024 нисбат ба соли 2018 аз 16,7 то 21,9% афзоиш ёфтааст. Ҳамин тавр, аз таҳлилҳо чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки бунёди корхонаҳои хурду миёна ва калон дар соҳаи истеҳсолот ва хизматрасонӣ, ки тавонанд шуғли қувваи кории шаҳру ноҳияҳои вилоятро таъмин намоянд, зарур мебошад. Ба ақидаи мо, дар минтақа барои таъмини ҷойи корӣ бояд тарзи кластерии корхонаҳоро ташкил кард.

Тавре қайд карда шуд, яке аз мушкилотҳои асосии бозори меҳнати вилояти Хатлон, чун дигар манотиқи ҷумҳурӣ, номувозинатии талабот ва таклифоти қувваи корӣ бо иллати маҳдудияти ҷойҳои корӣ мебошад. Шумораи бекорон дар вилояти Хатлон аз рӯйи категорияҳои гуногуни захираҳои меҳнатӣ дар диаграммаи 2.1 оварда шудааст.

**Диаграммаи 2.1.** – Бекорӣ дар вилояти Хатлон аз рӯйи категорияҳои гуногуни захираҳои меҳнатӣ, ҳазор нафар.




**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси [11, С. 95-97].

Тавре аз маълумоти диаграммаи 2.1 бармеояд, дар маҷмуъ бекорӣ дар вилояти Хатлон тамоюли коҳишёбӣ дошта, ба ҳисоби миёна шумораи бекорон ҳамасола дар ҳаҷми 1,3% кам гардидааст. Ин рақам асосан аз ҳисоби бекории занон ба вуҷуд омадааст, чунки коҳиши миёнасолонаи бекории занон дар давраи таҳлилшуда ба 5,4% баробар аст. Бекории мардон бошад, давоми солҳои таҳлилшуда зиёд гардида, афзоиши миёнасолонаи он 4,6%-ро ташкил менамояд. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус дар маҳалҳои деҳотнишини вилояти Хатлон, ки қисми зиёди занон хонашин ҳастанд, аз ин ҳисоб шумораи бекоронро афзоиш медиҳанд. Бекорони синну соли аз 25 то 29-сола низ давоми солҳои 2018-2024 дар ҳолати динамикӣ қарор дорад. Дар маҷмуъ, назаррас будани шумораи бекорон аз ҳисоби синну соли мазкур то андозае нигаронкунанда мебошад. Сабабҳои асосии ҷой доштани ҳолати мазкур, аз як тараф, баланд будани суръати афзоиши захираҳои меҳнатии синну соли мазкур ва аз дигар ҷиҳат, то андозае рақобатпазир набудани аҳолии фаъоли иқтисодии вилоятро аз ҳисоби хатмкунандагони мактабҳои олӣ ва миёнаи касбӣ нишон медиҳад. Баҳри коҳиш додани шумораи бекорони категорияи мазкур рушди ҳамкории бозори хизматрасониҳои соҳаи маориф ва бозори меҳнатро зарур мешуморем.

Маълумотнокии аҳолӣ дар ҳар давру замон омили асосии таъмини шуғл маҳсуб меёбад. Аз ин рӯ, бахри коҳиш додани сатҳи бекорӣ дар вилояти Хатлон баланд бардоштани маълумотнокии аҳолӣ низ таъсири мусбат мерасонад. Таъсири мусбати соҳибмаълумотии аҳолии вилоят дар таъмини шуғл бо рақамҳои омори расмӣ тасдиқ карда мешавад (диаграммаи 2.2).

**Диаграммаи 2.2.** – Шумораи бекорони вилояти Хатлон аз рӯйи дараҷаи маълумотнокӣ, ҳазор нафар.




**Манбаъ:** [16, С. 161; 11, С. 99].

Аз рақамҳои диаграммаи 2.2 дида мешавад, ки маълумотнокии аҳолӣ барои таъмини шуғли онҳо нақши калидӣ дорад. Чунки шумораи бекорони дорои маълумоти зинаҳои болоии таҳсилот нисбат ба бекорони дорои маълумоти зинаҳои поёнии таҳсилот кам мебошад. Шумораи бекорони дорои маълумоти олӣ дар вилоят давоми солҳои 2018-2024 ба андозаи 2 маротиба афзоиш ёфтааст. Чунин ҳолат барои бекорони дорои маълумоти миёнаи касбӣ 1,5 маротиба ва бекорони дорои маълумоти ибтидоии касбӣ 1,7 маротиба афзоиш ёфтааст. Барои бекорони дорои маълумоти миёнаи умумӣ бошад, дар ҳаҷми 0,7 маротиба кам гардидааст. Аз рақамҳои диаграмма маълум мегардад, ки маълумотнокии қувваи корӣ барои таъмини шуғл танҳо соли 2023 бе таъсир боқӣ мондааст. Ҳамин тавр, аз рақамҳои овардашуда

чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки соҳибмаълумот намудани аҳолӣ яке аз шартҳои мубориза бо бекорӣ мебошад. Аммо дар баробари ин, таъсиси ҳар чи бештари ҷойҳои кории пурмаҳсул яке аз самтҳои афзалиятҳои таъмини шуғли қувваи кории соҳибмаълумот маҳсуб меёбад.

Дар шароити вилояти Хатлон, ки соҳаи кишоварзӣ яке аз соҳаҳои афзалиятноки таъмини шуғли аҳолӣ баромад менамояд, доираи фарогирии шуғл аз бузургии заминҳои кишт вобаста мебошад. Дар маҷмуъ, аз ҳаҷми умумии заминҳо 49-50%-и заминҳои кишти сатҳи ҷумҳурӣ ба вилояти Хатлон рост меоянд. Дар ҳоле ки зиёда аз 82% аҳолии вилоят дар деҳот зиндагӣ менамоянд, шуғли аҳолӣ дар шароити замин муҳим арзёбӣ мегардад. Аз рақамҳои омори расмӣ дида мешавад, ки дар маҷмуъ, заминҳои кишт дар хоҷагиҳои вилоят сол то сол афзоиш ёфта, давоми солҳои 2018-2024 ба андозаи 30645 гектар зиёд гардидаанд.

Аммо дар баъзе ноҳияҳо камшавии заминҳои кишт ҷой дорад ва ин ҳолат аз мавқеи маҳдудкунии ҷойҳои корӣ ба бозори меҳнати минтақа таъсири манфӣ мерасонад. Новобаста ба афзоиши заминҳои кишт, дар сатҳи вилоят шумораи кормандони кироякор дар тули солҳои таҳлилшуда дар сатҳи қаноатбахш зиёд нагардидааст. Ин рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки майдонҳои  калони заминҳо дар ихтиёри шахсони алоҳида қарор доранд. Дар шароити афзоиши қувваи корӣ кам гардидани заминҳои кишт дар баъзе ноҳияҳои вилоят нигаронкунанда боқӣ мемонад. Натиҷаи арзёбиҳо нишон дод, ки дар тули солҳои зикргардида заминҳои кишт дар ноҳияҳои Данғара (1440 гектар), Темурмалик (333 гектар), Ховалинг (60 гектар) ва шаҳри Кӯлоб (54 гектар) кам гардидаанд. Дар сатҳи назаррас зиёд гардидани заминҳои кишт дар ноҳияҳои Ҷайҳун (4906 гектар), Шаҳритус (2564 гектар), Дӯстӣ (2029 гектар), Н. Хусрав (1777 гектар), А. Ҷомӣ (1766 гектар) дида мешавад. Аз ин рақамҳо метавон  чунин хулоса баровард, ки зиёд намудани заминҳои кишт ва коркарди онҳо бо ҷалби қувваи корӣ метавонад барои таъмини шуғли аҳолии синни қобили меҳнат ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии шаҳру ноҳияҳои вилоят мусоидат намояд.

Дар натиҷаи таҳқиқи амиқи динамикаи заминҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ду ҳолати асосӣ муайян карда шуд:

1. Зиёд гардидани заминҳо дар аксарияти ноҳияҳои вилоят аз тариқи ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида ва зиёд намудани заминҳои навкорам.

2. Сабабҳои асосии кам гардидани заминҳо дар баъзе ноҳияҳои вилоят ҳолатҳои зерин мебошанд: а) коҳиш ёфтани самаранокии заминҳо; б) бад шудани ҳолати мелиоративии заминҳо; в) риоя накардани қоидаҳои агротехникӣ ҳангоми истифодаи замин, ки боиси паст шудани сатҳи ҳосилнокӣ ва аз истифодаи кишоварзӣ хориҷ гардидани заминҳо мегардад.

Дар ҳама категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он ба сари ҳар нафар аҳолии қобили меҳнат давоми солҳои 2018-2024 масоҳати заминҳои кишт ҳоло ҳам ба талабот ҷовобгуй шуда наметавонад. Рақамҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки дар баробари афзоиши шумораи аҳолии қобили меҳнати вилоят ва шаҳру ноҳияҳои он заминҳои кишт то ҳадди зарурӣ зиёд карда нашудаанд, онҳо дар  ин давра фақат дар ноҳияи Ҷайҳун зиёд карда шудаанд. Ба ақидаи мо, сабаби асосии мушкилоти ҷойдошта нокифоя будани сармоягузории соҳаи кишоварзии вилоят мебошад. Ба кор андохтани заминҳои навкорам, беҳтар намудани  ҳолати мелеоративии заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунгашта бо роҳи пошидани нуриҳои минералӣ ва истифодаи техникаҳои кишоварзӣ ба сармоягузории соҳа вобастагӣ дорад. Сабабҳои дигари кам гардидани заминҳои кишт дар вилоят то андозае кӯчиши қувваи корӣ аз тариқи муҳоҷират ба Федератсияи Россия ва машғули кор гардидани қисмати дигари аҳолии қобили меҳнат дар дигар соҳаҳои иқтисодӣ мебошад. Дар шароите ки қисми зиёди аҳолии вилоят дар деҳот ҳаёт ба сар мебаранд, ҳамасола зиёд намудани заминҳои кишт барои таъмини шуғли қувваи корӣ мусоидат хоҳад кард.

Бо мақсади баҳодиҳии ҳиссаи категорияҳои алоҳидаи хоҷагиҳои вилоят дар истифодаи заминҳои кишт ва фарогирии шуғли аҳолии минтақа маълумоти муфассал дар ҷадвали 2.6 оварда шудааст.

Ҷадвали 2.6. – Заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар категорияҳои гуногуни хоҷагиҳои вилояти Хатлон, гектар

| Солҳо / Категория-ҳои хоҷагиҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/2018 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Корхонаҳои кишоварзӣ | 45414 | 43591 | 53629 | 53758 | 58275 | 58415 | 105729 | 60315 |
| Нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ, % | 42,5 | 36,5 | 41,2 | 43,3 | 40,6 | 41,3 | 53,1 | 10,6 |
| Хоҷагиҳои аҳолӣ | 83543 | 84159 | 85060 | 83468 | 83993 | 83924 | 84319 | 776 |
| Нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ, % | 49,1 | 49,2 | 49,3 | 48,9 | 49,2 | 49,2 | 50,1 | 1,0 |
| Хоҷагиҳои деҳқонӣ | 274396 | 294088 | 287630 | 293288 | 291536 | 291976 | 243950 | -30446 |
| Нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ, % | 49,9 | 52,9 | 51,9 | 51,7 | 53,4 | 53,1 | 49,3 | -0,6 |

**Манбаъ:** [9, С. 133-134].

Тавре дар боло зикр намудем, нисфи заминҳои кишти ҷумҳурӣ ба вилояти Хатлон рост меояд. Ҳолати мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки барои таъмини шуғли қувваи корӣ имкониятҳои соҳа вуҷуд доранд. Заминҳои кишти зироатҳои кишоварзӣ дар баъзе аз категорияҳои хоҷагиҳои вилоят тамоюли камшавӣ доранд. Масалан, заминҳои кишт, ки дар ихтиёри корхонаҳои кишоварзӣ қарор доранд, дар соли 2024 нисбат ба соли 2018 ба андозаи 60315 гектар ва ё 2,3 маротиба зиёд гардидаанд. Заминҳои кишт дар хоҷагиҳои аҳолӣ низ дар ҳолати динамикӣ қарор дошта, соли 2024 дар сатҳи назаррас коҳиш ёфтааст (нисбат ба соли 2018 дар ҳадди 11%). Дар ҳоле ки соли 2024 нисбат ба соли 2018 шумораи миёнасолонаи кормандони кироякори соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ зиёда аз 20% афзоиш ёфтааст, коҳиши заминҳо дар хоҷагиҳои болозикр барои мақсадҳои таъмини шуғли қувваи кории вилоят нигаронкунанда арзёбӣ мегардад.

Дар шароити кунунӣ корхонаҳои кишоварзии вилоят метавонанд шуғли захираҳои меҳнатиро таъмин намоянд, агар рушди онҳо аз тариқи аз они худ намудани заминҳои нав ва ба кор андохтани онҳо ба роҳ монда шавад. Аммо, мутаассифона, дар корхонаҳои кишоварзии вилоят, бо иллати камшавии заминҳо, эҳтимолияти афзоиши бекорӣ низ дар назар аст. Хоҷагиҳои деҳқонӣ дар шароити кунунӣ яке аз шаклҳои муҳимми фаъолияти хоҷагидории маҳалҳои деҳотнишин ва таъмини шуғли онҳо дониста мешаванд. Амалияи

имрӯза нишон медиҳад, ки на ҳама оилаҳо заминҳои дар намуди хоҷагиҳои деҳқониро соҳибанд. Аз нигоҳи мо, тақсимоти одилонаи заминҳои кишти хоҷагиҳои деҳқонӣ байни қувваи кории вилоят метавонад то андозае шуғли аҳолиро таъмин намуда, мушкилоти бекориро коҳиш диҳад.

Аз маълумоти таҳлилкардашуда метавон чунин хулосабарорӣ намуд:

1. Сабабҳои асосии камшавӣ ва ё зиёдшавии ҳаҷми заминҳо дар хоҷагиҳои вилоят ба ҳолати молиявии хоҷагиҳо ва шуғли аввалиндараҷа ҳисобидани кор дар замин аз ҷониби аҳолӣ вобаста мебошад.

2. Хоҷагиҳое, ки имконияти молиявӣ доранд, аз тариқи ба кор андохтани заминҳои нав ва ё барқарор намудани заминҳои бекорхобида заминҳои киштро васеъ менамоянд ва ё сатҳи ҳосилхезии онро баланд мебардоранд.

3. Зиёд намудани соҳибонии хоҷагиҳои деҳқонӣ аз мавқеи таъмини шуғли онҳо барои бозори меҳнати хоҷагии қишлоқи вилоят мусбат хоҳад буд.

4. Дар ҳама ҳолат баланд гардидани самаранокии иқтисодии заминҳо ба истифодаи техникаҳои зарурӣ, таъмин будани заминҳо бо нуриҳои минералӣ ва умуман, сармоягузории соҳа вобаста мебошад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ соҳаҳои саноат, сохтмон, савдо, нақлиёт ва алоқа ба ҳайси соҳаҳои афзалиятноки таъмини шуғли аҳолӣ баромад менамоянд. Аммо, мутаассифона, дар вилояти Хатлон соҳаҳои мазкур ҷиҳати ҳалли мушкилоти бекорӣ нақши назарраси қобили қабулро, ки талаботро пурра қонеъ гардонад, амалан надоранд (ниг. ба ҷадв. 2.7 ва 2.8).

Ҷадвали 2.7. – Динамикаи нишондиҳандаҳои соҳаи саноати вилояти Хатлон

| **Солҳо / Нишондиҳандаҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2024/2018 (+, -)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳои саноатӣ, адад. | 583 | 595 | 617 | 640 | 719 | - | 874 | 291 |
| Шумораи кормандони саноатию истеҳсолӣ, нафар. | 17660 | 18870 | 20709 | 20588 | 22064 | 22486 | 23241 | 5581 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ. | 7294,0 | 8661,0 | 8998,2 | 10333,0 | 10792,5 | 11841,2 | 12666,0 | 5372 |
| Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан, адад. | - | 89 | 92 | 99 | 106 | - | 129 | 40* |

*Давоми ҷадвали 2.7.*

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи кормандони саноатию истеҳсолӣ, нафар. | 2342 | 2035 | 2203 | 2457 | 2619 | 2760 | 2987 | 645 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ. | 331,9 | 355,5 | 383,9 | 406,2 | 454,2 | 502,6 | 686,7 | 354,8 |
| Шумораи корхонаҳои саноати коркард, адад. | - | 440 | 460 | 473 | 546 | - | 677 | 237* |
| Шумораи кормандони саноатию истеҳсолӣ, нафар. | 9897 | 10763 | 13000 | 12423 | 13857 | 14183 | 14551 | 4654 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ. | 3893,7 | 4347,7 | 4419,3 | 5430,6 | 6525,2 | 6825,8 | 6994,4 | 3100,7 |
| Шумораи корхонаҳои истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ, адад. | - | 66 | 65 | 68 | 67 | - | 68 | 2* |
| Шумораи кормандони саноатию истеҳсолӣ, нафар. | 5421 | 6072 | 5506 | 5708 | 5588 | 5543 | 5703 | 282 |
| Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ. | 3068,4 | 3957,8 | 4194,9 | 3813,1 | 4194,9 | 4512,7 | 4984,8 | 1916,4 |

**Манбаъ:** [14, С. 32].

*2024 нисбати 2019

Рақамҳои омори расмии вилояти Хатлон нишон медиҳанд, ки бозори меҳнати соҳаи саноат аз мавқеи таъмини шуғли назарраси захираҳои меҳнатӣ дар сатҳи лозимӣ рушд накардааст. Новобаста ба он ки дар тули солҳои 2018-2024 шумораи корхонаҳои саноатӣ дар вилоят 291 адад зиёд шудааст, аммо доираи фарогирӣ ба шуғл тамоюли маҳдудшавӣ дорад. Масалан, агарчи соли 2018 ба ҳисоби миёна дар як корхонаи саноатӣ 30 нафар корманд машғули кор буд, пас ин рақам дар соли 2024 ба 26 нафар расидааст, ки наздик ба 0,9 маротиба кам мебошад. Ҳолати ҷойдошта, аз як тараф, ба пешрафти илму техника низ вобаста мебошад. Ҷиҳати ҳалли мушкилоти мавҷуда, баланд бардоштани таҷрибаву малакаҳои инноватсионии захираҳои меҳнатии соҳаи саноат муҳим мебошад. Рақамҳо оид ба ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ давоми солҳои таҳлилшуда тамоюли мусбат дошта, ҳосилнокии меҳнат дар соли 2024 нисбати соли 2018 ба андозаи 1,2 маротиба баланд гардидааст.

Шумораи корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан, кормандони онҳо, инчунин ҳаҷми истеҳсолоти онҳо дар минтақа ҳамасола зиёд гардидааст. Чунин

ба назар мерасад, ки дар ин соҳа афзоиши ҳосилнокии меҳнат аз тариқи экстенсивӣ таъмин гардидааст, чунки байни нишондиҳандаҳои таҳлилшуда алоқаи мустақим ҷой дорад. Дар ҳаҷми 1,3 маротиба зиёд гардидани шумораи кормандон зиёд шудани ҳаҷми истеҳсолотро ба миқдори 1,7 маротиба таъмин кардааст. Ҳолати ҷойдошта гувоҳи он аст, ки дар ин соҳа ҳиссаи меҳнати дастӣ зиёд мебошад. Бо назардошти рақамҳои ҷойдошта, зиёд намудани корхонаҳои саноати истихроҷи маъдан ва дар ин замина таъсиси ҳар чи бештари ҷойҳои корӣ ба нафъи соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа мебошад.

Рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки баробари зиёд гардидани шумораи корхонаҳои саноати коркард кормандони онҳо кам гардидаанд. Бо назардошти ҷорӣ намудани технологияҳои коркарди маҳсулоти саноатӣ, меҳнати дастӣ мутаносибан коҳиш ёфтааст. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки корхонаҳои ин соҳа аз тариқи интенсивӣ ба сатҳи баланди ҳосилнокии меҳнат ноил гардидаанд. Нишондиҳандаи ҳосилнокӣ соли 2024 нисбати соли 2018 ба андозаи 1,3 маротиба афзоиш ёфтааст.

Ҷадвали 2.8. – Нишондиҳандаҳои соҳаҳои сохтмон, савдо, нақлиёт ва алоқаи вилояти Хатлон

| **Солҳо** / **Нишондиҳандаҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **2024/2018 (+, -)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шуғлдоштагон дар соҳаи сохтмон, ҳазор нафар. | 5,8 | 5,4 | 4,8 | 4,9 | 5,1 | 5,3 | 5,7 | -0,1 |
| Шуғлдоштагон дар савдои яклӯхт ва чакана, ҳазор нафар. | 3,3 | 2,8 | 2,8 | 3,9 | 4,0 | 4,4 | 4,2 | 0,9 |
| Шуғлдоштагон дар нақлиёт ва хоҷагии анбор, ҳазор нафар. | 1,4 | 1,5 | 1,5 | 0,5 | 0,6 | 0,7 | 0,8 | -0,6 |
| Шуғлдоштагон дар почта ва алоқа, ҳазор нафар. | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 1,3 | 1,4 | 1,2 | 1,4 | 0,7 |
| Шумораи муассисаҳои савдои чакана, адад | 813 | 786 | 671 | 699 | 771 | 799 | 747 | -66 |
| Шумораи иттиҳодияҳо, корхонаҳо ва қисматҳои онҳо оид ба адои хизмати муштариён бо алоқаи истифодаи умум | 135 | 135 | 135 | 135 | 135 | 135 | 169 | 34 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [10, С. 70-71, 193-195; 9, С. 73, 321].

Корхонаҳои истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ низ ҳамасола зиёд шудаанд. Шумораи кормандон ва ҳаҷми истеҳсолот низ дар онҳо зиёд гардидааст. Зиёд шудани шумораи корхонаҳо ва кормандони онҳо сатҳи ҳосилнокии меҳнатро баланд бардоштааст.

Бо назардошти мушкилоти асосии бозори меҳнати минтақаи Хатлон, яъне барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ, зарур мешуморем, ки аз як тараф, донишу малакаи захираҳои меҳнатии соҳаи саноат баланд бардошта шавад (барои саноати коркард) ва аз тарафи дигар, ҷойҳои корӣ дар соҳа зиёд карда шавад (барои саноати истихроҷи маъдан ва соҳаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, об, газ ва гармӣ).

Аз рақамҳои ҷадвал дида мешавад, ки соҳаҳои сохтмон, савдо, нақлиёт ва алоқаи вилояти Хатлон барои ҳалли мушкилоти бекорӣ саҳми назарррас надоранд. Дар шароити кунунӣ, ки раванди сохтмони объектҳои таъйиноти иҷтимоиию иқтисодӣ бомаром пеш рафта истодааст, таъмини шуғли 0,26-0,28%-и аҳолии синни қобили меҳнат аз ҷониби соҳаи сохтмон нокифоя мебошад. Ҳатто солҳои охир шумораи шуғлдоштагони ин соҳа кам гардидааст. Тавре аз рақамҳои омори расмии соҳа дида  мешавад, чунин ҳолат дар соҳаҳои савдо, нақлиёт ва алоқаи вилояти Хатлон низ ба чашм мерасад.

Дар тули давраи таҳлилшуда (2018-2024) муассисаҳои савдои чакана 66 адад кам гардида, шумораи иттиҳодияҳо, корхонаҳо ва қисматҳои онҳо, ки барои адои хизмати муштариён бо алоқаи истифодаи умум фаъолият менамояд, 34 адад зиёд шудааст. Ҳамаи ҳолатҳои ҷойдошта аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки соҳаҳои болозикр дар таъмини шуғли аҳолӣ ҳиссаи ночиз доранд. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, аз нигоҳи мо, рушди соҳаҳои мазкур аз тариқи зиёд намудани объектҳои сохтмонӣ ва ҷалби захираҳои меҳнатии вилоят ба онҳо, васеъ намудани доираи фаъолияти соҳаҳои савдо, нақлиёт ва алоқа амри зарурӣ мебошад.

Таҳқиқи ҳолати муосири бозори меҳнати минтақаи Хатлон дар асоси омӯзиши рақамҳои омори расмӣ ва маълумоти воқеӣ ба мо имконият дод, то нишондиҳандаҳои нисбатан ноустувори рушди бозори меҳнатро дар вилояти Хатлон муайян ва ошкор намоем. Дар бозори меҳнати вилоят мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ ва номувофиқии таклифоти қувваи корӣ ҷой дорад. Таҳлилу муқоисаи рақамҳои оморӣ нишон доданд, ки номувофиқии талаботу таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнат бо иллати мушкилоти норасоии ҷойҳои корӣ мушкилоти асосии бозори меҳнати вилояти

Хатлон мебошад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, таъсиси ҳар чи бештари ҷойҳои корӣ амри зарурӣ мебошад. Ҳамчунин бо назардошти пайдо гардидани соҳаҳои нави фаъолият таъмини сифати баланди таълим дар ҳама зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла марказҳои касбомӯзӣ вазифаи муҳимми соҳаи маориф мебошад.

## 2.2. Таҳлили бозори меҳнат дар шароити норасоии ҷойҳои корӣ

Вазъияти бозори меҳнати вилояти Хатлон тасҳеҳ ва қабули чораҳои заруриро оид ба татбиқи қонуну қарорҳо ва барномаҳои рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти вилоятро талаб менамояд. Бо назардошти ҳолати мавҷуда, таҳлили омилҳои ба ташаккулёбӣ ва рушди фаъолияти бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсиррасон ва таҳқиқи хусусияти сохторию минтақавии он зарур арзёбӣ мегардад. Хусусан, дар шароити бозори меҳнати вилоят коркарди сиёсати кадрии ҷавобгӯй ба талаботи муосир, баландбардории фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, таъмини имкониятҳои ташкили меҳнат дар шароити шуғли пурра ва пурмаҳсулии аҳолии қобили меҳнат, бунёди истеҳсолоти инноватсионӣ ва ҷойҳои нави корӣ, талаботи мувофиқи иҷтимоию иқтисодӣ, ҳифзи ҳуқуқи меҳнатӣ ва манфиатҳои қувваи корӣ, инчунин мусоидат ба фаъолияти соҳибкории инноватсионии босамару аҳаммияти ҷамъиятидошта мубрам дониста мешаванд.

Тавре таҳқиқи ҳолати бозори меҳнат нишон дод, дар вилояти Хатлон самтҳои имконпазири таъмини рушди мутавозини бозори меҳнат ҷой дорад. Аммо барои истифодаи имкониятҳои ҷойдошта зарур аст, ки шароити ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва ниҳодӣ бунёд карда шавад, то барои рушди босамари бозори меҳнати минтақа мусоидат намояд. Дар шароите ки вазни қиёсии захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнати вилоят нисбат ба ҷойҳои корӣ зиёд аст, рушди фаъолияти соҳибкории хурду миёна зарурати объективӣ пайдо менамояд. Дар натиҷаи ноил гардидан ба рушди босуботи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, алалхусус вилояти Хатлон, зарурати баланд бардоштани сифати муносибатҳои меҳнатӣ, ҷалби иловагии захираҳои меҳнатӣ дар мувофиқа бо талаботи иқтисоди вилоят, бунёди шароити ташкил ва рушди шуғли пурмаҳсул ҳамчун самтҳои афзалиятноки идоракунии бозори меҳнати минтақа пеш меоянд.

Бо вуҷуди он ки доир ба бозори меҳнати минтақаҳо таҳқиқотҳои зиёде мавҷуд ҳаст, аммо чи тавре ки Бобоҷонов Р.М. қайд менамояд: «Дар як қатор таҳқиқот ва ҳуҷҷатҳои расмӣ ба зарурати ба назар гирифтани хусусиятҳои хоси минтақаҳо, аҳамияти татбиқи усулҳои мушаххаси танзим, ҳавасмандгардонӣ ва ҳамоҳангсозии рушди минтақаҳои Тоҷикистон ба манфиати кишвар ваислоҳоти бозорӣ кам таваҷҷӯҳ зоҳир карда мешавад»[96].

Дар сатҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бозори меҳнат ҷиҳатҳои устувор, заиф ва имкониятҳои рушдро соҳиб буда, зери таъсири хавфу хатарҳо низ қарор мегирад. Вобаста ба ин, SWOT – таҳлили бозори меҳнати вилоятии Хатлонро дар ҷадвали 2.9 мегузаронем.

**Ҷадвали 2.9. –** SWOT–таҳлили бозори меҳнати вилояти Хатлон

| | |
|---|---|
| **Имкониятҳо** | 1. Ташаккули бозори меҳнати чандир, ки истифодаи босамари қувваи кории вилоятро таъмин менамояд.<br>2. Баландшавии дараҷаи шуғли аҳолии вилоят.<br>3. Имкониятҳои зиёди фарогирии қувваи корӣ ба шуғл дар соҳаи кишоварзӣ.<br>4. Ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ баҳри бунёди корхонаҳои истеҳсолию хизматрасон дар чорчӯбаи индустриалӣ-инноватсионӣ фаъолияткунанда, ки ҳиссаи максималии шуғли қувваи кориро дар вилоят метавонад таъмин намоянд. |
| **Таҳдидҳо** | 1. Зиёд будани таклифоти қувваи корӣ нисбат ба талаботи он.<br>2. Афзоиши мунтазами ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар сохтори синнусолии аҳолии вилоят дар шароити маҳдудияти ҷойҳои корӣ.<br>3. Сатҳи баланди тафриқаи аҳолӣ аз рӯйи ҳаҷми даромадҳо.<br>4. Норасоии кадрҳои баландихтисос дар шароити гузариш ба низоми индустриалӣ-инноватсионӣ.<br>5. Ногаҳон пайдо шудани бемориҳои сироятӣ, ки муҳоҷирати қувваи кориро ба хориҷи кишвар, аз ҷумла Федератсияи Россия коҳиш медиҳад ва шумораи бекоронро дар вилоят метавонад зиёд намояд.<br>6. Мунтазам коҳиш ёфтани ҳаҷми даромадҳои ҳақиқии аҳолии шуғлдошта дар шароити номунтазамии афзоиши даромадҳои номиналии онҳо. |
| **Тарафҳои заиф** | 1. Ҳиссаи зиёди аҳолии вилоят номутаносибии ҳудудии талаботро дар шаҳр ва пешниҳоди қувваи кориро дар деҳот ба вуҷуд меорад.<br>2. Ҳаҷми музди меҳнат дар вилоят чун дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ арзиши зиндагии аҳолиро қонеъ карда наметавонад, ки ин ҳолат камшавии воридоти кадрҳои баландихтисоси дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва муҳоҷирати кадрҳои вилоятро ба хориҷи кишвар ба миён меорад.<br>3. Шумораи нокифояи субъектҳои иқтисодӣ, ки наметавонад шуғли ҳиссаи назарраси қувваи кории вилоятро таъмин намояд.<br>4. Ҳамкории нисбатан ғайриқаноатбахши низоми маориф ва бозори меҳнат.<br>5. Таъмин нагардидани ҳавасмандии бекорони дар хадамоти шуғли аҳолии вилоят бақайдгирифташуда.<br>6. Ҳиссаи зиёди шуғли ғайрирасмӣ.<br>7. Инфрасохтори иқтисодии нисбатан ғайриқаноатбахш дар сатҳи вилоят, ки имконияти таъмини шуғли шумораи зиёди қувваи корӣ ва истеҳсоли ҳаҷми назарраси молу маҳсулотро надорад.<br>8. Майл надоштани корфармоён барои бозомӯзии кадрҳо. |

*Давоми ҷадвали 2.9.*

| | |
|---|---|
| **Тарафҳои пурқувват** | 1. Имконияти бунёди низоми омодасозии кадрҳо, ки ба талаботи бозори меҳнати вилоят омодагии захираҳои меҳнатиро таъмин менамояд.<br>2. Ҳаҷми кифояноки таклифоти қувваи корӣ.<br>3. Таҷрибаи фаровони қувваи корӣ оид ба соҳаҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ, аз ҷумла дар соҳаи сохтмон, ки дар муҳоҷират андӯхта шудааст. |

**Манбаъ:** Муаллиф таҳия кардааст [104, С. 56-61].

Тавре маълумоти ҷадвали 2.9 нишон медиҳад, ҷиҳатҳои заифи бозори меҳнати вилояти Хатлон нисбат ба ҷиҳатҳои устувор бештар мебошанд. Ҳамчунин бо иллати мавҷудияти хавфу хатари сершумор имкониятҳои ҷойдошта то ҳадди зарурӣ наметавонанд барои рафъи таҳдидҳо ва рушди бозори меҳнати вилоят мусоидаткунанда бошанд. Барои исботи нуктаҳои зикршуда объектҳои иқтисодии ба шуғл фарогиранда ва дигар нишондиҳандаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлонро, ки баҳри ташаккул ва рушди бозори меҳнати минтақа мусоидат менамоянд, дар ҷадвали 2.10 дида мебароем.

Ҷадвали 2.10. – Инфрасохтори иқтисодӣ ва дигар нишондиҳандаҳо дар вилояти Хатлон

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/2018 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаю ташкилотҳо, адад. | 12773 | 13805 | 14021 | 14218 | 14820 | 15625 | 16027 | 3254 |
| Ҳисса дар сатҳи ҷумҳурӣ, %. | 29,5 | 29,7 | 29,4 | 29,2 | 28,4 | 28,1 | 27,7 | -1,8 |
| Хусусигардонии амволи давлатӣ, адад. | 23 | 21 | 10 | 13 | 12 | 6 | 1 | -22 |
| Ҳисса дар сатҳи ҷумҳурӣ, %. | 27,4 | 36,8 | 13,0 | 16,0 | 35,3 | 16,2 | 5,0 | 22,4 |
| Маблағгузории асосӣ, млн. сомонӣ. | 2802,6 | 2623,0 | 2404,9 | 3840,1 | 3283,1 | 2978,7 | 3465,0 | 662,4 |
| Ҳисса дар сатҳи ҷумҳурӣ, %. | 21,0 | 20,9 | 20,4 | 25,4 | 19,7 | 14,4 | 15,0 | -6 |
| Маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилоят, млн. сомонӣ. | 17107,5 | 19664,0 | 22080,5 | 26967,8 | 33832,1 | 36064,7 | 42803,6 | 25696,1 |
| Ҳисса дар сатҳи ҷумҳурӣ, % . | 27,9 | 28,6 | 29,9 | 29,3 | 31,1 | 29,3 | 29,3 | 1,4 |
| Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ. | 7294,0 | 8661,1 | 9368,0 | 10333,0 | 10793 | 11850,7 | 12666,0 | 5372 |
| Ҳисса дар сатҳи ҷумҳурӣ, %. | 30,5 | 31,4 | 29,1 | 26,6 | 25,1 | 25,3 | 23,5 | -7 |

**Манбаъ:** [11, С. 214, 226, 256, 234, 295; 14, С. 9].

Аз рақамҳои ҷадвали 2.10 маълум аст, ки нишондиҳандаҳои иқтисодии банизомдаровардашуда ҳолат ва динамикаи рушди инфрасохтори иҷтимоию иқтисодӣ ва натиҷаи фаъолияти соҳаҳои иқтисодии вилоятро ифода менамоянд. Тавре аз маълумоти ҷадвал бармеояд, қисми зиёди нишондиҳандаҳои иқтисодии вилоят тамоюли мунтазами афзоишёбӣ доранд, ҳол он ки бозори меҳнат дар минтақа то ба ҳол рушди устуворро соҳиб нагаштааст. Новобаста аз он, ки дар тули солҳои 2018-2024 шумораи корхонаю ташкилотҳо ба миқдори 3254 адад зиёд гардидааст, ҳиссаи кормандони кироякор дар вилоят 21-24%-и шумораи аҳолии қобили меҳнатро ташкил медиҳад, ки ин рақам дар шароити афзоиши мунтазами қувваи корӣ ба манфиати рушди бозори меҳнат нахоҳад буд. Ҳамчунин, дар ҳоле ки солҳои охир аҳолии қобили меҳнат дар вилоят зиёда аз 2179,4 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, фаъолияти корхонаю ташкилотҳо дар ҳадди болозикр аз мавқеи таъмини шуғл нокифоя боқӣ мемонад. Бо мақсади дар сатҳи назаррас ба шуғл фаро гирифтани аҳолии синни қобили меҳнат зарур мешуморем, ки бо ҷалби сармояи дохилӣ ва хориҷӣ дар ҳудуди вилоят корхонаҳои саноатӣ бунёд карда шаванд. Чунки қисми зиёди объектҳои иқтисодии болозикр таъйиноти иҷтимоӣ дошта, афзоиши шумора ва рушду пешрафти онҳо барои васеъ намудани ҷойҳои корӣ, таъмини шуғл ва коҳиш додани бекорӣ дар сатҳи лозимӣ мусоидат намекунад.

Хусусигардонии амволи давлатӣ низ бояд барои ҷалби қувваи корӣ мусоидат намояд, аммо бо иллати норасоии захираҳои молиявии соҳибони нав аксарияти корхонаю ташкилотҳои хусусигардонидашуда то ба ҳол барқарор нашудаанд. Аз нигоҳи мо, ҳалли мушкилоти мазкур ба таъмини дастрасии соҳибони нав ба ҳаҷми захираҳои молиявӣ, ки фаъолияти босамари онҳоро таъмин менамояд, вобаста мебошад, аз ҷумла бо роҳи ҷорӣ намудани кумакҳои молиявӣ (грантҳо) ва қарзҳои имтиёзнок.

Нишондиҳандаи маблағгузории асосӣ дар вилоят давоми солҳои 2018-2024 мунтазам тамоюли зиёдшавӣ дошта, зиёда аз 3,4% афзоиши миёнасолонаро соҳиб мебошад. Аммо, дар ҳоле ки афзоиши маблағгузории асосӣ барои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ мусоидат накардааст,

объектҳои маблағгузоришуда таъйиноти ғайритиҷоратӣ доранд. Аз ин бармеояд, ки маблағгузории асосӣ дар вилоят аслан ба бунёди инфрасохтори иқтисодӣ, ки барои ба шуғл фаро гирифтани ҳиссаи калони қувваи корӣ мусоидат менамояд, нигаронида нашудааст. Танҳо рафти бунёди объектҳои маблағгузоришуда ба таври муваққатӣ қувваи кориро дар корҳои сохтмонӣ ба шуғл фаро гирифтаасту халос. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, зарур мешуморем, ки маблағгузории асосӣ бештар барои бунёди инфрасохтори иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолию саноатӣ сафарбар карда шавад, то шумораи ҷойҳои корӣ васеъ гардад.

Нисбат ба нишондиҳандаи ниҳоии маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилоят қайд кардан ба маврид аст, ки новобаста ба афзоиши миёнасолонаи он дар ҳаҷми 21,4%, бузургии нишондиҳандаи мазкур дар сатҳи нокифоя қарор дорад. Воқеан, рушди бозори меҳнат аз тариқи таъмини шуғли қувваи корӣ ва коҳиш додани бекорӣ афзоиши бузургии маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилоятро таъмин менамояд. Аз нигоҳи мо, дар сурате ки 36-53%-и заминҳои кишт, 35-37%-и аҳолии синни қобили меҳнат, 27-30%-и шумораи корхонаю ташкилотҳо ва 20-26%-и маблағгузории асосии ҷумҳурӣ ба вилояти Хатлон рост меоянд, бузургии маҷмуи маҳсулоти минтақавии вилоят дар сатҳи нишон додашуда ҳоло ҳам қобили қабул ва қаноатбахш дониста намешавад.

Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ дар вилоят даар тули солҳои таҳлилшуда тамоюли коҳишёбӣ дошта, ҳиссаи он дар сатҳи ҷумҳурӣ аз 30,5%-и соли 2018 то ба 23,5% дар соли 2024 расидааст. Яке аз сабабҳои ҷой доштани ин тамоюл рушди соҳаи саноат дар дигар манотиқи ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Суғд мебошад. Чунки ҳиссаи маҳсулоти саноатии ин вилоят дар сатҳи ҷумҳурӣ, бо назардошти он, ки соли 2018 назаррас буд (48,1%), дар соли 2024 ин рақам ба 56,6% расид. Бо назардошти тамоюли манфии нишондиҳандаи мазкур, ҷалби захираҳои сармоягузории дохилию хориҷӣ барои бунёди корхонаҳои саноатӣ характери инноватсионӣ дошта, таъмини шуғл, коҳиш додани бекорӣ ва дар ин замина, афзоиши мунтазам ва назарраси ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ зарур шуморида мешаванд.

Дар ҳоле ки инфрасохтори иқтисодӣ ва сатҳи дигар нишондиҳандаҳо дар вилоят мавқеи устувор надоранд, барои рушди бозори минтақавии меҳнат низ таъсири манфӣ мерасонанд. Дар чунин шароит шумораи шуғлдоштагон ва бекорони вилоятро дида мебароем (ҷадв. 2.11).

Ҷадвали 2.11. – Шумораи шуғлдоштагон ва бекорон дар вилояти Хатлон

| Солҳо / Нишондиҳандаҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024/2018 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | | | | +, - | % |
| Шумораи миёнасолонаи машғулин дар иқтисодиёти вилоят, ҳазор нафар. | 456,7 | 473,2 | 476,0 | 486,8 | 489,8 | 498,7 | 506,9 | 50,2 | 111,0 |
| Шумораи миёнасолонаи машғулин ба сари ҳар 1000 нафар аҳолии вилоят, нафар. | 139,4 | 141,3 | 139,0 | 137,9 | 135,6 | 134,9 | 133,7 | -5,7 | 95,9 |
| Шумораи миёнасолонаи машғулин ба сари ҳар 1000 нафар аҳолии синни қобили меҳнати вилоят, нафар. | 232,4 | 236,3 | 233,2 | 234,3 | 235,5 | 234,5 | 232,6 | 0,2 | 100,1 |
| Шумораи бекороне, ки расман дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд, ҳазор нафар. | 17,0 | 15,7 | 15,0 | 15,6 | 16,2 | 17,2 | 14,5 | -2,5 | 85,3 |
| Шумораи бекорон ба сари ҳар 1000 нафар аҳолии вилоят, нафар. | 5,2 | 4,7 | 4,4 | 4,4 | 4,5 | 4,6 | 3,8 | -1,4 | 73,1 |
| Шумораи бекорон ба сари ҳар 1000 нафар аҳолии синни қобили меҳнати вилоят, нафар. | 8,6 | 7,8 | 7,3 | 7,5 | 7,8 | 8,1 | 6,6 | -2,0 | 76,7 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [10, С.10; 9, С. 71; 11, С. 95].

Аз маълумоти ҷадвали 2.11 бармеояд, ки шумораи машғулин дар иқтисодиёти вилоят тамоюли мусбат дошта, афзоиши миёнасолонаи шуғлдоштагон 1,6%-ро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, шумораи бекорон низ сол то сол коҳиш ёфта, аз 17,0 ҳазор нафари соли 2018 ба 14,5 ҳазор нафар дар соли 2024 расидааст, ки ба ҳисоби миёнасолона камшавии бекорӣ ба 2,1% баробар аст. Тавре аз рақамҳои таҳлилии

ҷадвал бармеояд, дар аксарияти солҳои таҳлилшуда (2018-2024) шумораи миёнасолонаи машғулин ба сари ҳар 1000 нафар аҳолии вилоят (1000 нафар аҳолии синни қобили меҳнат дар вилоят) ва шумораи бекорон коҳиш ёфтаанд. Новобаста ба он ки нишондиҳандаҳои шуғл ва бекорӣ нисбатан мусбат мебошанд, аммо на дар сатҳе, ки рушди бозори меҳнати минтақа ва иқтисодиёти вилоятро таъмин карда тавонанд. Дар сурате ки аҳолии синни қобили меҳнати вилоят ба ҳисоби миёнасолона 1,6% афзоиш меёбад, омори шуғл ва бекории дар боло зикршуда наметавонад барои рушди бозори меҳнати минтақа мусоидаткунанда бошанд. Аз ин рӯ, ҳар чи бештар зиёд намудани ҷойҳои корӣ роҳи ягонаи ҳалли мушкилоти мавҷуда мебошад.

Баҳри муайян намудани ҳиссаи фаъолияти иқтисодии бартаридоштаи вилояти Хатлон дар самти таъмини шуғли аҳолӣ маълумоти ҷадвали 2.12 – ро дида мебароем.

Яке аз соҳаҳои муҳим ва афзалиятноки вилояти Хатлон, ки дар самти таъмини шуғл ва маводи озуқаворӣ нақши калидӣ дорад, соҳаи кишоварзӣ мебошад. Маълумоти ҳисобкардашудаи ҷадвали 2.12 нишон медиҳад, ки 60–65%-и аҳолии дар иқтисодиёт машғулбудаи минтақа дар соҳаи кишоварзӣ, шикор ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд кор ва фаъолият менамоянд. Аз ҳисоби таъмини шуғл дар ҷойи дувум соҳаи маорифи вилоят меистад, ки 15–17%-и шуғлдоштагон ба ин соҳа рост меоянд. Дар ҷойи сеюм бошад, соҳаи тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ қарор дорад, ки ҳиссаи ин соҳа дар таъмини шуғли вилоят 7–8%-ро ташкил медиҳад. Дар маҷмуъ, ҳиссаи соҳаҳои калидии номбурда 80–90%-и шуғли аҳолии вилоятро ташкил медиҳанд. Боқимонда соҳаҳо дар самти таъмини шуғли аҳолии минтақа ҳиссаи назаррас надоранд (10-18%).

Ҷадвали 2.12. – Аҳолии машғул дар иқтисодиёти вилояти Хатлон аз рӯйи намудҳои фаъолият, %.

| **Солҳо** / **Соҳаҳо ва намудҳои фаъолият** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Шумораи миёнасолонаи машғулин дар иқтисодиёти вилоят:** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** | **100,0** |
| Кишоварзӣ, шикор ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд | 64,2 | 65,2 | 64,6 | 63,6 | 63,8 | 63,9 | 63,0 |
| Ҷангалпарварӣ, захираҳои маҳсулоти ҷангал ва дигар хизматҳои ба инҳо алоқаманд | 0,2 | 0,2 | 0,2 | 0,16 | 0,16 | 0,16 | 0,17 |
| Моҳипарварӣ | 0,006 | 0,006 | 0,02 | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,04 |
| Саноати истихроҷи маъданҳои кӯҳӣ ва коркарди онҳо | 0,4 | 0,2 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,6 | 0,6 |
| Саноати коркард | 2,2 | 2,0 | 1,9 | 2,2 | 2,3 | 2,4 | 2,5 |
| Неруи барқ, газ ва таъминоти об | 1,2 | 1,2 | 1,2 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,8 |
| Сохтмон | 1,3 | 1,1 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,1 | 1,1 |
| Савдои яклухт ва чакана | 0,7 | 0,6 | 0,6 | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,8 |
| Таъмири автомобилҳо, мототсиклҳо, молҳои маишӣ ва маводҳои истифодаи шахсӣ | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,04 | 0,04 | 0,5 | 0,5 |
| Меҳмонхонаҳо ва тарабхонаҳо | 0,06 | 0,08 | 0,08 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,6 |
| Нақлиёт ва хоҷагии анбор | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,2 |
| Почта ва алоқа | 0,1 | 0,1 | 0,1 | 0,3 | 0,2 | 0,2 | 0,3 |
| Миёнаравиҳои молиявӣ, ғайр аз суғурта ва нафақа | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,7 | 0,8 | 0,9 |
| Суғурта ва таъминоти нафақа, ғайр аз суғуртаи иҷтимоии ҳатмӣ | 0,06 | 0,06 | 0,06 | 0,06 | 0,06 | 0,06 | 0,06 |
| Амалиётҳо бо амволи ғайриманқул | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,3 |
| Компютерҳо ва фаъолияти ба онҳо алоқаманд | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 0,02 | 0,02 |
| Таҳқиқоту таҷрибаҳо дар соҳаи илмҳои табиӣ, муҳандисӣ, ҷамъиятӣ ва гуманитарӣ | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,04 | 0,05 | 0,05 | 0,8 |
| Дигар фаъолиятҳои тиҷоратӣ | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| Мақомоти давлатӣ ва мудофиа, суғуртаи ҳатмии иҷтимоӣ | 2,7 | 2,5 | 2,5 | 2,6 | 2,6 | 2,5 | 2,5 |
| Маориф | 16,1 | 15,7 | 16,2 | 16,6 | 16,2 | 16,0 | 16,6 |
| Тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ | 7,3 | 7,2 | 7,4 | 7,4 | 7,3 | 7,3 | 7,5 |
| Шабакаи қубурҳо ва коррезҳо барои партофтани ифлосиҳо, коркарди санитарӣ ва дигар хизматрасониҳо | 0,4 | 0,3 | 0,4 | 0,4 | 0,5 | 0,5 | 0,6 |
| Фаъолият дар соҳаи ташкили истироҳат ва вақтхушӣ, фарҳанг ва варзиш | 0,5 | 0,4 | 0,5 | 0,4 | 0,4 | 0,4 | 0,5 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [10, С.70-71].

Бо назардошти рақамҳои ҷойдошта дар бозори меҳнати вилоят ду ҷиҳатро ба инобат гирифтан зарур аст: а) рушди низоми идоракунии соҳаҳои афзалиятноки таъмини шуғл (соҳаи кишоварзӣ, маориф, тандурустӣ ва хизматҳои иҷтимоӣ); б) рушди намудҳои дигари фаъолияти иқтисодӣ дар сатҳи минтақа. Дар ҳоле ки се соҳаи болозикр зиёда аз 80%-и шуғли аҳолии вилоятро таъмин менамоянд, такмили низоми идоракунии бозори минтақавӣ аз ҳисоби онҳо мубрам арзёбӣ мегардад. Баъдан, дар шароити иқтисоди бозорӣ, хусусан низоми индустриалию инноватсионӣ, бе рушди соҳаи саноат, сохтмон, молия, тиҷорат фаъолияти босамари бозори меҳнатро таъмин намудан ғайриимкон мебошад. Ҳол он ки ҳиссаи соҳаҳои мазкур дар таъмини шуғли аҳолии вилоят ночиз мебошад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта амалкарди низоми имтиёзҳои маъмурию молиявиро баҳри дастгирии соҳаҳои болозикр зарур мешуморем. Чунки дастгирии молиявӣ ва бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ барои рушди объектҳои иқтисодии башуғлфарогиранда ва фаъолияти босамари бозори меҳнати вилоят мусоидаткунанда мебошанд.

Дар диаграммаи 2.3 баъзе аз нишондиҳандаҳои нисбии бозори меҳнати вилояти Хатлонро дида мебароем.

**Диаграммаи 2.3.** – Динамикаи бекорӣ ва аҳолии фаъоли иқтисодӣ дар вилояти Хатлон, %




**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [11, С. 81, 94; 9, С. 19-20].

Аз маълумоти диаграммаи 2.3 бармеояд, ки новобаста аз афзоиши мунтазами шумораи кормандони кироякор, дар вилоят то ба ҳол ҳиссаи онҳо дар шумораи аҳолии фаъоли иқтисодӣ аз 51,3 то 53,4%-ро ташкил медиҳад. Дараҷаи бекорӣ бошад, аз 1,8%-и соли 2018 то ба 1,7% дар соли 2024 коҳиш ёфтааст. Дараҷаи аҳолии фаъоли иқтисодӣ дар тули солҳои таҳлилшуда (2018-2024) тамоюли назаррас надошта, аз 27,2%-и соли 2018 ба 27,3% дар соли 2024 расидааст. Аз нигоҳи мо, динамикаи нишондиҳандаҳои мазкур аз он шаҳодат медиҳад, ки мушкилоти асосии бозори меҳнати вилояти Хатлон зиёд будани таклифоти қувваи корӣ нисбат ба талаботи он ва ба пуррагӣ нагузаштани ҳама бекорон аз қайди мақомоти давлатии хадамоти шуғли аҳолӣ мебошанд. Ҷой доштани ҳолатҳои зикршуда афзоиши бекорӣ ва қувваи кории истифоданашударо дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти минтақа ба миён меорад.

Баҳри муайян намудани талаботу таклифоти захираҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнати вилояти Хатлон ва истифодаи механизми идоракунии он зарибҳои баҳодиҳии захираҳои меҳнатиро дида мебароем (расми 2.1).




**Расми 2.1.** – Зарибҳои баҳодиҳии захираҳои меҳнатӣ.

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [10, С. 18-19, 65-70, 79].

Бояд қайд намуд, ки зарибҳое, ки дар расми 2.1 оварда шудаанд, сохтори аҳолии вилоятро аз рӯйи аломати синни аз қобили меҳнат хурд, синни қобили меҳнат ва синни аз қобили меҳнат калонтар ифода менамоянд.

Зарибҳои овардашуда дар тули солҳои 2018-2024 дигаргуниҳои калонро дар назар надоранд. Тавре рақамҳои дар расм овардашуда нишон медиҳанд, зариби сарбории нафақавӣ афзоиши мунтазамро доро мебошад. Аз ин ҷост, ки нишондиҳандаи дарозумрии аҳолии ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он сол то сол зиёд шуда, соли 2024 ба 76,6 сол баробар гардидааст. Зарибҳое тағйироти потенсиалӣ ва сарбории умумӣ бошанд, танҳо се соли охир тамоюли мунтазами мусбатро соҳибанд. Маъмулан ба 1 наздик шудани зарибҳои болозикр афзоиши ҳиссаи аҳолии аз синни қобили меҳнат хурд (неруи тағйирдиҳандаи синни қобили меҳнат) ва афзоиши ҳиссаи аҳолии аз синни қобили меҳнат калонро дар назар дорад.

Аз рақамҳои расми 2.1 чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки дар шароити кунунӣ ва ояндаи вилояти Хатлон имконияти афзоиши аҳолии дорои синни қобили меҳнат дар назар дошта мешавад. Бинобар ин, Ҳукумати Ҷумҳурииии Тоҷикистон ва вилояти Хатлонро зарур аст, ки муҳити солими рушди соҳаҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодиро бунёд намоянд ва дар самти рушди бозори меҳнат аз тариқи зиёд намудани субъектҳои соҳаи иҷтимоию иқтисодӣ, рушди соҳибкории хурду миёна (аз ҷумла хоҷагиҳои деҳқонӣ ва кооперативҳои истеҳсолӣ) корҳои назаррасро анҷом диҳанд.

Зарибҳои шуғли аҳолӣ ва бекорӣ таҳлили бозори меҳнати вилоятро боз ҳам амиқтар менамоянд (расми 2.2).




**Расми 2.2. –** Зариби шуғли аҳолӣ ва бекорӣ.
**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [10, С. 10, 16-17, 62-63].

Ҳамчун қонунияти бозори меҳнат байни зарибҳои дар расм овардашуда алоқаи баръакс ҷой дорад, яъне ҳангоми ба 1 наздик шудани зариби шуғл зариби бекорӣ ба 0 наздик мешавад ва баръакс, дар ҳолати ба 1 майл кардани зариби бекорӣ зариби шуғл ба 0 наздик мешавад. Аз маълумоти расми 2.2 бармеояд, ки зарибҳои шуғл ва бекорӣ ҳолати динамикӣ доранд. Зарибҳои шуғли аҳолӣ ва бекорӣ дар тули солҳои 2018-2024 қариб бетағйир боқӣ мондаанд. Дар ҳоле ки ба ҳисоби миёна 60%-и аҳолии вилоят дорои синни қобили меҳнат мебошанд, чунин тамоюл манфӣ арзёбӣ мегардад. Дар натиҷаи муқоисаи зарибҳои  шуғл ва бекорӣ маълум кардан мумкин аст, ки на ҳама бекорони вилоят дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ ба қайд гирифта шудаанд. Вобаста ба ин, корро дар самти бақайдгирии бекорон ҷоннок намудан барои мақсадҳои идоракунии бозори меҳнати минтақа мувофиқ мебошад.

Сабаби асосии дар мақомоти хадамоти шуғли аҳолӣ аз қайд нагузаштани аксарияти бекорони вилояти Хатлон то андозае коста гардидани боварии онҳо нисбати хизматрасонии бенатиҷаи хадамоти мазкур мебошад.

Тавре ки қайд намудем, мушкилоти асосии бозори меҳнати минтақа барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ мебошад, аз ин рӯ, хадамоти шуғли аҳолии вилоят наметавонад талаботи қисми зиёди бекоронро ҷиҳати таъмини шуғли онҳо қонеъ намояд.

Дигар омиле, ки боварии бекоронро нисбат ба фаъолияти хадамоти шуғли аҳолӣ кам кардааст, ин ҳаҷми нокифоя ё умуман напардохтани кумакпулии дар давраи бекорӣ ба онҳо пешниҳодшаванда мебошад. Ҳаҷми маблағи кумакпулӣ наметавонад талаботи ҳадди ақали рӯзгузаронии бекоронро қонеъ намояд, бинобар ин, онҳо аз қайди хадамоти шуғл гузаштанро зарур намешуморанд ва ба фаъолияти ин ниҳод эътибор намедиҳанд.

Тибқи Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.08.2024, таҳти № 488 тасдиқгардида, кумакпулии унвонии иҷтимоӣ ба оилаҳо ва шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомати доимӣ дошта, тибқи

баҳодиҳии вазъи моддию маишӣ ва сатҳи некуаҳволиашон камбизоат эътироф шудаанд, таъйин кард мешавад.

Лекин, дар баробари кумакпулии унвонии иҷтимоӣ, боз дар ҷумҳурӣ кумакпулиҳои якдафъаина ба бекорони муваққатӣ (сарбозон, маҳбусон ва кормандоне, ки аз ҷойи кори худ ихтисор шудаанд) дар давоми аз 3 то 6 моҳ дода мешаванд (ҷадв. 2.13).

**Ҷадвали 2.13.** – Маълумотҳои омори расмӣ оид ба кумакпулиҳои якдафъаина ба бекорони муваққатӣ (сарбозон, маҳбусон ва ихтисоршудагон аз ҷойи корӣ дар давоми (3 ё 6 моҳ) дар вилояти Хатлон)

| **Номгӯйи Нишондиҳандаҳо** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** | **Фарқият (+, -)** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи бекорони гирандагони кумакпӯлиҳои якдафъаина, (нафар) | 5215 | 4361 | 4896 | 5419 | 4955 | 6319 | 7573 | 2358 |
| Маблаҷи умумии ҷудогардида (сомонӣ) | 3007457,58 | 2419242,6 | 3171465,3 | 3057714,03 | 3236670,6 | 5729601 | 7091183 | 4083725,42 |

**Сарчашма:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [17].

Дар давраи таҳлилшаванда миқдори бекорони муваққатӣ дар вилояти Хатлон, вобаста ба зиёд шудани шумораи бекорон, дар соли 2018 5215 нафарро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2024 ба 7573 нафар расидааст, яъне дар ин давра шумораи бекорони намуди мазкур 2358 нафар зиёд гардидааст. Дар ин давра кумакпулӣ ба ин гурӯҳи бекорон дар ҳаҷми зерин зиёд шудааст. Агар он дар соли 2018 маблаҷи 3007457,58 сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2024 миқдори 7091183 сомониро ташкил додааст, ки нисбат ба соли 2018 ба миқдори 4083725,42 сомонӣ зиёд гардидааст.

Агар ҳаҷми кумакпулиҳо дар соли 2018 ба як нафар бекорони гурӯҳи мазкур 576,7 сомониро ташкил дода бошад, пас он дар соли 2024 ба 936,4 сомонӣ расидааст, яъне дар давоми ҳафт сол қариб ду маротиба афзудааст.

Чи тавре ки Рустамов Р. қайд менамояд: «... айни замон дар бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номутаносибии сифатӣ миёни тақозо ва арзаи қувваи корӣ шарҳ дода мешавад, яъне пиршаваии кормандон дар

корхонаҳои бахшҳои воқеии иқтисодиёт, камчинии кормандони соҳибтахассус ва муттахассисони касбҳои алоҳида ба назар мерасад» [138].

Ҳамин тавр, таҳлил ва омӯзиши ҳолати бозори меҳнат нишон дод, ки устувории сиёсати давлатии танзими шуғл, аз ҷумла дар сатҳи минтақа муҳим арзёбӣ мегардад. Сиёсати мазкур барои коркарди барномаҳои минтақавии мусоидат ба шуғл, ки чораҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоятро дар назар дорад, истифода мешавад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, дар назди субъектҳои бозори меҳнати вилоят ҳалли мушкилоти зерин муҳим мебошад: а) рушди иқтисодиёти соҳаҳое, ки имконияти таъмини афзоиши талабот ба қувваи кориро доранд; б) амалӣ намудани чораҳо дар самти ҳимояи шаҳрвандон аз бекорӣ; в) ташаккули шароити рушди босамари бозори меҳнат ва ҳалли дигар мушкилоти муҳим.

### 2.3. Арзёбии омилҳо дар бозори меҳнат ва таъсири он ба бозори минтақа

Дар шароити кунунӣ ба бозори меҳнати вилояти Хатлон як қатор омилҳо таъсир мерасонанд, ки дар натиҷа боиси рушд ва ё ноустувории фаъолияти бозори меҳнат мегарданд. Омӯзиши низоми омилҳое, ки ба вазъи бозори меҳнати вилоят таъсир мерасонанд, барои муайян намудани дурнамои сиёсати шуғл муҳим арзёбӣ мегарданд. Аз ин рӯ, зарурати банизомдарорӣ ва таснифоти омилҳои мазкур пеш меояд. Зери мафҳуми омилҳои ба бозори меҳнати минтақаи мазкур таъсиррасон шароитҳо ва сабабҳое фаҳмида мешаванд, ки ба тағйироти динамикаи талабот, таклифот ва арзиши қувваи корӣ дар бозори меҳнат таъсир мерасонанд.

Бозори меҳнати минтақавӣ дар ҷараёни фаъолият ва рушди худ ҳамчун низоми кушода зери таъсири омилҳои сатҳҳои гуногун қарор мегирад, аз ҷумла: омилҳои сатҳи макро, мезо ва микро.

Макроомилҳо тавассути тамоюли рушди иқтисодиёти миллӣ ба бозори меҳнати вилоят таъсири худро мерасонанд, ба монанди: сиёсати давлатии иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, аз ҷумла сиёсати шуғл; қонунгузории андозии мамлакат;

фаъолнокии сармоягузории мамлакат ва вилоят; қонунгузории меҳнатӣ; муҳоҷирати берунӣ ва равандҳои ба он алоқамандро метавонад дар бар гирад.

Бояд қайд намуд, ки омилҳои сатҳи мезо ва микро ба хусусияти бозори меҳнати вилоят вобаста мебошанд. Ба мезоомилҳо: макони геополитикии минтақа; суръати рушди иқтисодии вилоят; ҳолати демографӣ; фаъолнокии меҳнатӣ дар вилоят; конъюнктураи бозори меҳнат; сатҳи рушди инфрасохтори бозори меҳнат; соҳибкории хурду миёна дар вилоят ва қонунгузории минтақа дохил мешавад.

Омилҳои микросатҳ ду ҷиҳат доранд: а) дохилиширкатӣ, ба монанди сиёсати кадрии корхона; дараҷаи сарбории иқтидори истеҳсолии корхона; б) инфиродӣ, яъне тавсифи иҷтимоию иқтисодии кормандон (сатҳи даромадҳо, шуғл дар хоҷагии хонавода ва ғайра); сатҳи маълумотконӣ ва касбияти кормандон; солимии ҷисмонӣ ва маънавии одамон.

Дар шароити кунунии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз омилҳое, ки ба рушди бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонад, аз фаъолият боз мондани субъектҳои иқтисодӣ дар натиҷаи таъсири манфии пандемияи COVID-19 ва ба ин монанд бухронҳо мебошад. Дар чунин шароит чорабиниҳои татбиқшаванда бояд, дар навбати аввал, ба дастгирии иҷтимоии қувваи кории дар бозори меҳнат рақобатпазир ва молиякунонии субъектҳои иқтисодии муфлисшуда равона карда шаванд. Ҳолатҳои мазкур, ки воридоти маводи озуқа ва ғайриозуқаро коҳиш медиҳанд, зарурати рушди истеҳсолоти воридотивазкунанда пеш меоранд. Дар натиҷа, фаъолнокии соҳаҳои бахши воқеии иқтисодиёти вилоят, аз ҷумла кишоварзӣ ва саноат бояд таъмин карда шавад.

Яке аз омилҳое, ки ба ташаккул ва рушди бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсири манфӣ мерасонад, номувофиқ будани донишу малакаи кадрҳои ҷавон ба талаботи бозори меҳнат ва сатҳи пасти музди меҳнат мебошад. Омӯзиши сохтори синнусолии аҳолӣ нишон дод, ки ҳиссаи ҷавонон сол то сол дар бозори меҳнат тамоюли афзоишёбӣ дорад. Дар бисёр мавридҳо хатмкунандагони макотиби олӣ ва коллеҷҳо ҳангоми ба кор даромадан мушкилӣ мекашанд, аз ин рӯ, барои баланд бардоштани донишу

малака, сатҳи касбият ва рақобатпазирии ҷавонон дар бозори меҳнати ҳар як минтақаи ҷумҳурӣ андешидани чораҳои зеринро муҳим меҳисобем:

– ҷуброн намудани хароҷоти корфармоён, ки ба ҷалб ва истифодаи меҳнати қувваи кории ҷавонон алоқаманд аст, аз ҷумла ҷуброни хароҷоте, ки ба таъсиси ҷойҳои кории махсус (корҳои омӯзишӣ) мансуб аст;

– кушодани марказҳои махсуси бо шуғл фарогири ҷавонон;

– мутобиқнамоии иҷтимоӣ ва равонии хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ;

– вобаста ба дигаргуншавии талаботи бозори меҳнати вилоят ба омӯзиши касбҳои (ихтисосҳои) иловагӣ ҷалб намудани ҷавонон;

– ташкили шуғли муваққатии ҷавонон;

– татбиқи лоиҳаҳои рушди соҳибкории ҷавонон ва худмашғулии ҷавонон;

– ташкили курсҳои омӯзишӣ (бозомӯзӣ) ва дастгирии молиявии ҷавонон дар самти кушодани корҳои хусусӣ;

– такмили механизми квотакунонии ҷойҳои корӣ барои хатмкунандагони муассисаҳои таълимӣ.

Низоми кушоди бозори меҳнати минтақа боиси он гардидааст, ки ба бозори он омилҳои гуногун таъсиррасон бошанд. Вобаста ба хусусияти таъсиррасониашон, омилҳои мазкурро ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо менамоянд. Умуман, таъсири шакли гуногун ва хусусияти хоси омилҳои ба бозори меҳнати минтақа таъсиррасонро ба инобат гирифта, таснифотро аз назари муаллифи кори илмӣ асоснок намуда, пешниҳод мекунем. Бозори меҳнат ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи низоми иқтисоди бозорӣ зери таъсири омилҳои гуногун қарор дорад, аз ин рӯ, то ба имрӯз имконияти ба низоми ягона ворид намудани онҳо фароҳам оварда нашудааст.

Низоми омилҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон дар расми 2.3 оварда шудааст.




**Расми** 2.3. – Низоми омилҳои ба бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсиррасон.

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси омӯзиши маводҳои илмӣ–амалии дар гардиши илмибуда [134, С. 32-34] аз нигоҳи илмӣ асоснок намудааст.

Аз маълумоти расми 2.3 маълум мегардад, ки ба бозори меҳнати вилояти Хатлон ва фаъолияти он маҷмуи омилҳо таъсир мерасонанд. Омилҳои макроиқтисодӣ аз зеромилҳои қарзӣ-молиявӣ, андозӣ, сиёсати сармоягузорӣ, сатҳи таваррум, сатҳи ММД, қурби асъори миллӣ, арзиши қувваи корӣ, сатҳи прогресси илмӣ-техникӣ иборат мебошанд. Таъсири омилҳои мазкур ба рушди иқтисодии мамлакат ва рушди бозори меҳнати минтақа назаррас мебошад. Динамикаи ҳаҷми умумии истеҳсоли ММД ба вазъияти бозори меҳнат таъсир расонида, талабот ба меҳнатро зиёд мегардонад. Таваррум бошад, вобаста ба дараҷаи худ, имконияти таъмини афзоиши иқтисодӣ ва коҳишдиҳии сатҳи онро дорад, яъне сатҳи баланди таваррум ба афзоиши арзиши қувваи корӣ дар минтақа оварда мерасонад ва баръакс. Сиёсати қарзию молиявӣ низ метавонад маҳдудкунӣ ва афзоиши талаботро ба қувваи корӣ ба вуҷуд орад. Сиёсати сармоягузорӣ яке аз омилҳои ба таври тулонӣ амалкунанда дар бозори меҳнат маҳсуб ёфта, барои таъсиси ҷойҳои корӣ мусоидат менамояд. Сиёсати андозӣ бошад, сатҳи сарбории андозиро барои фонди музди меҳнат муайян мекунад ва ба рушди сармояи инсонӣ монеа эҷод намуда, барои рушди иқтисодиёти ниҳонӣ мусоидат менамояд.

Омилҳои молиявию иқтисодӣ, ҳамчун низоми мураккаби ҳодисаю ҷараёнҳо, ба талаботи бозори меҳнати вилоят ва дар маҷмуъ, ба дараҷаи умумии шуғл ва бекорӣ дар вилоят таъсир мерасонанд. Ба омилҳои молиявӣ–иқтисодӣ динамикаи бузургии маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ; динамикаи ҳосилнокии меҳнат; динамикаи вазни қиёсии корхонаҳои барҳамхӯрда дар шумораи умумии корхонаҳои амалкунандаи вилоят ва ҷумҳурӣ; қарздории тарафайни корхона; ҷараёни коҳишёбии ҳаҷми фондҳо дар корхонаю ташкилотҳо; хусусияти сохтори соҳавӣ; ҳаҷми сармоягузориҳо дар иқтисодиёт; динамикаи ҷараёнҳои таваррумӣ; ба иқтисодиёт ворид гардидани шаклҳои гуногуни моликият, аз ҷумла ташаккули моликияти хусусӣ дар натиҷаи рушди рақобат шомил мебошанд.

Яке аз омилҳои таъсиррасон, ки ҷиҳатҳои сифатии ташаккулёбӣ ва фаъолияти бозори меҳнати вилоятро муайян менамояд, омили сохторӣ мебошад.

Тафриқаи минтақаҳо аз рӯйи шохиси шуғл нисбат ба динамикаи истеҳсолот нисбатан кам мебошад. Ин ҳолат аз мавҷудияти маҳдудиятҳои иҷтимоӣ ва ҳуқуқии коҳишёбии шуғл вобаста буда, бо пастшавии назарраси ҳосилнокии меҳнат алоқаманд мебошад. Бояд қайд намуд, ки мушкилоти шуғл бо тағйироти сохтории иқтисоди вилоят алоқаи зич дорад. Тавре маълумоти ҷадвали 2.14 нишон медиҳад, бо сабаби рушди ноустувори соҳаҳои саноат, нақлиёт ва алоқа ҳиссаи онҳо дар таъмини шуғли аҳолии вилоят назарнорас мебошад.

Дар бозори меҳнати вилояти Хатлон маҳдудият ва дастнорасии захираҳои молиявӣ барои татбиқи барномаҳои хадамоти шуғл таъсири манфӣ мерасонанд. Омилҳои иқтисодӣ, дар навбати худ, марҳилаҳои рушди иқтисоди кишвар, бухрон, таназзул ва пешрафти иқтисодиётро тавсиф менамоянд. Дар натиҷаи ташаккули бозори меҳнат омилҳои истеҳсолӣ ба вуҷуд меоянд, ки бевосита ба соҳаҳои иқтисоди бозории вилоят таъсири худро мерасонанд.

Ба омилҳои молиявию иқтисодии бозори меҳнати вилоят қарзҳои дутарафаи калонҳаҷми корхонаҳо; қарзҳои дарозмуҳлати корхонаҳо оид ба музди меҳнати кормандон ва сатҳи пасти музди меҳнати беасос муайянкардашуда таъсири манфӣ мерасонанд. Дар шароити минтақаи Хатлон, чун дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, камшавии музди меҳнати ҳақиқӣ аҳолиро водор менамояд, ки сарчашмаҳои иловагии даромадро ҷустуҷӯ намоянд. Омилҳои мазкур омилҳои макроиқтисодӣ мебошанд ва зиёдшавию камшавии воситаҳои фондҳои иҷтимоӣ ва дотатсияҳои давлатӣ, интихоби ин ё он механизм ва воситаро, ки ниҳодҳои бозори меҳнати вилоят барои танзими бозори меҳнат истифода мекунанд, муайян менамоянд. Яке аз омилҳое, ки дар байни омилҳои молиявию иқтисодӣ нақши калидӣ дорад, музди меҳнати миёна мебошад, ки таклифоти меҳнат аз он ба таври мустақим вобаста мебошад. Зиёдшавии сатҳи миёнаи музди меҳнат афзоиши таклифоти меҳнатро ба вуҷуд меорад.

Омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ аз тариқи тағйироти заминаҳои қонунгузорӣ ба ҷиҳатҳои ташкилии ниҳодҳои минтақавии бозори меҳнат, тақсимоти салоҳият байни онҳо, инчунин ба шароити иқтисодию молиявии фаъолияти онҳо таъсир мерасонанд.

Омилҳои табиию ҷуғрофӣ сатҳи таъминоти ҳудуди муайянро бо захираҳои табиӣ, ҷойгиршавии гҷуғрафӣ, шароити иқлим, мавҷудият ва сохтори захираҳои табиӣ, ҷараёнҳои тафриқаи байниминтақавӣ, гузариш ва мутобиқшавӣ ба иқтисоди бозориро ифода менамоянд. Ин омилҳо ба сохтор ва махсусиятҳои хоҷагии халқи ҳудуди муайян таъсир мерасонанд.

Тавре қайд намудем, ба фаъолияти бозори меҳнати вилояти Хатлон омилҳои гуногуни муҳити дохилию берунӣ таъсир мерасонанд. Ҷиҳати муайян намудани таъсири омилҳои мазкур гузаронидани таҳлили PEST (таҳлили омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, технологӣ) дар чорчӯбаи рушди индустриалию инноватсионӣ муҳим мебошад. (ҷадв. 2.14).

**Ҷадвали 2.14. –** Натиҷаи таҳлили PEST–и омилҳои муҳити дохилӣ ва берунии бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити индустриалию инноватсионӣ

| **Омилҳои сиёсӣ** | **Омилҳои иқтисодӣ** |
|---|---|
| 1. Устувории ҳокимият дар минтақа; (пойдор ва устувор намудани ҳокимият дар заминаи ваҳдати миллӣ, ягонагии миллат дар минтақа ва давлат);<br>2. Такмили қонунгузории соҳаи меҳнат;<br>3. Фаъолияти босмари Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон;<br>4. Татбиқи барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027;<br>5. Стратегияи танзими равандҳои муҳоҷират дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 | 1. Ҳаҷми ғайриқаноатбахши музди меҳнати машғулин дар иқтисодиёти вилоят;<br>2. Нокифоягии миқдории субъектҳои иқтисодӣ, ки талабот ба қувваи кориро дар сатҳи минтақа пешниҳод менамоянд;<br>3. Маҳдудияти талаботи аксарияти субъектҳои иқтисодӣ ба қувваи корӣ бинобар сабаби хурд будани гардиши пулию молии онҳо;<br>4. Ҳаҷми нокифояи захираҳои сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисоди минтақа.<br>5. Дар заминаи ҷойдошта сармоягузории дохилию хориҷӣ ва ташкили корхолнаҳои дар чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионӣ фаъолияткунанда |
| **Омилҳои иҷтимоӣ** | **Омилҳои технологӣ** |
| 1. Ҷой доштани талаботи ночандири қувваи корӣ барои машғул шудан ба кор;<br>2. Майли қувваи кории минтақа ба ҳаҷми қаноатбахши музди меҳнат;<br>3. Даромадҳои дар шакли музди меҳнат бадастовардаи аксарияти захираҳои меҳнатии минтақа наметавонад сатҳи зиндагии онҳоро ба таври назаррас баланд бардорад. | 1. Дар сатҳи зарурӣ истифода нагардидани имкониятҳои инноватсионӣ дар бозори меҳнати минтақаи Хатлон;<br>2. Пешбурди фаъолияти мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар минтақа аз тариқи хизматрасониҳои рақамӣ ва фарогирии доираи васеи корҷӯён ва бекорон ба хизматрасониҳои мазкур нисбатан ғайриқаноатбахш мебошад;<br>3. Сатҳи нисбатан пасти фарҳанги истифодабарии хизматрасониҳои рақамӣ дар рафти таъмини шуғли аҳолӣ аз ҷониби мақомоти соҳа ва ҷустуҷӯи кор аз ҷониби корҷӯён ва бекорон. |

**Манбаъ:** Муаллиф вобаста ба шароити имрӯзаи бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаи Хатлон таҳия кардааст [27].

Омилҳои сиёсии бозори меҳнат ҷиҳати бунёди муҳити созгори ниҳодии муносибатҳои меҳнатӣ мусоидат менамоянд. Аз маълумоти ҷадвали 2.14 дида мешавад, ки ҳокимият дар сатҳи минтақа устувор мебошад ва қонунгузории бозори меҳнат низ ҳамасола такмил ёфта истодааст. «Дар доираи «Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2023-2027» бояд дар сатҳи вилоят 458,7 ҳазор ҷойҳои корӣ таъсис дода шаванд» [1]. Дар баробари таъсиси ҷойҳои корӣ, барҳамхӯрии ҷойҳои корӣ низ ба қайд гирифта шудааст. Соли 2023 ин нишондиҳанда дар вилояти Хатлон 9588 ададро ташкил менамуд.

Муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз бахшҳои бозори меҳнати кишвар дониста мешавад, ки ҳиссаи калони захираҳои меҳнатиро фаро мегирад. Зиёд будани ҳиссаи муҳоҷирати берунӣ дар вилоят, аз як тараф, мушкилоти номувозинатии талаботу таклифоти қувваи кориро дар минтақа таъмин менамояд ва аз тарафи дигар, боиси кӯчиши мутахассисони соҳаҳои иқтисодӣ мегардад.

Дар низоми омилҳои бозори меҳнат омилҳои иқтисодӣ нақши асосӣ доранд, чунки онҳо ба талаботу таклифоти қувваи корӣ таъсири бевосита мерасонанд. Тибқи рақамҳои омори расмӣ ҳаҷми музди меҳнати номиналии ҳармоҳа дар вилояти Хатлон сол то сол зиёд гардидааст, лекин то кунун ҳаҷми он қаноатбахш набуда, соли 2024 ба 1823,82 сомонӣ расидааст.

Шумораи субъектҳои иқтисодии ба шуғл фарогирандаи вилояти Хатлон дар сатҳи зарурӣ шуғли қувваи кории минтақаро таъмин карда наметавонад. Дар ҳоле ки ҳиссаи аҳолии қобили меҳнат дар минтақа 57-60%-и шумораи аҳолиро ташкил менамояд, фаъолияти 16027 адад субъект наметавонад мушкилоти бекориро ҳал намояд. Аксарияти субъектҳои иқтисодӣ, бинобар сабаби гардиши хурди пулию молӣ нисбати қувваи корӣ, талаботи маҳдуд доранд. Ба ақидаи мо хуб мешуд, ки дар сатҳи минтақа ҳамаи он корхонаҳое, ки мавҷуданд, ба сифати нав фаъолияти худро ба роҳ монанд, яъне ба коркарди занҷири пурраи истеҳсолӣ то ба шакли ниҳоӣ коркарди маҳсулотро равона созанд. Ин шакли ташкили истеҳсолот хоси чорчӯбаи индустриалӣ–

инноватсионӣ мебошад, ки қувваи корӣ низ зиёдтар талаб карда мешавад.

Омилҳои иҷтимоӣ омилҳое мебошанд, ки ба сатҳу сифати зиндагии қувваи кории минтақа таъсир мерасонанд. Дар вилояти Хатлон, чун дигар манотиқи ҷумҳурӣ, бинобар иллати нокифоягии ҳаҷми даромадҳои меҳнатӣ, аксарияти қувваи корӣ хоҳиши ба фаъолияти меҳнатӣ машғул шуданро надоранд ва ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд.

Омилҳои технологӣ барои фаъолияти саривақтӣ ва босифати бозори меҳнат мусоидат менамоянд. Аммо дар шароити бозори меҳнати вилояти Хатлон, бо сабаби дар сатҳи зарурӣ истифода нагардидани имкониятҳои технологияҳои инноватсионӣ, манфиатҳо нисбатан кам мебошанд.

Ҳамин тариқ, аз натиҷаи таҳлили PEST маълум гардид, ки ба бозори меҳнати минтақа омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ нисбатан таъсири манфӣ мерасонанд. Таъсири омилҳои сиёсӣ бошад, то андозае мусбат арзёбӣ мегардад.

Яке аз омилҳои муҳимми молиявию иқтисодӣ, ки ба бозори меҳнати вилоят таъсири назаррас мерасонад, сатҳи миёнаи музди меҳнат мебошад. Нишондиҳандаи мазкур дар вилояти Хатлон, чун дигар манотиқи ҷумҳурӣ то ба ҳол қаноатбахш нест. Таъсири омили мазкурро дар мисоли вилояти Хатлон дида мебароем (ҷадв. 2.15).

Аз маълумоти ҷадвали 2.15 бармеояд, ки ҳаҷми музди меҳнате, ки дар шаҳрҳои Норак, Бохтар ва ноҳияҳои Данғара, Ховалинг ва Ёвон (аз 2203,77 то 3249,1 сомонӣ) ба чашм мерасад, метавонад талаботи аҳолиро то андозае қонеъ намояд. Аз нигоҳи мо, сабаби асосии сатҳи нисбатан қаноатбахши музди меҳнат дар шаҳру ноҳияҳои зикршуда ҷойгиршавии корхонаҳои рушдкардаи саноатӣ, аз ҷумла фаъолияти корхонаҳои азими саноати маснуотбарор, таъминоти барқ, газ ва об, инчунин дигар корхонаҳое, ки имконияти устувори молиявӣ доранд, мебошад. Афзоиши музди меҳнат бошад, ба таври назаррас дар шаҳри Норак ва ноҳияҳои Фархор, Н.Хусрав, Хуросон, Ҳамадонӣ, Темурмалик, Панҷ, Балҷувон ва Дӯстӣ (аз 15,1% то 21,6%) дида мешавад. Новобаста аз он, ки дар шаҳру ноҳияҳои вилояти

Хатлон музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии меҳнат тамоюли мунтазами афзоишёбӣ дорад, аммо то ба ҳол бузургии он наметавонад арзиши зиндагиии аҳолиро қонеъ намояд. Ҳолати мазкур дар ҳама манотиқи ҷумҳурӣ ҷой дорад ва ин ҳолат яке аз сабабҳои бекории аҳолӣ ва афзоиши муҳоҷирати меҳнатӣ низ гардидааст. Аз нигоҳи мо, рушди бозори меҳнат аз тариқи таъсиси ҷойҳои кории баландмузд метавонад шуғли қувваи кориро таъмин намуда, муҳоҷирати меҳнатиро коҳиш диҳад.

Ҷадвали 2.15. – Музди миёнаи ҳармоҳаи номиналии меҳнат дар вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, сомонӣ

| Солҳо / Вилоят ва шаҳру ноҳияҳо | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | Афзоиши миёна-солона, % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| вилояти Хатлон | 913,30 | 998,54 | 1053,8 | 1143,2 | 1305,07 | 1557,71 | 1823,82 | 14,2 |
| ш. Бохтар | 1171,72 | 1243,14 | 1304,9 | 1473,0 | 1773,67 | 2026,85 | 2307,54 | 13,8 |
| н. Балҷувон | 753,20 | 871,97 | 899,09 | 970,4 | 1120,33 | 1351,16 | 1595,42 | 16,0 |
| н. Кушониён | 785,50 | 833,62 | 848,65 | 930,1 | 1026,99 | 1308,87 | 1517,78 | 13,3 |
| н. Вахш | 786,52 | 863,72 | 910,79 | 963,2 | 1084,68 | 1289,71 | 1580,43 | 14,4 |
| н. Восеъ | 780,87 | 820,96 | 882,74 | 947,9 | 1044,44 | 1262,48 | 1557,14 | 14,2 |
| н. Данғара | 1330,42 | 1420,57 | 1467,9 | 1631,4 | 1788,07 | 1971,23 | 2265,30 | 10,0 |
| н. А. Ҷомӣ | 753,97 | 855,54 | 940,29 | 981,1 | 1129,61 | 1328,28 | 1588,32 | 15,8 |
| н. Дӯстӣ | 759,25 | 903,74 | 929,50 | 1013,3 | 1114,02 | 1344,02 | 1649,61 | 16,7 |
| н. Қубодиён | 813,78 | 890,07 | 967,19 | 1026,0 | 1145,10 | 1387,11 | 1660,61 | 14,9 |
| н. Балхӣ | 730,51 | 816,42 | 858,47 | 898,4 | 1025,57 | 1128,75 | 1410,08 | 13,3 |
| ш. Кӯлоб | 945,00 | 1049,95 | 1106,9 | 1207,4 | 1360,15 | 1634,23 | 1917,04 | 14,7 |
| н. Ҷайҳун | 914,87 | 991,09 | 1039,6 | 1040,2 | 1186,01 | 1450,91 | 1728,71 | 12,7 |
| н. Муъминобод | 741,29 | 755,16 | 806,94 | 902,3 | 984,22 | 1151,94 | 1437,93 | 13,4 |
| ш. Норак | 1577,16 | 1764,97 | 1860,9 | 1983,5 | 2490,20 | 3158,69 | 3249,1 | 15,1 |
| н. Фархор | 586,65 | 696,36 | 754,45 | 799,1 | 910,02 | 1127,19 | 1294,21 | 17,2 |
| н. Панҷ | 727,02 | 769,22 | 824,27 | 900,7 | 1021,26 | 1264,91 | 1561,89 | 16,4 |
| ш. Левакант | 947,40 | 979,05 | 1001,8 | 1113,2 | 1215,56 | 1409,38 | 1635,37 | 10,4 |
| н. Темурмалик | 769,06 | 891,21 | 1074,2 | 1158,9 | 1253,09 | 1441,26 | 1582,1 | 15,1 |
| н.М.С.А. Ҳамадонӣ | 713,62 | 800,08 | 863,15 | 927,2 | 1033,47 | 1246,08 | 1595,23 | 17,6 |
| н. Ховалинг | 1279,91 | 1302,81 | 1385,4 | 1496,2 | 1731,40 | 1970,89 | 2250,60 | 10,8 |
| н. Хуросон | 762,41 | 817,86 | 902,31 | 1009,3 | 1136,06 | 1347,56 | 1625,79 | 16,2 |
| н. Н. Хусрав | 595,32 | 774,55 | 855,52 | 932,1 | 1050,58 | 1219,51 | 1494,59 | 21,6 |
| н. Шаҳритус | 836,16 | 900,48 | 946,81 | 1012,1 | 1148,83 | 1362,13 | 1658,90 | 14,0 |
| н. Ш. Шоҳин | 721,76 | 749,55 | 823,23 | 872,9 | 1007,02 | 1159,07 | 1436,69 | 14,1 |
| н. Ёвон | 1170,66 | 1242,53 | 1272,5 | 1385,3 | 1523,53 | 1914,93 | 2203,77 | 12,6 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [9, С. 75-76].

Дар шароити вилояти Хатлон омилҳои асосие, ки ба бозори меҳнат таъсир мерасонанд, омилҳои демографӣ мебошанд. Вобаста ба ин, зарур аст, то ҷойҳои кории иловагӣ ва шуғли муваққатӣ рушд дода шавад. Татбиқи чораҳои мазкур, ки аз ҷониби корфармоён ба амал бароварда мешавад, ба онҳо додани андозҳои имтиёзнок ва дигар сабукиҳоро дар назар дорад. Ҷой доштани омили сатҳи ғайриқаноатбахши музди меҳнат ва маҳдудияти ҷойҳои корӣ ҷараёни муҳоҷиратро ба вуҷуд овардааст. Дар айни замон, муҳоҷират, ҳамчун омили демографӣ, ба бозори меҳнати вилоят таъсири мусбат (ҳалли мушкилоти бекорӣ) ва манфӣ (кӯчиши неруи кадрӣ) расонида истодааст. Аммо, дар маҷмуъ, дар шароити вилоят, ки мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ мавҷуд аст, муҳоҷирати аҳолӣ аз тариқи таъмини тавозуни талаботу таклифот дар бозори меҳнат омили мусбат мебошад (ҷадв. 2.16).

Ҷадвали 2.16. – Муҳоҷирати аҳолӣ дар вилояти Хатлон, нафар

| Солҳо / Намудҳои ҳаракати аҳолӣ | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2022 | 2023 | 2024 | 2024 нисбат ба 2018 (+, -) |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолии кӯчидаомада | 17979 | 15945 | 14353 | 14266 | 13409 | 13565 | 12378 | -5601 |
| Нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ, % | 42,7 | 39,0 | 41,3 | 42,6 | 44,2 | 50,3 | 49,1 | 6,4 |
| Аҳолии кӯчидарафта | 22549 | 25331 | 20456 | 18239 | 17427 | 16649 | 16906 | -5643 |
| Нисбат ба сатҳи ҷумҳурӣ, % | 50,1 | 46,5 | 48,0 | 44,7 | 44,5 | 47,7 | 50,6 | 0,5 |
| Аҳолии кӯчидарафта нисбат ба аҳолии кучидаомада, маротиба | 1,25 | 1,59 | 1,43 | 1,28 | 1,30 | 1,23 | 1,36 | 0,11 |
| Афзоиши ҳиҷрат | -4570 | -9386 | -6103 | -3973 | -4018 | -3084 | -4528 | -42 |

**Манбаъ:** Ҳисоби муаллиф дар асоси [9, С. 35].

Аз рақамҳои ҷадвали 2.16 бармеояд, ки бо сабаби рушди ноустувори инфрасохтори иқтисодӣ, дар сатҳи лозимӣ дар вилоят мавҷуд набудани ҷойҳои корӣ, аз ҷумла ҷойҳои кории сердаромад, ки тавонанд арзиши зиндагиро қонеъ намоянд, афзоиши ҳиҷрат манфӣ ба чашм мерасад. Тайи солҳои 2018-2024 зиёд будани аҳолии кӯчидарафта, нисбат ба аҳолии кӯчидаомада (ба ҳисоби миёна аз 1,2 то 1,6 маротиба) аз он шаҳодат медиҳад,

ки бозори меҳнат наметавонад шуғли аҳолии вилоятро дар сатҳи лозимӣ таъмин намояд. Тавре рақамҳои омории минтақа нишон медиҳанд, давоми солҳои 2018-2024 ҳиссаи вилоят аз ҳисоби аҳолии кӯчидаомада, дар сатҳи ҷумҳурӣ 39,0 – 50,3%-ро ташкил медиҳад. Дар тули солҳои таҳлилӣ дар сохтори аҳолии кӯчидарафтаи ҷумҳурӣ ҳиссаи вилояти Хатлон ба 44,5 – 50,6% баробар буд. Аз нигоҳи мо, рушди фаъолиятҳои иқтисодӣ дар сатҳе, ки тавонад ҳиссаи назарраси шуғли қувваи кории вилоятро таъмин намояд, муҳим арзёбӣ карда мешавад. Тавре аз рақамҳои омории бозори меҳнати вилоят бармеояд, кормандони кирояи соҳаи кишоварзӣ, шикор ва ҷангалпарварӣ дар сохтори кормандони кироякори вилоят 60-65%-ро ташкил медиҳад. Вобаста ба ин, дар шароити кунунии рушди бозори меҳнат дар вилоят аз тариқи таъсиси ҳар чи бештари ҷойҳои нави корӣ дар соҳаи зикршуда барои ҳалли мушкилоти бозори меҳнати минтақа мусоидаткунанда хоҳад буд.

Бозори меҳнати ҷумҳурӣ, вилоят ва шаҳру ноҳияҳо солҳои охир зери таъсири омилҳои зерин қарор дорад:

– фаъолгардии ҷараёнҳои озодкунии кормандони корхонаю муассисаҳо дар натиҷаи ислоҳоти сохтории иқтисодиёт;

– воридшавии давлатҳо ба СУС;

– пайдо гардидани тафриқа дар соҳаи шуғл;

– дар бозори меҳнат рақобатпазирии сатҳи пастро соҳиб будани гурӯҳҳои алоҳидаи иҷтимоӣ, аз ҷумла ҷавонон, занҳое, ки кӯдакони хурд доранд ва маъюбон;

– сифати пасти қувваи корӣ, ихтисори сохтори кадрии кадрҳои баландихтисос дар корхонаҳо бо сабаби ба синни нафақа баромадани онҳо;

– ба бозори меҳнат воридшавии шумораи назарраси хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ.

Дар натиҷаи омӯзиши ҳолати кунунӣ ва таҳлили вазъи бозори меҳнати вилояти Хатлон як қатор омилҳои таъсиррасон муайян ва ошкор карда шуданд, ки барои таҳқиқот муҳимтарини онҳоро қайд менамоем:

1. Маҳдудияти имкониятҳои молиявии татбиқи барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолии вилоят;

2. То андозае номувофиқии сатҳи касбияти захираҳои меҳнатӣ ба талаботи бозори меҳнати дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ амалкунанда. Барои маҳдуд намудани таъсири манфии омили мазкур бунёд ва рушди низоми баландбардории касбияти кормандон, ки истифодаи босамари захираҳои инсониро дар мувофиқа бо талаботи иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ таъмин менамояд, зарур мебошад. Дар ин самт зарур аст, то низоми ҳамоҳангсозии ҳама шаклҳои маълумоти касбӣ бо мақсади нигоҳдории неруи меҳнатии баландсифати корхонаҳо бунёд карда шавад;

3. Ҷой доштани номутаносибии афзоиши аҳолии синни қобили меҳнат (1,6%-и солона) ва таъсису рушди объектҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар вилоят, яъне объектҳои соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ танҳо 21-24%-и аҳолии синни қобили меҳнати вилоятро бо шуғл таъмин карда метавонанд. Новобаста аз он ки афзоиши миёнасолонаи корхонаю ташкилотҳо дар вилоят 3,6%-ро ташкил медиҳад, аммо аз ҳисоби он, ки аксарияти онҳо муассисаҳои бахши хусусӣ ва сохтмонҳои нави соҳаи буҷетӣ (муассисаҳои соҳаҳои буҷетӣ–маориф, тандурустӣ, фарҳанг ва ғайра) мебошанд, имконияти афзоиши таъмини шуғлро надоранд. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта зарурати рушди объектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла бунёди корхонаҳои истеҳсолӣ, ки имконияти таъмини шуғли ҳиссаи калони захираҳои меҳнатии вилоятро доранд, пеш меояд.

4. Тафовути нисбатан зиёд байни шумораи аҳолии синни қобили меҳнат ва аҳолии шуғлдоштаи вилоят. Тавре дар боло қайд намудем, аҳолии шуғлдоштаи вилояти Хатлон танҳо 21-24%-и аҳолии синни қобили меҳнатро ташкил медиҳад.

5. Инфрасохтори иқтисодии аз ҷиҳати таъмини шуғли қувваи корӣ ғайриқаноатбахш дар вилоят. Дар шароити вилояти Хатлон, чун дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, объектҳои ғайриқаноатбахши иқтисодӣ ҳамчун мушкилоти рушди иқтисодии вилоят баромад менамояд, омилҳои молиявию

иқтисодӣ метавонанд ба сифати омилҳои асосии ташаккули бозори меҳнат баромад кунанд. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, ҳамчун самти афзалиятноки рушди бозори меҳнати вилояти Хатлон ҷалби сармоя барои рушди соҳаҳои иқтисодӣ, навкунию такмили технологии корхонаҳо дар чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионӣ ва бозомӯзии кормандон маҳсуб меёбад. Он метавонад, дар ниҳоят, шуғли пурраи қувваи кории вилоятро таъмин намояд. Дар ҳама категорияҳои синнусолии захираҳои меҳнатии вилоят мушкилоти бекорӣ ҷой дорад. Дар тули солҳои таҳлилшуда шумораи миёнасолаи бекорони расман бақайдгирифташуда дар сатҳи вилоят 15,9 ҳазор нафарро ташкил медод.

6. Алоқаи баръакс байни тамоюли афзоишёбии аҳолии қобили меҳнат ва масоҳати заминҳои кишт дар вилоят. Тавре дар боло қайд намудем, 60-65%-и аҳолии машғул дар иқтисодиёти вилоят ба соҳаи кишоварзӣ рост меояд. Аз ин хотир, зарур аст, то масоҳати заминҳои кишт аз ҳисоби заминҳои аз гардиши кишоварзӣ берунмонда зиёд карда шуда, дар ин хел заминҳо корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзии характери индустриалӣ–инноватсионидоштаро ба роҳ монда, истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлокро то сатҳи ниҳоӣ таъмин кардан лозим аст. Дар ниҳоят, шуғли аҳолии вилоят таъмин карда мешавад. Аммо, мутаассифона, дар баъзе аз ноҳияҳои сераҳолии вилоят (Темурмалик, Фархор, Кушониён, Ш. Шоҳин, Ховалинг) камшавии заминҳои кишт дида мешавад.

7. Ҷиҳати таъмини ҷойҳои корӣ дар бахши аграрии бозори меҳнати вилояти Хатлон андешидани чораҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад: а) зиёд намудани заминҳои обӣ аз ҳисоби заминҳои лалмӣ бо роҳи кашонидани об ба воситаи қубурҳо ва каналҳо; б) табдил додани майдонҳои шӯрзамин ва азкиштмонда ба заминҳои кишт; в) шинондани дарахтҳо ва бунёди боғҳо дар теппаву кӯҳҳо, на дар заминҳои ҳамвори обӣ.

8. Ҳаҷми ғайриқаноатбахши музди меҳнати қувваи корӣ дар корхонаю ташкилотҳои сатҳи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон. Ҳаҷми нокифояи музди меҳнат арзиши зиндагии захираҳои меҳнатиро қонеъ карда наметавонад, аз

ин рӯ, зарурат ба муҳоҷират пайдо мегардад.

9. Рушди ноустувори субъектҳои иқтисодии соҳаи саноат, сохтмон, молия ва тиҷорат дар вилоят ба чашм мерасад. Соҳаҳои зикршуда дар сатҳи вилоят нисбатан рушди ноустувор дошта, танҳо 5-6%-и шуғли аҳолии минтақаро таъмин менамоянд.

Ҳамин тавр, дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки бозори меҳнати вилояти Хатлон зери таъсири низоми омилҳои гуногун ташаккул меёбад, ки амалу таъсири омилҳои мазкур шароити ташаккулёбии бозори меҳнати онро ба вуҷуд меоранд.

Омӯзишу таҳлили шароити ташаккулёбии бозори меҳнати вилояти Хатлон ба мо имкон дод, то хусусиятҳои ташаккулёбии бозори меҳнати ин минтақаи ҷумҳуриро муайян ва ошкор намоем. Ба ақидаи мо, дар шароити кунунӣ бозори меҳнати вилояти Хатлон дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дорад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, танзиму идоракунии бозори меҳнати ин минтақаи ҷумҳурӣ, на танҳо аз тариқи кор бо бекорони ба таври расмӣ ба қайд гирифташуда, инчунин бо роҳи андешидани чорабиниҳои гуногун бояд амалӣ карда шаванд.

Дар натиҷаи омӯзиши низоми омилҳо маълум карда шуд, ки аксарияти онҳо ба ташаккул ва рушди бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсири манфӣ мерасонанд. Дар такя ба мавқеи илмии иқтисодчии рус И.В. Савенкова таъмини шароити зеринро муҳим мешуморем: «а) рушди соҳаҳои иқтисодиёт, ки имконияти таъмини афзоиши талабот ба қувваи кориро дошта бошад; б) андешидани чораҳо баҳри ҳимояи шаҳрвандон аз бекорӣ; в) таъмини шароити рушди бозори меҳнати босамар; г) таъмини ҳимояи иҷтимоии бекорон» [140, С.243]. Инчунин ҳалли мушкилоти бозори меҳнати вилоят татбиқи сиёсати муосири кадрӣ, баландбардории фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, бунёди истеҳсолоти инноватсионӣ ва ҷойҳои кории нав, талаботҳои муносиби иҷтимоию иқтисодӣ, таъмини ҳифзи ҳуқуқи меҳнатӣ ва манфиатҳои қувваи корӣ, рушди соҳибкории инноватсиониро талаб менамояд.

Хулоса, дар шароити таъсиррасон будани низоми омилҳои манфӣ дигар унсури муҳимми идоракунии бозори меҳнати минтақаи Хатлон барномаҳои давлатии махсусгардонидашудаи соҳа мебошанд.

Ба ақидаи мо, дар рафти коркарди барномаҳои мазкур, дар баробари мутахассисони соҳавии сатҳи амалия ва агентии шуғли минтақа, бояд мутахассисони муассисаҳои таълимии минтақаи мазкур, ки ба омӯзиши масъалаҳои марбут ба бозори меҳнат машғуланд, инчунин корфармоён ва мутахассисони ташкилотҳо низ ҷалб карда шаванд.

Барномаҳои болозикр бояд масъалаҳои зеринро дар бар гиранд: а) коркарди маҷмуи чорабиниҳо дар самти муайянкунӣ, озодкунӣ ва бо кор таъминкунии қувваи кории барзиёди ташкилотҳо; б) коркарди маҷмуи чорабиниҳо доир ба омодакунӣ ва бо кор таъминкунии кормандон барои ташкилотҳое, ки қувваи кории нокифоя доранд; в) коркарди маҷмуи чорабиниҳо оид ба дастгирии мақомотҳои маҳаллӣ, ки ба рушди шаклҳои гуногуни худмашғулии аҳолӣ ва идоракунии сохтори соҳавии соҳибкории хурду миёна банд мебошанд; г) коркарди маҷмуи чорабиниҳои мусоидат ба муҳоҷирати дохилиминтақавии аҳолӣ бо мақсади азнавтақсимкунии босамари пешниҳодоти меҳнат дар ҳудуди вилояти Хатлон.

**Хулосаи боби II.**

Таҳқиқи идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон бо роҳи омӯзиши ҳолати кунунӣ, таҳлили шароиту имкониятҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят ва баҳодиҳии омилҳои ба бозори меҳнат таъсиррасон имконият доданд, то хулосаю пешниҳодҳои зерини хусусияти навгонидоштаро коркард намоем:

1. Омӯзиши ҳолати бозори меҳнати вилояти Хатлон нишон дод, ки молиякунонии барномаҳои мусоидат ба шуғли аҳолии вилоят; татбиқи барномаҳои омодакунии касбӣ ва стандартҳои давлатии касбӣ; коркарди санадҳои меъёрии таъмини кафолати ҳифзи иҷтимоии шаҳрвандони бекори маҳалҳои деҳотнишин; бунёди шароити таъмини мувофиқати сохтори талаботу таклифоти қувваи корӣ, фароҳам овардани имкониятҳо барои дастрасии шаҳрвандони вилоят ба ҷойҳои корӣ ва анҷом додани дигар корҳо

дар ин самт метавонанд барои таъмини шуғл ва коҳишдиҳии бекорӣ мусоидат намоянд.

2. Маводҳои расмӣ нишон медиҳанд, ки зиёда аз 80-82%-и аҳолии вилоят дар шароити деҳот зиндагӣ менамоянд ва 49-50%-и заминҳои кишти ҷумҳурӣ низ ба минтақаи Хатлон рост меоянд. Заминҳои кишт дар хоҷагиҳои вилоят тамоюли афзоишёбӣ дошта, дар тули солҳои 2018-2024 ба андозаи 30645 гектар зиёд гардидаанд, аммо, мутаассифона, афзоиши заминҳои кишт дар сатҳи зарурӣ шуғли захираҳои меҳнатиро таъмин накардааст. Ин ҳолат гувоҳи он аст, ки майдонҳои калони заминҳо дар ихтиёри шумораи ками аҳолӣ қарор доранд ва на барои ҳамаи аҳолӣ онҳо дастрас мебошанд.

3. Таҳлили бозори меҳнати соҳаи саноати вилоят нишон дод, ки соҳаи мазкур дар тули солҳои 2018-2024 шуғли назарраси захираҳои меҳнатиро таъмин накардааст. Дар сатҳи вилоят корхонаҳои саноатӣ миқдоран зиёд шудаанд, аммо аз ҳисоби нисбатан хурд будани аксарияти онҳо таъминоти шуғл нокифоя боқӣ мондааст. Омори расмии бозори меҳнати соҳаҳои сохтмон, савдо, нақлиёт ва алоқаи вилояти Хатлон низ нишон медиҳад, ки субъектҳои ин соҳаҳо, чун соҳаи саноат, шуғли нокифояи қувваи кории вилотро таъмин менамоянд.

4. Натиҷаи SWOT–таҳлили бозори меҳнати вилояти Хатлон нишон дод, ки тарафҳои заиф ва таҳдиду хатарҳо нисбат ба тарафҳои пурқувват ва имкониятҳои рушди он зиёданд. Рақамҳои омории соҳа ҳолатҳои зикршударо исбот менамоянд, аз ҷумла таъмини шуғли танҳо 21-24%-и аҳолии қобили меҳнат ва шумораи нисбатан нокифояи субъектҳои иқтисодӣ (объектҳои иқтисодии ба шуғл фарогиранда), ки имконияти таъмини шуғли ҳиссаи назарраси захираҳои меҳнатии вилоятро надоранд.

5. Дар шароити бунёд ва рушди корхонаҳои истеҳсолию хизматрасонии хусусияти индустриалӣ–инноватсионидошта, талабот ба захираҳои меҳнатии баландихтисос пайдо мегардад. Дар чунин шароит зарурат ба баландбардории сатҳи дастрасии қувваи корӣ, ба иттилоот оид ба ҳолати бозори меҳнати минтақа ва баландбардории сифати хизматрасониҳо пайдо

мегардад. Бозори меҳнати дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ амалкунанда талаб менамояд, ки низоми мониторинг ва дурнамои рушди бозори меҳнати вилоят такмил дода шавад. Аз ин рӯ, фаъолгардонии корҳо вобаста ба мавқеъгирии касбии қувваи корӣ, яъне ҷалби қувваи корӣ ба омӯзиши касбҳое, ки дар бозори меҳнат талабот доранд, зарур мебошад.

6. Дар натиҷаи гузаронидани PEST–и омилҳои муҳити дохилӣ ва берунии бозори меҳнати вилояти Хатлон муайян гардид, ки омилҳои сиёсии ба бозори меҳнати вилоят таъсиррасон мавқеи устувор доранд. Омилҳои иқтисодӣ бошанд, нақши марказӣ доранд, аммо бинобар сабаби ноустувор буданашон дар рушди бозори меҳнати вилоят, камтаъсир боқӣ мондаанд. Шуғли танҳо 21-24%-и аҳолии қобили меҳнат дар вилоят исботи ин гуфтаҳо мебошад. Омилҳои иҷтимоӣ низ ба бозори меҳнат таъсири манфӣ мерасонанд. Ба муҳоҷирати меҳнатӣ равона гардидани қувваи кории вилоят, бинобар сабаби ҳаҷми нисбатан нокифояи даромадҳои меҳнатӣ, ин ҳолатро тасдиқ менамояд. Истифодаи нокифояи имконияти технологияҳои инноватсионӣ боиси кам гардидани манфиатҳо гаштааст. Ба истиснои омилҳои сиёсӣ, таъсири дигар омилҳо (омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ) ба бозори меҳнати вилоят манфӣ арзёбӣ мегардад.

# БОБИ 3. ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ТАНЗИМ ВА ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ИҚТИСОДИЁТИ ИНДУСТРИАЛӢ–ИННОВАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

## 3.1. Механизми танзими давлатии бозори меҳнат ва такмилдиҳии он

Бозори меҳнати вилояти Хатлон, чун дигар бозорҳои меҳнат, дар худ низоми муносибатҳои ҷамъиятиро байни корфармоён ва кормандон ифода менамояд. Вазъи ин бозор аз шароит ва рушди иқтисодиёти вилоят низ вобаста мебошад. Новобаста аз он ки талабот ва таклифоти қувваи корӣ худтанзимкунии фаъолияти бозори меҳнатро таъмин менамоянд, лекин дар баъзе мавридҳо ин бозор имконияти худтанзимкуниро надорад. Вобаста ба ин, зарурати танзими давлатӣ пеш меояд.

Танзими давлатии бозори меҳнати минтақа низоми чорабиниҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодии давлатӣ мебошад, ки ба таъмини тавозуни талабот ва таклифоти қувваи корӣ, муайян намудани ҳаҷми муносиби музди меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандон ва ҳуқуқи меҳнатии онҳо, таъмини шароити мусоиди бозтавлиди неруи инсонии рақобатпазир ва мақсаднок истифодабарии қувваи кории мавҷуда барои ба даст овардани самараи иқтисодию иҷтимоӣ равона шудааст.

«Вазифаи муҳимтарин танзими давлатии бозори меҳнат шуғли самарабахши аҳолӣ мебошад, ки мақсади асосии он баланд бардоштани сатҳ ва сифати зиндагӣ ва такмил додани сохтори соҳа, баланд бардоштани рақобатпазирии воҳидҳои институтсионалии бозори меҳнат, ҳавасмандгардонии тақсимоти оқилонаи захираҳои меҳнатӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ, инчунин, кафолатҳо дар соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ мебошад» [146].

Дар ҳақиқат, бозори меҳант дар он ҳолат рушд менамояд ва мушкилотҳои дар ин самт ҷойдошта ба қадри зарурӣ ҳал мегардад, ки давлат дар ин самт чораҳои таъхирнопазир андешида, ҷойҳои кории нав таъсис диҳад ва ҳамкориро бо субъектони иқтисодӣ мустаҳкамтар намояд.

Чи тавре ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 низ ин масъала мавриди таҳлил ва баррасии амиқ қарор гирифта, «... ба сифати самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди бозори меҳнат ва шуғл дар самти мусоидат ба ташкили ҷойҳои кории пурмаҳсул тадбирҳои зерин муайян шудаанд:

– дастгирии соҳибкории хурд ва миёна барои ташкил намудани шуғл дар соҳаҳои инноватсионии аз ҷиҳати технологӣ баланд, дар соҳаи иҷтимоӣ, аз ҷумла бо назардошти имкониятҳои ҷавонон ва занон;

– омода намудани як қатор тадбирҳои ҳавасмандкунанда ва имкониятҳо барои шуғли пурмаҳсули шахсони маъюб;

– тадбирҳои байнисоҳавӣ, ки ба рушди иқтидори миллии арзёбӣ ва пешгӯии бозори меҳнат (аз ҷумла аз рӯи минтақаҳо), низоми кӯчонидани аҳолӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолот, ҳавасмандгардонии инкишофи шабакаҳои алоқаи нақлиёти маҳаллӣ равона шудаанд, ки ба ташкили истеҳсолот ва ҷойҳои кории нав, бахусус дар минтақаҳои дорои сатҳи баланди аҳолии бешуғл ва камбизоат мусоидат мекунад» [15].

Ба ақидаи Т.Ю. Стукен «... дар амалияи муносибатҳои меҳнатӣ ду шакли танзими бозори меҳнат вуҷуд дорад, яъне фаъол ва ғайрифаъол» [35]. Шакли фаъоли танзими бозори меҳнат бо роҳи бунёди шароити афзоиши ҷойҳои корӣ, пеш аз ҳама, таъмини шуғл бо роҳи баландбардории тахассуснокии қувваи корӣ ҷорӣ карда мешавад, ки натиҷаи ниҳоии он ноилгардӣ ба шуғли пурра мебошад. «Тибқи муқаррароти моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», чораҳои фаъоли мусоидат ба шуғли аҳолӣ чораҳое мебошанд, ки барои аз нав оғоз гардидани шуғли шаҳрвандони бекор мусоидат намуда, ба васеъшавии имконияти бо кор таъмин кардани онҳо равона гардидаанд» [7]. Ба сифати чунин чораҳо ёрӣ расонидан дар ҷустуҷӯи кор, тайёрӣ ва бозомӯзии касбии аҳолии бекор, мусоидат ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ, рушди соҳибкории хурд ва миёна, инчунин дигар намуди чораҳо ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ дохил мешаванд.

Бо назардошти шароити иқтисодии вилояти Хатлон, аз нигоҳи мо, ба самтҳои афзалиятноки сиёсати фаъоли шуғл бояд чораҳои зерин баромад кунанд: дастгирии давлатии сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти вилоят бо мақсади бунёди ҷойҳои корӣ; ташкили бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорон, аз ҷумла бекорони намуди сохторӣ; рушди хадамоти шуғли аҳолӣ дар вилоят; мусоидат ба рушди соҳибкории хурд ва соҳибкории оилавӣ; ҳавасмандкуниҳои давлатӣ дар намуди сабукиҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳои бо қонунгузорӣ асосёфта ба корфармоёне, ки шумораи назарраси ҷойҳои кориро ба бозори меҳнати минтақа пешниҳод менамоянд, аз ҷумла таъсиси ҷойҳои корӣ барои ҷавонон ва мусоидат намудан ба таъмини шуғли захираҳои меҳнатие, ки аз рӯйи зарурат ҷойи истиқомати худро тағйир додаанд.

Ҳамчун чораҳои асосии танзими ғайрифаъоли бозори меҳнат – ин дастгирии бекорон ва маҳдуд намудани пешниҳоди қувваи корӣ маҳсуб меёбад. Чораҳои сиёсати ғайрифаъоли танзими бозори меҳнат ба самти дастгирии бекорон ва ҳимояи иҷтимоии онҳо нигаронида мешаванд. Ба ақидаи мо, ба манфиати рушди бозори меҳнат мебуд, агар таъмини бекорон бо кумакпулӣ; дастгирии моддӣ ва пардохтҳои дигари иҷтимоӣ аз рӯйи бекорӣ; ҷорӣ намудани хизматрасонии тиббӣ ва таҳсилоти ройгон ба бекорон ба роҳ монда шаванд. Мо чунин мешуморем, ки дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани танзими ғайрифаъоли бозори меҳнат натиҷаҳои мусбат намедиҳад, чунки ин намуди танзими бозори меҳнат дар ҳолати кам будани шумораи бекорон манфиатнок аст. Танзими фаъол, ки барои зиёд намудани ҷойҳои корӣ шароити мусоид фароҳам меоварад, барои ҳалли мушкилоти кунунии бозори меҳнати манотиқи ҷумҳурӣ, яъне барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ мувофиқ мебошад.

Бо назардошти нуқтаҳои зикршуда ва тамоюли талаботу таклифоти қувваи корӣ ду намуди идоракунии бозори меҳнатро дар вилоят фарқ менамоянд: а) идоракунии бозори меҳнат дар шароити барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ, ки чорабинии асосии он зиёд намудани ҷойҳои корӣ мебошад. б) идоракунии бозори меҳнат дар шароити барзиёдии ҷойҳои

корӣ нисбат ба аҳолии фаъоли иқтисодӣ (қувваи корӣ). Яке аз чораҳои ин намуди идоракунӣ баланд бардоштани синну соли нафақа ва ё ба кор ҷалб намудани нафақахӯрон мебошад.

Дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон бояд намуди идоракунии аввала ба роҳ монда шавад. Коҳишёбии рушди соҳаҳои иқтисоди миллӣ дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ боиси кам гардидани шумораи субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла корхонаҳои истеҳсолӣ гардидааст. Бо назардошти мушкилоти мавҷуда, рушди объектҳои иқтисодии пуриқтидори ба шуғл фарогиранда, ҷорӣ намудани методҳои нави идоракунӣ дар онҳо, устувор намудани механизми идоракунии шуғли аҳолӣ ва таъмини шуғли қувваи кории баландихтисос амри зарурӣ мебошанд.

Барои баҳодиҳии талаботи вилояти Хатлон ба қувваи корӣ зарур аст, ки мониторинги мунтазами сохтори иқтисодӣ ва касбию тахассусмандии таклифоти қувваи корӣ ва талабот ба қувваи корӣ гузаронида шавад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус вилояти Хатлон, ки номутаносибии талаботу таклифоти қувваи корӣ аз ҳисоби норасоии ҷойҳои корӣ нисбат ба қувваи корӣ ҷой дорад, барои такмили сиёсати минтақавии шуғл ба инобат гирифтани номгӯйи амалисозии механизмҳои зерин метавонад рушди бозори меҳнати вилоятро таъмин намояд:

– сиёсати шуғл бояд мақсадҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддати бозори меҳнатро муайян карда тавонад, яъне бо роҳҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ, инчунин мезоиқтисодӣ танзими босамари шуғлро амалӣ намояд;

– сиёсати шуғли вилоят бояд бо сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла банақшагирии иқтисодӣ ва барномаҳои амалкунандаи рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ мувофиқ бошад;

– сиёсати шуғл бояд муҳаррики низоми ҳамкориҳои иҷтимоии минтақаи Хатлон баромад намояд;

– сиёсати шуғл бояд диққати асосиро ба танзими ҳолати бозори меҳнати дохилӣ ва бо мақсади таъсир расонидан ба маҷмуи бекорӣ равона созад;

– сиёсати шуғл бояд диққати асосиро ба чораҳои татбиқшаванда, ки барои бунёди низоми идоракунии рушди захираҳои меҳнатӣ ва дастгирии суроғавии гурӯҳҳои осебпазири аҳолии вилоят мусоидат менамояд, равона созад.

Тавре дар зербоби 2.3 омилҳои ба бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсиррасонро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор додем, дар шароити кунунӣ ба бозори меҳнати вилоят низ маҷмуи омилҳои мухталиф таъсир мерасонанд. Дар чунин вазъият танзими давлатӣ дар шакли мустақим ва ғайримустақим бояд ба самти таъмини субботи иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва дар маҷмуъ, ба баландбардории ҳифзи иҷтимоии ҳар як шаҳрванди минтақа равона карда шавад. А.А. Мирзоалиев, ки дар таҳқиқотҳои худ масоили ташаккул ва рушди бозори меҳнатро дар бахши аграрии иқтисодиёт таҳқиқ кардааст, як қатор омилҳои таъсиррасони ин бозорро мавриди таҳлилу арзёбӣ қарор додааст. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки «... ташаккули бозори меҳнат дар бахши аграрӣ ба омилҳои зиёд вобастагӣ дорад, пеш аз ҳама: вазъи демографии деҳот, сатҳи нокифояи маълумотнокӣ, ҳиссаи аҳолии камбизоат, инкишофи ноустувори инфрасохтори иҷтимоӣ, сатҳи пасти зиндагӣ ва буҳрони шадиди аграрӣ» [125, С.220].

Бо назардошти мушкилоти молиявию иқтисодӣ, алалхусус шумораи нокифояи корхонаҳои рушдкардаи вилоят, танзими давлатии бозори меҳнати минтақа ба манфиати иқтисодиёти вилоят ва ҷумҳурӣ мебошад, агар он дар асоси чораҳои сиёсати сармоягузорӣ, молиявию қарзӣ, андозӣ ва иҷтимоӣ татбиқ карда шавад. Чораҳои зикршуда имконият медиҳанд, то ҷобаҷогузории босамари қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ таъмин карда шуда, мушкилоти ҷойдошта ҳал карда шавад.

Сиёсати шуғли аҳолии вилоят дар чунин шароит бояд ба бунёди шароити баландбардории сатҳи некӯаҳволии шаҳрвандон, таъмини шуғли пурмаҳсул ва танзими тавозуни талаботу таклифоти қувваи корӣ, инчунин баландбардории сифат ва рақобатпазирии қувваи корӣ аз тариқи ҷорӣ намудани таҳсилоти мунтазами онҳо, вобаста ба шароити ҷойдошта, нигаронида шавад.

Воқеан, сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ яке аз унсурҳои ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоӣ дониста мешавад, ки аз ҷониби давлат дар ҳама сатҳҳо татбиқ карда мешавад. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолии вилояти Хатлон бояд инҳо маҳсуб ёбанд (расми 3.1).

**МЕХАНИЗМҲОИ ТАНЗИМ ДАР САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МУСОИДАТИ ШУҒЛИ АҲОЛИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

- Таъмини имкониятҳои баробар байни шаҳрвандони вилоят барои доштани ҳуқуқ ба меҳнати ихтиёрӣ ва интихоби озоди шуғл
- Бунёди шароите, ки барои расидан ба зиндагии арзанда ва рушди озодонаи аҳолии вилоят мусоидат менамояд
- Дастгирии ташаббусҳои меҳнатӣ ва соҳибкории шаҳрвандони вилоят, ки дар доираи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда рушди қобилияти онҳоро барои афзоиши шуғли пурмаҳсул таъмин менамояд
- Татбиқи чораҳо дар самти таъмини шуғли шаҳрвандоне, ки дар ҷустуҷӯи кор мебошанд
- Пешгирии бекории ҳаҷман зиёд ва маҳдуд намудани бекории давомнок (зиёда аз як сол)
- Муттаҳид намудани иштирокчиёни бозори меҳнати вилоят ва ҳамоҳангсозии амалҳои онҳо дар ҷараёни таъмини шуғли аҳолӣ
- Ҳамкории вилояти Хатлон бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар самти ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ
- Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва корфармоён дар коркард ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини шуғли аҳолии вилоят
- Дастгирии давлатии соҳибкорони вилоят, ки шумораи зиёди ҷойҳои кориро таъсис дода, шуғли ҳиссаи назарраси захираҳои меҳнатиро таъмин менамоянд.
- Ташаккул ва устувор гардонидани ҳамкории корфармоён ва марказҳои касбомӯзии сатҳи вилоят

**Расми 3.1.** – Механизмҳои танзим дар самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидати шуғли аҳолии вилояти Хатлон.

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси [159, С.185].

Дар шароити кунунии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки мушкилоти таъмини шуғли аҳолӣ дар назар дошта мешавад, муайян ва ҷустуҷӯи самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатии шуғл яке аз масъалаҳои муҳимми бозори меҳнат дониста мешавад. Ба ақидаи мо, дар чунин вазъият дастгирии соҳибкории хурд ва рушди хоҷагиҳои деҳқонӣ дар вилоят, ки мустақиман ба сатҳи худмашғулии аҳолӣ таъсир мерасонанд, самти афзалиятноки таъмини шуғли пурмаҳсул дониста мешаванд.

Дар низоми индустриалӣ–инноватсионӣ соҳаҳое мавҷуданд, ки метавонанд ҳиссаи назарраси қувваи кориро бо шуғл таъмин намоянд. Вобаста ба имкониятҳои ҷойдошта, татбиқи сиёсати шуғли аҳолӣ дар сатҳи вилоят аз тариқи барномаҳои мусоидат ба шуғл дар соҳаи кишоварзӣ, сохтмони роҳҳо ва объектҳои сохтмонии инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои таъмини шуғли қувваи корӣ мусоидат менамоянд.

Тавре ки таҷрибаи мамлакатҳои дорои иқтисоди бозорои рушдкарда нишон медиҳад, усули нисбатан босамари танзими бозори меҳнат дар натиҷаи амали якҷояи механизми танзими давлатӣ ва механизми худтанзимкунии бозори меҳнат ба даст меояд. Вобаста ба ин, низоми дусатҳаи танзими бозори меҳнати вилояти Хатлон, ки дар чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионӣ амалкунанда мебошад, дар расми 3.2 оварда шудааст.

Дахолати давлатӣ дар самти танзими шуғли аҳолӣ ва мубориза бо нокомиҳо зарурати тағйироти унсурҳои сиёсати бозори меҳнатро аз тариқи васеъ намудани доираи истифодабарии сиёсати фаъоли мусоидат ба шуғли аҳолӣ ба миён меорад. Дар ҳоле ки шароити фаъолият ва рушди бозори меҳнати минтақа дар тағйироти доимӣ қарор дорад, зарурати такмили мунтазами механизми танзими бозори меҳнат метавонад ҷой дошта бошад.




**Расми 3.2.**-Низоми дусатҳаи танзими механизми бозори минтақавии меҳнат.
**Манбаъ:** Коркарди муаллиф дар асоси [161, С. 363].

Ба ақидаи Л.В. Шубтсова «... дар шароити кунунӣ татбиқи сиёсати танзими бозори меҳнат бо ёрии методикаи барномаҳои мақсаднок амалӣ карда мешавад» [154, С.11–19]. Барои танзими шуғли аҳолии вилояти Хатлон метавон барномаҳои махсуси рушди саноатро истифода намуд, ки метавонанд дар як вақт рушди иқтисодӣ ва шуғли аҳолиро таъмин намоянд. Инчунин барномаҳои касбомӯзӣ, такмили ихтисос ва барномаҳои махсуси мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна низ механизми танзими бозори меҳнати вилоятро такмил медиҳанд.

Амали якҷояи механизми танзими давлатӣ ва бозорӣ метавонад низоми идоракунии бозори меҳнати вилоятро такмил диҳад. Аз дигар тараф, нақши калидиро дар ба рӯйи кор овардани низоми босамари идоракунии бозори меҳнат имкониятҳои молиявӣ мебозанд. Ҳукумати вилояти Хатлонро зарур аст, ки бо назардошти имкониятҳои табиӣ ва иқлими мусоиди минтақа, намудҳои муносиби фаъолияти иқтисодиро рушд диҳад. Бозори меҳнат, ҳамчун унсури ҷудонопазири низоми иқтисоди аграрию индустриалӣ, бояд аз тариқи маблағгузориҳои мақсадноки рушди неруи меҳнатӣ ба иқтисодиёти индустриалӣ–аграрӣ ва дар самти молиякунонии соҳаи маориф рушд дода шавад. Самти афзалиятноки фаъолияти иқтисодии давлат оид ба рушди бозори меҳнати вилоят дар таъмини шароити мусоид барои рушди тиҷорат ва фаъолияти сармоягузорӣ дида мешавад. Рушди тиҷорат ва фаъолияти сармоягузорӣ дар вилоят боиси таҳаввулоти бозори меҳнат мегардад, ки ҳолати мазкур вобастагии бозори меҳнатро аз молиякунонии мунтазами давлатӣ ва минтақавӣ коҳиш медиҳад.

Номутаносибии талабот ва таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнати вилояти Хатлон, хусусан ноустувории иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаи мазкур тақозо менамояд, ки давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ-меҳнатӣ дахолат кунад, то ин ки тавозуни манфиатҳои корфармоён ва шаҳрвандон таъмин гардида, қобилият ва малакаи захираҳои меҳнатии вилоят истифода гарданд.

Таҷриба аз фаъолияти хадамоти минтақавии шуғли аҳолӣ нишон медиҳад, ки самаранокии чораҳои ғайрифаъол, аз ҷумла пардохти

кумакпулиҳо ба бекорон, ёрии моддӣ қаноатбахш нест, аз ин рӯ, чораҳои мазкур мушкилоти бекориро ҳал карда наметавонанд. Дар баробари ин, дар сатҳи вилояти Хатлон ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳастанд шаҳрвандоне, ки бо сабабҳои надоштани саломатӣ, синну сол ва дигар иллатҳо дар рафти чорабиниҳои сиёсати фаъоли таъмини шуғл иштирок карда наметавонанд. Аз нуқтаи назари мо, ҳалли мушкилоти зикршуда аз таносуби мувофиқу муносиби чораҳои фаъол ва ғайрифаъоли танзими бозори меҳнати вилоят вобаста мебошад.

Дар шароити афзоиши шумораи бекорон дар минтақа, ки ба таври фаврӣ таъсиси ҷойҳои корӣ барои онҳо ғайриимкон мебошад, татбиқи сиёсати ғайрифаъоли давлатӣ мубрам дониста мешавад. Дар чунин вазъият дастгирии хадамоти шуғл низ муҳим дониста мешавад, чунки он бояд ба ҳифзи иҷтимоии бекорон пардозад. Дигар мушкилоти ҷойдошта дар ин самт нокифоя будани бузургии кумакпулиҳои бекорон мебошад, ки ҳаҷми он аз ақалияти рӯзгузаронӣ кам мебошад.

Ба андешаи мо сиёсати ғайрифаъол бояд чораҳои сиёсати фаъолро дар бозори меҳнат пурра намояд, на баръакс. Аҳаммияти татбиқи чораҳои сиёсати фаъоли шуғли аҳолии вилоят дар он ифода меёбад, ки харҷи воситаҳо тафриқаи захираҳои меҳнатиро дар бозори меҳнат ба вуҷуд меорад. Масалан таъминоти моддии корҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби ташкили ҷойҳои корӣ талабот ба қувваи кориро дар бозорҳои меҳнати маҳаллӣ зиёд менамояд, чунки шуғли аҳолӣ дар ин корҳо омодагии пешакии касбиро талаб намекунад. Аммо ҳаҷми воситаҳо, ки барои касбомӯзӣ масраф мешавад, тағйироти сифатии таклифоти қувваи кориро дар бозори меҳнат ба вуҷуд меорад.

Самтҳои истифодабарии воситаҳо дар сиёсати фаъоли шуғл ҳолати бозори меҳнати маҳаллиро на ба таври фаврӣ, балки дар доираи вақти муайян беҳтар месозанд. Воситаҳое, ки барои касбомӯзӣ масраф мешаванд, бояд барои зиёд намудани даромадҳои бекорон мусоидат намоянд. Яъне бекорони зикршуда дар оянда донишҳои касбии худро нав карда, аз ҷониби бозори меҳнати беруна ҳамчун қувваи кории рақобатпазир эътироф мешаванд ва баҳои баланд гирифта,

ба шароити шуғли аҳолии минтақа тағйироти мусбат ворид менамоянд.

Таъсири назаррасро ба вазъи бозори меҳнати минтақа хароҷот барои дастгирии худмашғулӣ мерасонад. Молиякунонии самти мазкур аз ҳисоби воситаҳои барои танзими бозори меҳнати вилоят ҷудогардида оқибатҳои мусбат ва манфӣ дошта, ба сиёсати шуғл асос меёбад. Ташкили чунин намуди ҷойҳои корӣ ба он оварда мерасонад, ки шумораи шаҳрвандони қобили меҳнати бекор ба ҳисоби шаҳрвандони машғули кор гузаронида мешаванд. Вобаста ба муносибатҳои молиявию тақсимотӣ, онҳо ҳиссаи худро аз даромади миллӣ намегиранд, балки худашон истеҳсолкунанда мебошанд.

Соҳибкории хурд дар ҳалли мушкилоти бекорӣ ва таъмини устувории муносибатҳои иҷтимоию ҷамъиятии минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон ҳиссаи назаррас гузошта истодааст. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули ҷиҳатҳои ниҳодии рушди фаъолияти соҳибкории хурд, ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодӣ, ки дар ҳалли мушкилоти бекорӣ саҳми назаррас дорад, заминаҳои мусоид фароҳам овардааст.

Дар маҷмуъ, фоизи ками бекоронро фаро гирифтани чорабиниҳои сиёсати фаъоли шуғл аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳаҷми захираҳои молиявии хадамоти шуғли вилоят нокифоя мебошад ва бузургии он наметавонад барои татбиқи чорабиниҳои зикршуда қаноатбахш бошад. Вобаста ба ҳолати ҷойдошта, дар заминаи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ истифодабарии сарчашмаҳои алтернативӣ, ба монанди дастгирии хадамоти шуғл аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ, ташкилотҳои қарзӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар субъектони бахши хусусӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Бо мақсади ноил гардидан ба оқибатҳои мусбати рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон зарур аст, то амсилаи идоракуниеро дар бозори меҳнат истифода намоем, ки ҳамчун механизми самаранок истифодабарии неруи захираҳои меҳнатӣ ва таркибдиҳандаи раванди ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилоят, баромад намояд. Механизмҳои калидии низоми амалкунандаи танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар расми 3.3 оварда шудааст.

**МЕХАНИЗМИ НИЗОМИ АМАЛКУНАНДАИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МИНТАҚАҲОИ ОН ДАР ЧОРЧӮБАИ НИЗОМИ ИНДУСТРИАЛӢ–ИННОВАТСИОНӢ**

**1.Шароитҳои ба шуғл фарогирии шаҳрвандон:**
- асосҳои ниҳодии муайянкунии шуғл ва бекорӣ;
- принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- кафолати давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба таъмини шуғл;
- кафолатҳои иловагии шуғл барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ.

**2.Ҳамкории иҷтимоӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ:**
- ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ.

**3.Танзими давлатӣ ва чораҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ:**
- барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандон;
- маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- ҳисоботдиҳӣ дар бораи шуғли аҳолӣ;
- мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ;
- иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар мусоидат ба шуғл;
- тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонидани шаҳрвандони бекор дар субъектҳои индустриалӣ-инноватсионӣ;
- ташкили корҳои ҷамъиятӣ;
- машваратдиҳӣ ва кумаки молиявӣ ба шаҳрвандон оид ба фаъолияти соҳибкорӣ.

**4.Кафолатҳои иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ:**
- кафолати дастгирии иҷтимоии бекорон;
- пардохти кумакпулиҳо барои бекорӣ ва асосҳои тамдиди муҳлати он;
- боздоштан ва қатъ намудани пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ;
- суғурта ҳангоми бекорӣ.

**5.Ҳамкории соҳаи маориф ва бозори меҳнат дар самти тайёр намудани мутахассисон дар чорчӯбаи низоми индустриалӣ-инноватсионӣ:**
- хамкории давлат ва бахши хусусӣ;
- ташкили таҳсилоти касбии мутахассисон бо дарназардошти талаботи бозори меҳнат дар шароити низоми индустриалӣ-инноватсионӣ;
- назорати интихоби довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ;
- ташкили кор вобаста ба қабули таълимгирандагон;
- омӯзиши мақсаднок, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон;
- иштироки корфармоён дар ҷараёни таҳсилоти касбӣ;
- фаъолияти муштарак дар таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии таълимгирандагон;
- мусоидат ба шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ;
- арзёбии мустақили сатҳу сифати таҳсилоти касбӣ;
- маблағгузории низоми таҳсилоти касбӣ ва ҳавасмандгардонии бозори меҳнат.

**Расми 3.3. –** Механизми низоми амалкунандаи танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар чорчӯбаи индустриалӣ–инноватсионӣ.

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси [7] ва [8].

Тавре аз расми 3.3 бармеояд, унсурҳои низоми амалкунандаи танзими давлатии бозори меҳнат дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар алоқамандии

якдигар қарор дошта, яке дигареро пурра менамояд. Унсурҳои низоми мазкур барои ба шуғл фарогирии ҳама гуна захираҳои меҳнатӣ шароитҳои муносибро фароҳам меоваранд. Ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ низ барои рушди бозори меҳнати вилояти Хатлон мусбат арзёбӣ гардида, имконият медиҳад, то ҳама иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ барои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ мусоидат намоянд. Инчунин пиёда гардонидани чораҳои танзими давлатӣ аз тариқи татбиқи барномаҳои давлатӣ, баландбардории сатҳи касбияти шаҳрвандон, расонидани хизматҳои машваратӣ ва ҷалби доираи васеи иштирокчиёни бозори меҳнат ба соҳаи мусоидат ба шуғл метавонанд самаранокии ҷараёни танзими давлатии бозори меҳнати вилояти Хатлонро баланд бардоранд.

Танзими бекорӣ яке аз қисматҳои муҳимми сиёсати ҳифзи иҷтимоӣ маҳсуб ёфта, бо роҳу воситаҳои гуногун дастгирии иҷтимоии бекорон амалӣ карда мешавад. Чораҳои низоми амалкунандаи танзими бозори меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он нисбат ба захираҳои меҳнатие, ки мақоми бекорро гирифтаанд, бетараф нест.

Яке аз омилҳои манфие, ки номувозинатии талаботу таклифоти қувваи кориро дар бозори меҳнат ба вуҷуд меорад, ҳамкории заифи соҳаи маориф ва бозори меҳнат мебошад. Низоми амалкунандаи танзими давлатии бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он аз тариқи чораҳои сиёсати фаъоли шуғл роҳу воситаҳои судмандро барои қавӣ гардонидани ҳамкории соҳаи маориф ва бозори меҳнат дар бар мегирад. Дар сатҳи лозимӣ анҷом додани чораҳои дар қисмати 5-уми расми 3.3 овардашуда имконият медиҳад, то мувозинати бозори меҳнати вилояти Хатлон то андозае ба мутахассисони муосири бо технологияи индустриалӣ–инноватсионӣ фаъолияткунанда таъмин карда шавад.

Бо назардошти дурнамои рушди иқтисодиёти вилояти Хатлон, дар заминаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ панҷ самти стратегии такмили танзими давлатии бозори меҳнатро дар он пешниҳод менамоем:

1. Такмили низоми мониторинг, таҳлил ва пешгӯии бозори меҳнати

вилоят, аз ҷумла:

– рушди механизми мониторинги ҳолати бозори меҳнат бо назардошти технологияҳои муосири иттилоотӣ;

– муайян намудани талаботи соҳаҳои иқтисодиёти вилоят бо кадрҳои баландихтисос ва бо назардошти тағйироти сохтори шуғл дар заминаи рушди иқтисоди инноватсионӣ;

– муайян намудани талабот ва таклифоти потенсиалӣ дар бозори меҳнати вилоят;

– таъмини дастрасии аҳолӣ ва корфармоёни минтақа ба иттилоот оиди ҳолати кунунӣ ва дурнамои фаъолияти бозори меҳнати вилоят.

2. Баландбардории самаранокии чараёни ташаккулёбӣ, ҷалб ва тақсимоти захираҳои меҳнатӣ, аз ҷумла бо роҳи:

– рушди низоми мавқеъгирии касбӣ бо назардошти дурнамои талаботи иқтисодиёти вилоят;

– рушди низоми идоракунии омодакунии кадрҳо дар ҳама зинаҳои таҳсилот, аз ҷумла дар муассисаҳои таҳсилоти касбӣ, инчунин такмили механизми омодакунии кадрҳои баландихтисос, вобаста ба талаботи иқтисодиёти вилоят;

– мусоидат ба рушди шарикии муассисаҳои таҳсилоти касбӣ бо корфармоён аз тариқи таъмини иштироки корфармоён дар ҷараёни ислоҳот ва тағйироти барномаҳои таълимӣ;

– рушди таҳсилоти касбии иловагии аҳолии калонсоли вилоят;

– мусоидат ба коркард ва ҷорӣ намудани стандартҳои касбӣ аз рӯйи касбҳои мувофиқ ба талаботи бозори меҳнати вилояти Хатлон;

– андешидани чораҳо оид ба қонунигардонии шуғли ғайрирасмӣ дар вилоят.

3. Баландбардории самаранокии чораҳо дар самти таъмини шуғли аҳолии минтақаи Хатлон аз тариқи:

– баландбардории сифати хизматрасониҳои мусоидат ба шуғл ва таъмини дастрасии аҳолии вилоят ба онҳо;

– коркард ва ҷорӣ намудани механизми баландбардории самаранокии ҷараёни мусоидат ба интихоби кадрҳо;

– рушди шакл ва методҳои мусоидат ба шуғл, аз ҷумла барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолии вилоят (хатмкунандагони бетаҷриба, шаҳрвандони маъюб ва ғайра)

– мутобиқшавии чораҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ бо назардошти хусусияти бозори меҳнати вилояти Хатлон;

– рушди технологияҳои инноватсионӣ дар бозори меҳнати вилоят.

4. Таъмини сифати ҷойҳои корӣ бо роҳи:

– баланд бардоштани самаранокии чораҳо дар самти рушди инфрасохтори хизматрасониҳои марбут ба меҳнат, аз ҷумла беҳтаркунии шароити меҳнат дар вилояти Хатлон;

– рушди механизми баландбардории сифати ҷойҳои корӣ аз тариқи таъмини ҳифзи меҳнат, баланд бардоштани сатҳи таъминоти иттилоотии корфармоён оид ба ҷолибияти ҷойҳои корӣ барои шаҳрвандони дар ҷустуҷӯи корбуда;

5. Рушди шарикии иҷтимоӣ дар бозори меҳнати вилоят, аз ҷумла:

– баландбардории самаранокии механизмҳои шарикии иҷтимоӣ ва сохтори амалкунанда дар бозори меҳнати вилоят (мусоидат ба шуғл, мавқеъгирии касбӣ, дастгирии иҷтимоӣ ва таъмини шуғли гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ);

– татбиқи чораҳо дар самти баландбардории самаранокии ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии шаҳрвандони вилоят;

– ҷоннок намудани ҳамкории иштироккунандагони бозори меҳнати вилоят (мақомоти шуғли аҳолии минтақаи Хатлон, корфармоён, муассисаҳои таҳсилоти касбии соҳаи маориф ва ғайра);

– ҷалби намояндагони корфармоён, кормандон, инчунин намояндагони соҳаи маориф ва илм бо мақсади коркарди чораҳо дар самти рушди низоми идоракунии бозори меҳнат, таъминоти кадрӣ ва баландбардории самаранокии мусоидат ба шуғли аҳолии вилоят.

Афзалияти самтҳои стратегии болозикр оид ба такмили танзими давлатии бозори меҳнати вилояти Хатлон инҳо маҳсуб меёбанд:

– ҷорӣ намудани чораҳои таъминоти кадрӣ бо назардошти дурнамои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят;

– рушди бозори минтақавии меҳнат;

– истифодабарии максималии захираҳои меҳнатии маҳаллӣ бо назардошти мавқеи касбию тахассусмандии онҳо;

– таъминоти кадрии соҳаҳои заминавии иқтисодиёт ва ҷойҳои кории маҳсулнок.

Татбиқи чораҳои стратегии зикршуда барои таъмини ҳолатҳои зерин мусоидат менамояд:

– таъмини иқтисодиёти вилояти Хатлон бо захираҳои меҳнатии дорои сатҳи касбияти мувофиқ ба талаботи бозори меҳнат;

– истифодабарии босамари захираҳои меҳнатии вилоят;

– баландшавии фаъолнокии иқтисодии аҳолии қобили меҳнат;

– устувор гардидани алоқаи бозори хизматрасониҳои соҳаи маориф ба бозори меҳнати вилоят ва афзоиши талабот ба хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти касбӣ;

– баланд гардидани сатҳи касбияти кадрҳо ва рақобатпазирии онҳо дар бозори меҳнати минтақа (таъмин гардидани мувофиқати сохтор ва сифати омодакунии кадрҳо ба талаботи бозори меҳнат, рушди низоми баландбардории тахассусмандии шаҳрвандони шуғлдоштаи вилоят).

Натиҷаҳои асосие, ки аз татбиқи чораҳои болозикр ба даст оварда мешаванд, инҳо мебошанд:

– афзоиши ҳиссаи кадрҳои баландихтисос дар сохтори захираҳои меҳнатии минтақа;

– баланд гардидани сатҳи шуғли аҳолии фаъоли иқтисодӣ;

– таъмини афзоиши шуғли хатмкунандагони дорои маълумоти олӣ ва миёнаи касбӣ вобаста ба ихтисосҳояшон.

Ҳамин тавр, дар шароити вилояти Хатлон, чун дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ,

ки мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ назар ба ҷойҳои корӣ дида мешавад, татбиқи чораҳои шакли фаъоли танзими бозори меҳнат нисбатан манфиатнок мебошад. Чунки бо сабаби зиёд будани шумораи бекорони минтақаи мазкур дастгирии молиявӣ ва моддии қисми бештари онҳо ғаийриимкон мебошад. Вобаста ба ин, мақомотҳои минтақавӣ оид ба танзими бозори меҳнатро зарур аст, ки диққати худро бештар ба барномаҳои фаъоли мусоидат ба шуғл, аз ҷумла ҷустуҷӯи кор, касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор, инчунин маҳдуд намудани муҳлати мақоми бекории шаҳрвандон равона кунанд, то самаранокии барномаҳои болозикрро таъмин намоянд.

## 3.2. Коркарди консепсияи бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ

Дар шароити муосир пешбурди соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ бе истифодаи техникаю технологияҳои муосири индустриалӣ ва инноватсионӣ ғайриимкон мебошад. Пешрафти имрӯзу ояндаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба рушди фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад. Аз ин рӯ, тамоюли рушди иқтисодиёти кишварҳои алоҳида низ, чун унсури таркибдиҳандаи иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз фаъолияти инноватсионӣ вобаста мебошад.

«Ташаккули муносибатҳои нави иқтисодии бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ворид шудани ин муносибатҳо ба тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла соҳаи муносибатҳои меҳнатӣ, ба соҳае, ки бозори муосири меҳнат ташаккул меёбад ва фаъолияти устувори он асосан аз устувории фаъолияти унсурҳои асосии он: бозори молҳои истеъмолӣ, бозори пул, бозори асъор ва бозори меҳнат муайян карда мешавад, ҳамроҳ мешавад»[89].

Бозори меҳнат, ки қисмати асосии низоми иқтисодӣ дониста мешавад, фаъолияти инноватсионӣ самти афзалиятноки пешрафти он маҳсуб меёбад. Бозтавлиди субъектҳои бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ дар чорчӯбаи консепсияи муосири рушди вилояти Хатлон яке аз масъалаҳои муҳимми стратегӣ дониста мешавад.

Иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ ҷараёни баландсуръати

гузариши соҳаҳои иҷтимоию иқтисодиро аз марҳилаи рушди анъанавӣ ба марҳилаи рушди саноатӣ дар назар дорад. Фаъолияти ин намуди чаҳорчубаи иқтисодӣ дар сатҳи вилояти Хатлон низ дар заминаи техникаю технологияҳои наву замонавӣ (технологияҳои инноватсионӣ) ба роҳ монда мешавад, аз ин рӯ, фаъолияти бозори меҳнати он хусусияти инноватсионӣ-индустриалиро ба худ касб менамояд.

Ҷараёнҳои муосири ҷаҳонишавӣ ҳама соҳаҳои ҳаёти зиндагиро фаро гирифта, ба хусусиятҳои бозори меҳнат ва талаботу таклифоти он таъсир мерасонад. Дар чунин шароит талабот ба коркард ва ҷорӣ намудани технологияҳои нави инноватсионӣ, ки дар замони муосир ҳамчун шакли навини фаъолияти идоракунии захираҳои меҳнатӣ баромад мекунанд, пайдо мегарданд.

Шаклҳои нави муносибатҳои меҳнатӣ – ин маҷмуи дигаргунсозиҳое мебошанд, ки дар низоми муносибатҳои мутақобилаи иқтисодӣ, иҷтимоию равонӣ ва ҳуқуқии раванди фаъолияти меҳнатии субъектҳои бозори меҳнат истифода шуда, тадриҷан паҳн мегарданд. Чунин меҳисобем, ки тафовути муносибатҳои меҳнатии низоми иқтисодии индустриалӣ-инноватсионӣ аз низоми классикӣ дар он ифода меёбад, ки муносибатҳои меҳнатии муосир байни субъектҳои бозори меҳнат бо роҳу усулҳои дар собиқа истифоданашуда танзим карда мешавад.

Ба ақидаи Р.А. Долженко «... шаклҳои нави муносибатҳои меҳнатӣ дар муқоиса бо шакли классикӣ–анъанавӣ бо чунин хусусиятҳо фарқ менамоянд» [19, С. 168-173]: «а) хусусияти тақсимоти даромадҳо ва хатарҳо байни кормандон ва корфармоён; б) амсилаи босамари уҳдадориҳои тарафайн ва кафолати субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ; в) хусусияти барасмиятдарории муносибатҳо ва дастрасӣ ба дигар воситаҳои истеҳсолот ва моликиятдоштаро дар бар мегирад» [116, С. 217-222]. Аз нуқтаҳои зикршуда хулосабарорӣ намуда, чунин қайд карданием, ки зиддиятҳои шакли классикӣ ва муосири муносибатҳои меҳнатӣ дар он ифода меёбанд, ки онҳо табиати иқтисодӣ, ҳуқуқӣ ва иҷтимоии ба худ хосро соҳиб буда, бо ҳамин хусусиятҳо аз якдигар фарқ менамоянд.

Воқеан, бозори меҳнати минтақа низ бояд пурра дар доираи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ амал намояд, бо таъмини зуд тағйирёбӣ муносибатҳои субъектҳои бозори меҳнат ва дар заминаи амали мутақобилаи технологияҳои фосилавӣ аз бозори меҳнати анъанавӣ то андозае тафовут дорад.

Яке аз заминаҳои ташкилии субъектҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ ин фардикунонии муносибатҳои меҳнатӣ маҳсуб меёбад. Хусусан, дар шароити ҷаҳонишавии меҳнат ва устувор гардидани нақши сифатҳои фардии корманд имконияти пайдоиши заминаҳои нисбатан нави ба низоми муносибатҳои меҳнатӣ ворид гардидани субъектҳои бозори меҳнати минтақавӣ ба вуҷуд меояд.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он зарурати мустаҳкамкунии қонунгузории танзими бозори меҳнат, ки ба иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ такя менамояд, пайдо мегардад. Қонунгузории мазкур бояд барои беҳтаркунии сифати меҳнат ва таъмини бозтавлиди қувваи корӣ мусоидат намояд. Қобили қайд аст, ки дар айни замон шакли нави муносибатҳои меҳнатӣ бо асосҳои ниҳодӣ таъмин набуда, ба категорияи шуғли ғайрирасмӣ шомил мебошад, яъне аз назорати давлатӣ то андозае дар канор мондааст.

Аз нигоҳи мо, давлат дар коркарди инфрасохтори бозори меҳнати бар иқтисодиёти инноватсионӣ асосёфта нақши калидӣ дорад. Бунёд ва рушди муҳити иттилоотии бозори меҳнати дорои шакли нави муносибатҳои меҳнатӣ низ дар самти иқтисодиёти инноватсионӣ қадами муҳим дониста мешавад.

Аз мавқеи самаранокии низоми муносибатҳои меҳнатӣ метавон қайд намуд, ки нигоҳ доштан ва истифода намудани амсилаи анъанавии муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳоле имконпазир мебошад, ки агар бартариҳои он нисбат ба норасоиҳояш зиёд бошанд. Барои корманд амал намудани низоми анъанавии муносибатҳои меҳнатӣ дар ҳоле манфиатнок аст, ки агар ҷаҳонбинии он муносибати бепарвоёнаро ба фаъолияти меҳнатӣ ба вуҷуд орад, аз ҷумла: хоҳиши кам кор кардан, гирифтани даромади устувор, сатҳи пасти таваккал, ҳаракатҳои устувор дар бадастории вазифаҳо ва ғайра. Барои корфармо бошад,

низоми мазкур дар сурате манфиатнок диниста мешавад, ки агар дар ихтиёри он басти доимии кормандони баландихтисос, кордон ва кормандоне, ки хоҳиши тағйир додани ҷойи корӣ ва касби худро надоранд, мавҷуд бошад.

Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи шакли нави муносибатҳои меҳнатӣ чандирӣ будани муносибатҳои мазкур дар натиҷаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ мебошад. Дар шароити кунунӣ хусусияти муносибатҳои меҳнатиро чаҳорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ- инноватсионӣ муайян менамояд. Ба ин хусусиятҳо фардикунонии муносибатҳои меҳнатӣ, аз байн рафтани хусусияти меҳнати анъанавӣ дар натиҷаи ҷаҳонишавии меҳнат, устувор гардидани нақши сифати фардии корманд, афзалият доштани донишу малакаҳои навоваронаи захираҳои меҳнатӣ дохил мешаванд. Оид ба ин масъала иқтисодчии ватанӣ Д.А. Ҳодиев қайд менамояд, ки «... барои он ки шахс дар оянда зиндагии арзандаро соҳиб бошад, пас онро мебояд, ки дорои дониши баланди касбӣ, дараҷаи хуби саломатӣ, сифатҳои баланди касбӣ ва қобилияти навоварона дошта бошад» [176, С.27]. Ба ақидаи мо, кормандон зиндагии арзандаро, пеш аз ҳама, вақте соҳиб мегарданд, ки аввалан, онҳо солим бошанд, баъдан, касби худро дӯст дошта бошанд ва дар охир, қобилияти баланди зеҳнӣ дошта, пешниҳодҳои инноватсионӣ карда тавонанд ва дар ниҳоят, барои худ шароити корӣ муҳайё карда тавонанд.

Ҳамин тавр, шаклҳои нави муносибатҳои меҳнатӣ дар иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои наву замонавӣ, ки ба талаботи бозори меҳнати муосир ҷавобгӯй аст, ташаккул ёфта, рушд менамоянд.

Дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ субъектҳои бозори меҳнати минтақавӣ заминаҳои бавуҷудоии хосро доранд. Яъне субъектҳои бозори меҳнат дар шароити пешрафти илму техника бештар аз ҳисоби кормандон, вобаста ба донишҳои муосири инноватсионӣ, синну сол ва ҷинс, ташаккул меёбанд. Ҷорӣ намудани инноватсия дар инфрасохтори иқтисодӣ, аз як тараф, боиси ихтисори шуғли захираҳои меҳнатӣ, хусусан байни кормандони пасттахассус ва аз тарафи дигар, зарурати бозомӯзии кормандон

ва ё ба дигар кор интиқол ёфтани онҳоро ба вуҷуд меорад. Дар чунин шароит ба сифати субъектҳои фаъоли бозори меҳнат марказҳои бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандон баромад менамоянд, чунки дар вазъияти ҷойдошта онҳо сатҳи касбияти қувваи кориро ба талаботи бозори меҳнат мувофиқ намуда, сатҳи бекориро коҳиш медиҳанд. Бо мақсади ҳалли мушкилоти дар рафти гузариш аз низоми муносибатҳои меҳнатии шакли анъанавӣ ба шакли нав пайдошаванда зарур мешуморем, ки бозори хизматрасониҳои соҳаи маориф, хусусан макотиби олӣ, мутахассисони ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнати минтақавии дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ амалкунандаро омода намоянд.

Воқеан, инноватсия ба талаботи иқтисодиёт ва ба қувваи корӣ тағйироти ҷиддӣ ворид менамояд, ки дар натиҷа тағйирот ба сохтори талаботи қувваи корӣ ва шарҳи характери қувваи кориро талаб менамояд.

Дар ҳар як шароити иқтисодӣ бозори меҳнат хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ низ унсурҳои фаъолияти бозори меҳнати вилояти Хатлон бояд муносибатҳоеро дар бар гирад, ки миёни доираи муайяни субъектҳои иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд (расми 3.4).




**Расми 3.4.** – Унсурҳои фаъолияти бозори меҳнати вилояти Хатлон дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ.

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси [49,С. 248].

Бо назардошти муносибати талабот ва таклифот дар бозори меҳнат, ки дар расми 3.4 оварда шудааст, 3 хусусияти асосии бозори меҳнатро метавон аз ҳам фарқ намуд: а) бозори меҳнате, ки дар он таклифоти меҳнат нокифоя мебошад; б) бозори меҳнате, ки дар он шумораи зиёди бекорон (барзиёдии меҳнат) ҷой дорад; в) бозори меҳнати мутавозин, ки дар он мувофиқати талаботу таклифоти меҳнат дида мешавад.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он, аз ҷумла вилояти Хатлон намуди 2-юми бозори меҳнат, яъне бозори меҳнати дорои барзиёдии қувваи корӣ нисбат ба ҷойҳои корӣ фаъолият менамояд. Аз ин рӯ, механизми идоракунии он дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ бояд тавре бошад, ки барои ҳалли мушкилоти таъсиси ҷойҳои корӣ, баланд бардоштани сатҳи касбияти қувваи корӣ ва дар натиҷа таъмини тавозуни талаботу таклифоти бозори меҳнат мусоидат намояд.

Дар шароити рушди иқтисодиёти рақамӣ, прогресси илму техника ва пешрафти фаъолияти инноватсионӣ яке аз шаклҳои нисбатан фаъоли таъмини шуғли аҳолӣ худмашғулӣ маҳсуб меёбад. «Сармояи инсонӣ як захираи калидӣ дар иқтисодиёти рақамӣ мебошад, зеро роботҳо дар аксари ҳолатҳо меҳнати муқаррарии инсониро иваз мекунанд, ки ба шахс имкон медиҳад, ки танҳо ба кори зеҳнии эҷодӣ машғул шавад. Инчунин дараҷаи маълумотнокӣ, маҳорати касбӣ, қобилияти омӯзиш ва эҷодкорӣ аҳамияти калон дорад»[152]. Вобаста ба ин, аз нигоҳи мо, таъмини шароити мусоид баҳри рушди ин шакли таъмини шуғл барои ҳалли мушкилоти бекорӣ дар вилояти Хатлон мусоидаткунанда хоҳад буд.

Рушди бозори меҳнат дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ аз имкониятҳои молиявии субъектҳои муносибатҳои молиявӣ вобаста мебошад. Вобаста ба ин, дастгирии молиявии субъектҳои бозори меҳнат аз тариқи истифодаи захираҳои сармоягузории дохилӣ ва берунӣ зарур мебошад.

Дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ асосҳои рушди бозори меҳнат, пеш аз ҳама, ба навгониталабии инфрасохтори бозори меҳнат

вобаста мебошад. Яъне ҳар қадар неруи инноватсионии соҳа устувор бошад, ҳамон қадар имконияти бештари афзоиши субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ пайдо мегардад ва баръакс. Бо назардошти ин гуфтаҳо, рушди фаъолияти инноватсионии объектҳои ба шуғл фарогирандаи вилояти Хатлон заминаи асосии ташкили субъектҳои бозори меҳнати минтақа маҳсуб меёбад.

Дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ ба сифати заминаҳои рушди бозори меҳнати вилоят имкониятҳои ташаккул ва рушди фаъолияти инноватсионӣ маҳсуб меёбанд. Вобаста ба ин, дар иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ яке аз шартҳои муҳим бо донишҳои инноватсионӣ таъмин будани субъектҳои бозори меҳнати вилоят ва таъмини инфрасохтори бозори меҳнати вилоят бо техникаю технологияҳои инноватсионӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин радиф, бо мақсади рушди инноватсионии бозори меҳнати ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он, аз ҷумла вилояти Хатлон зарур мешуморем, то ҳаҷми хароҷоти буҷетӣ ба соҳаи маориф ва илм афзоиш дода шавад.

Дар натиҷаи рушди иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ дар бозори меҳнат мафҳуми неруи инноватсионии меҳнат рӯйи кор меояд. Неруи инноватсионии меҳнат қобилияти қувваи кориро оид ба коркарди амалӣ ва татбиқи инноватсия дар назар дорад, ки дар натиҷаи баландшавии донишҳои касбӣ ва ақидаҳои нави захираҳои меҳнатӣ ба вуҷуд омада, имконияти таъмини рақобатпазириро дар сатҳи макро, микро ва мезоиқтисодиёт дорад. Неруи инноватсионии меҳнатӣ барои ноилгардӣ ба баландшавии сатҳи технологии соҳаҳои иқтисодиёти вилоят мусоидат менамояд.

Тағйироти мусбати иқтисодиёти вилояти Хатлон ва дар ин замина, рушди фаъолияти индустриалӣ-инноватсионӣ талабот ба сифати шахсӣ, сифати неруи кадрӣ ва тағйироти сифатии муносибатҳои меҳнатиро дар бозори меҳнати минтақа ба вуҷуд меорад. Д.А. Ҳодиев дар ин радиф чунин мавқеи илмӣ дорад: «... сифатҳои шахс, ки сармояи умумии инсониро ташкил медиҳанд, барои иқтисодиёти инноватсионӣ аҳаммияти хосса доранд» [152, С.32-38]. Дар қисмати зиёди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии вилояти Хатлон, ки то як андоза

ҳоло ҳам сатҳи ғайриқаноатбахши рушди технологӣ дида мешавад, имкониятҳои пайдоиши субъектҳои бозори меҳнат дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ то дараҷае ба талабот ҷавобгӯй намебошанд.

Ба ақидаи мо, рушди бозори меҳнати вилояти Хатлон дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ замоне таъмин мегардад, ки агар баробари пешрафти фаъолияти инноватсионӣ сатҳу сифати неруи кадрӣ низ баланд бардошта шавад. Яъне, кормандони соҳаи маориф, махсусан муаллимони боғчаҳо, муассиссаҳои таҳилоти миёна ва олӣ худашон бояд дониши кофӣ дошта бошанд, то ки мутахассисони кордонро ба талаботи бозори меҳнат омода карда тавонанд. Ҳамчунин бо мақсади ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектҳои амалкунандаи бозори меҳнати вилояти Хатлон дар иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ танзими бозори меҳнатро зарур мешуморем.

Бозори меҳнат соҳае мебошад, ки бояд аз имкониятҳои инноватсионӣ беш аз пеш истифода намояд. Аммо, бо иллати дар сатҳи зарурӣ истифода накардани афзалиятҳои инноватсионӣ ва ба таври қаноатбахш ноил нагаштан ба натиҷаҳои мусбати он, дар соҳаҳои гуногуни иқтисодию иҷтимоӣ, аз ҷумла бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва манотиқи он сатҳи рушди бозори меҳнат дар муқоиса ба дигар кишварҳое, ки оид ба шохиси ҷаҳонии инноватсия мавқеи қавӣ доранд, ноустувор мебошад. Шохиси ҷаҳонии инноватсия дар асоси захираҳои дар ихтиёрдошта ва шароити истифодабарии инноватсия, инчунин натиҷаҳои амалии бадастовардашуда аз фаъолияти инноватсионии кишварҳо ҳисоб карда мешавад. Шохиси ҷаҳонии инноватсия дар соли 2025 барои кишварҳои ҷаҳон дар ҷадвали 3.1. оварда шудааст.

Аз маълумоти ҷадвали 3.1. бармеояд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи шохиси инноватсия дар байни 139 давлати ҷаҳон бо ишғоли индекси 20,2 дар ҷойи 108-ум қарор дорад. Дар шароити кунунӣ, ки дурнамои рушди бозори меҳнат ва объектҳои ба шуғл фарогирандаро афзалиятҳои инноватсионӣ муайян менамоянд, бинобар ин, дар чунин сатҳ қарор доштани инноватсия то андозае рушди бозори меҳнат ва дар маҷмуъ, суръати рушди иқтисоди миллиро коҳиш медиҳад.

Ҷадвали 3.1. – Радабандии кишварҳои ҷаҳон аз рӯйи шохиси инноватсия

| Ҷой | 2025 | Индекс |
|---|---|---|
| 1 | Шветсария | 66,0 |
| 2 | Шветсия | 62,6 |
| 3 | ИМА | 61,7 |
| 20 | Норвегия | 49,2 |
| 21 | Белгия | 48,5 |
| 22 | Австралия | 48,0 |
| 60 | Россия | 30,3 |
| 79 | Узбекистон | 26,5 |
| 81 | Қазоқистон | 26,3 |
| 85 | Белорусия | 25,1 |
| 106 | Бангладеш | 21,0 |
| 107 | Непал | 20,2 |
| **108** | **Ҷумҳурии Тоҷикистон** | **20,2** |
| 109 | Лаос | 20,1 |
| 111 | Боливия | 19,6 |
| 139 | Нигер | 11,9 |

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар [31].

Ба ақидаи Е.С. Исакова «... ба воситаҳои инноватсионие, ки дар бозори меҳнат мавриди истифодаи васеъ қарор мегиранд, аслан бозиҳои компютерии роҳнамоии касбӣ; сомонаҳое, ки оид ба муассисаҳои соҳаи маориф, касбҳо, мақолаҳои муфид, раддабандии донишгоҳҳо ва касбҳо (тахассусҳо), инчунин натиҷаи ҳамкории муассисаҳои соҳаи маориф ва бозори меҳнат иттилооти зарурӣ доранд; каталогҳои электронии ҷойҳои кори холӣ мансуб мебошанд» [105, С. 187-188]. Баъзе аз воситаҳои зикршуда дар шароити бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд, аммо ҷорӣ намудани қисмати зиёди онҳо, таъмини фаъолнокӣ ва мутобиқ намудани мутахассисони ҷавони бозори меҳнати вилояти Хатлонро ба технологияҳои инноватсионӣ талаб менамояд. Бо назардошти ҳолати ҷойдошта, муҳим аст, то дар сатҳи минтақаҳо нуктаҳои машваратдиҳӣ таъсис дода шуда, дар ин самт тренинг ва семинарҳо низ ташкил карда шаванд. Аз нигоҳи мо,

андешидани чораҳои мазкур имконият медиҳад, то дар шароити истифодаи технологияҳои инноватсионӣ шуғли хатмкунандагони макотиби олӣ таъмин карда шавад.

Бозиҳои компютерии роҳнамоии касбӣ амсиласозии ҷараёни интихоби касбҳо ва омодагии қувваи корӣ аз ҳисоби ҷавонон ба интихоби касбро дар бар мегирад. Нашри электронии радабандии муассисаҳои олии касбӣ ва касбҳо (ихтисосҳо) низ дар миёни технологияҳои инноватсионӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Истифодаи раддабандии мазкур имконият медиҳад, то ба сатҳу сифати омодакунии кадрии муассисаҳои соҳаи маориф баҳодиҳӣ намоем. Раддабандии касбҳо ва ихтисосҳо имконият медиҳад, то касбу ихтисосҳои дар бозори меҳнат талаботнадошта ихтисор карда шуда, хароҷоти омодакунии кадрҳо аз рӯйи онҳо кам карда шавад. Бозиҳои корӣ низ, ҳамчун намуди технологияҳои инноватсионӣ, барои амсиласозии шароитҳои гуногуни фаъолияти касбӣ аз тариқи омӯзонидани технологияҳои навини фаъолияти касбии оянда мусоидат менамоянд.

Татбиқи усули инноватсионии идоракунии бозори меҳнати минтақа такмили низоми идоракунии давлатиро низ талаб менамояд. Дар чунин шароит, бо назардошти мақсадҳои стратегии соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, мушкилоти таъсиси ҷойҳои нави корӣ, вазъи демографӣ ва дар маҷмуъ, тағйироти сохтор ва сифати қувваи кории минтақа дар мувофиқа бо талаботи иқтисоди инноватсионӣ аҳаммияти рушди сармояи инсонӣ бо маротиб меафзояд.

«Сармояи инсонӣ муҳтавои дониш ва қобилияти эҷодӣ, инчунин, малакаҳо ва қобилиятҳо, сатҳи саломатӣ, сифатҳои шахсӣ ва ҳавасмандгардонӣ, ки тавассути сармоягузориҳо дар соҳаи маориф, омӯзиши касбӣ ва техникӣ, ҳифзи саломатӣ, муҳоҷират ва таълими кӯдакон ҷамъ оварда шуда, бо мақсади даромад дар оянда истифода мешавад» [176].

Воқеан, дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ муносибатҳои меҳнатие, ки миёни субъектҳои бозори меҳнати вилояти

Хатлон ба вуҷуд меоянд, дар муқоиса бо низоми анъанавии иқтисодиёт нисбатан фарқкунанда мебошанд. Вобаста ба ин, афзалият ва норасоии муносибатҳои меҳнатии бозори меҳнати вилоят дар робита бо субъектҳои асосии он (корманд, корфармо, давлат), ҳамчун консепсияи дарбаргирандаи як қатор афзалиятҳо ва норасоиҳои муносибатҳои субъектҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон дар иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ мебошанд. Консепсияи мазкур дарбаргирандаи се субъекти ба ҳам алоқаманди муносибатҳои меҳнатӣ дар бозори меҳнат буда, он иборат аз ду ҷараён афзалиятҳо ва норасоиҳо мебошад. Он дар заминаи такмили Кодекси меҳнати ҷумҳурӣ дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ мавриди омӯзиш пешниҳод карда мешавад. Ин консепсия муносибатҳои нави меҳнатӣ, махсусан соҳибкории хусусӣ ва тарзи ташкили меҳнатро дар бозори меҳнат фаро мегирад (ҷадв. 3.2).

**Ҷадвали 3.2.** – Консепсия оид ба афзалиятҳо ва норасоиҳои муносибатҳои субъектҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон дар иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ

| **Субъектҳои бозори меҳнат** | **Афзалиятҳо** | **Норасоиҳо** |
|---|---|---|
| **Корманд** | 1. Кафолати ҳаҷми муайяни даромадҳо (корфармо ӯҳдадор аст музди меҳнати кормандро новобаста аз мавҷудият ва ҳаҷми фоида пардохт намояд. (Муқаррароти моддаи 140-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон);<br>2. Маҷмуи муайяни имтиёзҳои иҷтимоӣ вобаста ба имкониятҳои корфармо (Муқаррароти моддаҳои 334,335,340-уми Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон);<br>3. Дурнамои пешрафти корманд вобаста ба марҳилаҳои муваффақияти касбӣ. | 1. Маҳдудияти озодиҳо бахри ноилгардӣ ба манфиатҳои шахсӣ ва касбӣ;<br>2. Зарурати риояи муқаррароти корфармо новобаста аз таъсири он ба натиҷаҳои меҳнат;<br>3. Мавҷуд набудани имкониятҳои идоракунии сатҳи даромадҳои худӣ аз ҷониби корманд (сатҳи даромадҳои корманд аз бисёр ҷиҳат ба ҷойи кори ишғолнамудаи он вобаста мебошад на ба худи корманд);<br>4. Ҳудудгузории нисбатан баланди даромадҳо байни гурӯҳҳои мухталифи аҳолӣ (захираҳои меҳнатӣ);<br>5. Норасоии кадрҳои дорои таҷриба ва тафаккури баланди зеҳни инноватсионӣ бо сабаби кӯчиши онҳо ба хориҷи кишвар. |

*Давоми ҷадвали 3.2.*

| | | |
|---|---|---|
| **Корфармо** | 1. Мавҷудияти шумораи муайяни кормандони боэътимод дар доираи уҳдадориҳое, ки дастурамали вазифавӣ пешбинӣ намудааст;<br>2. Имконияти ба кор қабул намудани кормандоне, ки ба талаботи корфармо мувофиқ буда, ихтисоси худро такмил дода, бозомӯзӣ ва пешрафти касбӣ менамоянд;<br>3. Мавҷудияти имконияти ташаккули фарҳанги муайян байни кормандони корхона;<br>4. Фаъолияти қонунии доираи васеи кормандон имконият медиҳад, то ҳосилнокии меҳнат бо харҷи ками пардохти меҳнат баланд бардошта шавад. | 1. Хароҷоти нисбатан зиёд барои пардохти он вазифаҳое, ки иҷрои онҳо ба корфармо манфиат надорад инчунин хароҷот барои пардохти кафолати иҷтимоӣ;<br>2. Маҳдудияти имконияти идоракунии самаранокии кори кормандон;<br>3. Сатҳи пасти чандирияти муносибатҳои меҳнатӣ, аз ҷумла: мушкил будани радкунии вазифаҳои барзиёд, имкониятҳои маҳдуд барои аз кор озод намудани кормандони беташаббус, заиф будани кормандон дар раванди фаъолияти инноватсионии корхона;<br>4. Хатари маҳдуд гардидани рафтори қонунии кормандон, сифати пасти иҷрои корҳо ва ба миён омадани хатари талафи сармоягузориҳо ба сармояи инсонӣ;<br>5. Дар сатҳи зарурӣ истифода карда натавонистани имкониятҳои инноватсионии идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ. |
| **Давлат** | 1. Устувории нишондиҳандаҳои бозори меҳнати вилоят, тағйироти назарнораси сатҳи бекорӣ ва кафолати шуғл барои қисми зиёди аҳолии қобили меҳнат;<br>2. Таъминоти устувори гардиши пули нақд аз ҳисоби ҳисобкуниҳои андозӣ, ки дар навбати худ маблағгузории нафақаи давлатӣ ва таъминоти иҷтимоиро ба вуҷуд меорад. | 1. Дар сатҳи зарурӣ омода набудани санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими муносибатҳои меҳнатӣ;<br>2. Мавҷудияти хатари рушди муноқишаҳо байни субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ (кормандон ва корфармоён), ки метавонад ба дигар соҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ шиддатро ба вуҷуд орад;<br>3. Мавҷудияти хатари рафтори созишкорона, ки дар натиҷа субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ (аз ҷумла корфармо) мумкин аст уҳдадориҳои шартномавиро вайрон кунанд;<br>4. Сатҳи нисбатан пасти масъулияти мақомоти танзимкунандаи муносибатҳои меҳнатӣ;<br>5. Маблағгузории нокифоя барои бунёди инфрасохтори инноватсионӣ дар бозори меҳнат ва пешбурди фаъолияти босамари субъектҳои танзими бозори меҳнат;<br>6. Дар сатҳи зарурӣ истифода карда натавонистани имкониятҳои инноватсионии танзими бозори меҳнат. |

**Манбаъ:** Коркарди консепсияи муаллифӣ дар асоси [4].

Тавре аз маълумоти ҷадвали 3.2 бармеояд, норасоиҳои муносибатҳои субъектҳои бозори меҳнати вилояти Хатлон дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ нисбат ба афзалиятҳои он зиёд мебошанд. Дар шароити ҳукумфармо будани иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ мазмун ва характери меҳнат нисбатан тағйир ёфтааст, ки ҳолати мазкур ҳамоҳангсозии унсурҳои низоми бозори меҳнатро тақозо менамояд.

Дар инфрасохтори иқтисодии ҷумҳурӣ, алалхусус вилояти Хатлон, ки фаъолияти инноватсионӣ дар марҳилаи нави рушдёбӣ қарор дорад, баландбардории самаранокии фаъолияти бозори меҳнат ташаккулёбӣ ва татбиқи стратегия ва сиёсати навинро талаб менамояд. Дар чунин вазъият, аз нигоҳи мо, зарур аст, то стратегияи шуғли аҳолӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ ва вилояти Хатлон татбиқ карда шуда, воситаҳои танзимкунандаи муосири ҳуқуқӣ рӯйи кор оянд. Ҳуҷҷатҳои мазкур дар ҳоле ба манфиати рушди бозори меҳнат буда метавонад, ки агар онҳо ҳуқуқ, имтиёзҳо ва ҳифзи иҷтимоии кормандонро таъмин карда тавонанд. Бо мақсади маҳдуд намудани хавфу хатари фаъолияти бозори меҳнати муосир ва таъсири манфии он ба иқтисодиёти минтақа коркард ва ҷорӣ намудани стратегияи омодакунии кадрҳои нави касбиро барои иқтисодиёти миллӣ ва иқтисодиёти вилояти Хатлон зарур мешуморем.

Заминаи асосии ташаккулёбии субъектҳои бозори меҳнати минтақа дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ маҷмуи муносибатҳо оид ба мутобиқгардонии муносибатҳои меҳнатии бозори меҳнати анъанавӣ ба бозори меҳнати муосир мебошад. Нақши калидиро дар мутобиқгардонии муносибатҳои меҳнатӣ ниҳодҳои бозори меҳнат мебозанд. Ба сифати ниҳодҳои мазкур Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва муассисаҳои он, ба монанди донишгоҳу донишкадаҳо, коллеҷҳо, марказҳои касбомӯзӣ ва ғайра дохил мешаванд. Дар ҳоле ки соҳаи маориф барои мутобиқгардонии муносибатҳои меҳнатӣ ба низоми муосир нақши марказӣ дорад, вобаста ба ин, таъмини кадрҳои ҷавобгӯй ба низоми фаъолияти инноватсионӣ ва ҷалби сармояро барои ташаккули заминаҳои моддӣ-

техникии инноватсионии муассисаҳои соҳа зарур мешуморем. Роҷеъ ба ин ҷиҳат, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ишора шудааст, ки «....дар бозори меҳнат корфармоён норасоии малакаҳои касбӣ ва сифати пасти таҳсилоти довталабони ҷойи корро қайд мекунанд» [15, С. 28].

Ҳамгирой дар соҳаи маориф, илм ва истеҳсолот барои рушди фаъолияти инноватсионии иқтисодиёти вилояти Хатлон ва навсозии бозори меҳнати он нақши калидӣ дорад. Аз ин рӯ, дар шароити иқтисоди инноватсионӣ фаъолияти муштараки муассисаҳои илмию таълимӣ ва субъектҳои иқтисодӣ, аз ҷумла соҳибкорон дар самти истифодаи таҷрибаи пешрафтаи соҳаи тиҷорат, банақшагириҳои стратегӣ, татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва омодакунии кадрҳои ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнати инноватсионӣ мунтазам ба роҳ монда шавад.

Ҷорӣ намудани навгониҳои рақамӣ дар бозори меҳнат боиси пайдо гардидани ҷойҳои нави корӣ аз ҳисоби касбҳои ҷадид ва мувофиқ ба иқтисодиёти инноватсионӣ-рақамӣ мегардад. Ҳолати мазкур зарурати омодакунии захираҳои меҳнатиро дар доираи касбҳои нисбатан нав, ки ба талаботи бозори меҳнати инноватсионӣ мувофиқ мебошад, ба миён меорад. Дар шароити кунунӣ, ки талабот ба касбҳои IT-соҳа (соҳаи технологияҳои иттилоотӣ) зиёд шуда истодааст, зарурати рушди касбҳои мазкур пеш меояд. Ҳиссаи захираҳои меҳнатии дорои донишҳои инноватсионӣ дар маҷмуи захираҳои меҳнатии бозори меҳнати вилоят аз фаъолияти инноватсионии иқтисодиёти минтақа ва ҷумҳурӣ вобаста мебошад.

Дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ талаботи нисбатан навин барои субъектҳои бозори меҳнати вилоят пайдо мешавад. Дар низоми иқтисоди инноватсионӣ захираҳои меҳнатӣ чун шахсиятҳои инноватсионӣ баромад намуда, бояд қобилият ва омодагӣ ба таҳсилоти мунтазам; такмили доимии сатҳи касбият ва бозомӯзӣ; майлу рағбат ба донишҳои навин; қобилият ва омодагӣ барои рафъи хавфу хатарҳо, инчунин омодагӣ барои амалкард дар муҳити рақобати шадидро дошта бошанд.

Дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ шуғл ва бекорӣ хусусиятҳои хоси худро доранд, ки муҳимтаринашон инҳо мебошанд: а) афзалияти ҷиҳатҳои сифатии бекорӣ; б) номуайянии ҳудуди бекорӣ ва шуғл; в) суръати баланди афзоиши бекорӣ миёни қувваи кории пасттахассус; г) тағйир ёфтани таносуб байни ҷузъҳои бекории анъанавӣ; ғ) пайдоиши навъҳои нави бекорӣ; д) ғайриимкон будани ҳалли мушкилоти бекорӣ бо сабаби норасоии ҷойҳои корӣ; е) аз таъсиси ҷойҳои корӣ ва сатҳи пасти фаъолияти иқтисодии захираҳои меҳнатӣ вобаста будани мушкилоти бекорӣ.

Яке аз субъектҳои нисбатан фаъоли бозори меҳнат дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ захираҳои меҳнатие мебошанд, ки аз тариқи худмашғулӣ амал менамоянд. Дар шароити зикршуда ин гурӯҳи қувваи корӣ бештар дар сомонаҳои интернетӣ ба фаъолияти хизматрасонӣ машғул мебошанд.

Тибқи ақидаи Ҳодиев «... рушди сармояи инсонӣ заминаи асосии рушди иқтисодиёти инноватсионӣ буда, имкониятҳои зиёди амалисозии эҷодиёт, ихтироот ва тавонмандиву ҳунарҳои нотакрори инсонро доро аст. Аз ҷониби дигар, иқтисодиёти инноватсионӣ дар навбати худ муҳити созандаи касбиву ҳунарӣ, имконоти васеи амалисозии истеъдоду тавонмандии касбиву ҳунарии ташаккулёбии сармояи инсонӣ мебошад. Ин ду равиш бо ҳам алоқамандии зич дошта, ҳам рушди сармояи инсонӣ ва ҳам рушди иқтисодиёти инноватсиониро таъмин сохта, пойдевори рушди иқтисоди миллӣ дар шароити муосир ба ҳисоб меравандӣ» [152].

Ҳамин тавр, аз нигоҳи мо, дурнамои рушди бозори меҳнат дар шароити пешрафти инноватсионӣ аз бунёди низоми инноватсияи миллӣ вобаста мебошад. Бозори меҳнати минтақавии шакли муосир бо назардошти рафтори нави субъектҳои бозори меҳнат, ки қобилияти инноватсиониро доро мебошад, ташаккул ва рушд меёбад. Бозори меҳнат дар низоми иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ хусусиятҳои ба худ хосро соҳиб мебошад. Аз ин рӯ, субъектҳои бозори меҳнатро зарур аст, ки бо назардошти сохтор ва шакли мунтазам тағйирёбандаи шуғл; шаклҳои нави ташкили меҳнат ва услубҳои

идоракунии шуғл; хусусияти фаъолияти институтҳои нисбатан нави шуғли аҳолии минтақа; инчунин механизмҳои нисбатан нави ҳавасмандгардонии кормандон дар самти меҳнати инноватсионӣ фаъолияти худро ба роҳ монанд.

Иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ, на танҳо боиси тағйироти сохтори шуғл мегардад, инчунин боиси он мешавад, ки талабот ба захираҳои меҳнатӣ ва таклифот ба он тағйир ёбад. Ҳолати мазкур талаботи бозори меҳнатро ба мутахассисони меҳнати зеҳнӣ зиёд намуда, барои баландбардории самараи меҳнат мусоидат менамояд.

Дар иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ неруи инноватсионии меҳнати вилоят дар заминаи муҳити дохилӣ ва берунӣ ташаккул меёбад (расми 3.5).

**НЕРУИ ИННОВАТСИОНИИ МЕҲНАТ ДАР ВИЛОЯТ**

| **МУҲИТИ ДОХИЛӢ** | **МУҲИТИ БЕРУНӢ** |
| --- | --- |
| – сатҳи рушди неруи меҳнатии объектҳои бо шуғл фарогир дар вилоят;<br>– устувории молиявию иқтисодии объектҳои бо шуғл фарогири вилоят;<br>– сатҳи муҷаҳҳазгардонии техникии объектҳои бо шуғл фарогир дар вилоят;<br>– мавҷудияти шартномаҳои басташуда дар сатҳи вилоят;<br>– стратегияи рушди инноватсионии субъектҳои иқтисодии вилоят;<br>– идоракунии неруи инноватсионии меҳнати субъектҳои иқтисодии вилоят;<br>– фаъолнокии бизнес-инкубаторҳо, ки барои соҳибкорони вилоят шароити меҳнати инноватсиониро таъмин мекунанд (рушди соҳибкории инноватсионӣ);<br>– сатҳи рушди заминаҳои технологияҳои инноватсионӣ дар бозори меҳнати вилоят;<br>– фаъолнокии корфармоёни минтақа барои азхудкунии лоиҳаҳои инноватсионӣ;<br>– сатҳи рушди сармоягузории фаъолияти инноватсионӣ дар вилоят;<br>– неруи пуриқтидори захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби ҷавонон дар пешбурди фаъолияти инноватсионии бозори меҳнати вилоят;<br>– дастгирии давлатии субъектҳои бозори меҳнати вилоят, ки дар соҳаҳои инноватсионӣ шуғли аҳолиро таъмин мекунанд. | – ҷаҳонишавӣ ва ҳамгироии ҷараёнҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ;<br>– навкунӣ ва таъминоти иттилоотии ҷараёнҳои истеҳсолӣ;<br>– сиёсати давлатӣ дар соҳаи маориф ва илм;<br>– сиёсати давлатӣ дар соҳаи инноватсия;<br>– сиёсати давлатии рушди соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ;<br>– сатҳи рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ;<br>– сатҳи рушди неруи меҳнатии кишвар;<br>– фаъолнокии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар идоракунии ҷараёнҳои инноватсионии бозори меҳнат;<br>– дар доираи СМР барои давраи то соли 2030 бунёд намудани инфрсохтори иқтисодии инноватсионӣ. |

**Расми 3.5.** Неруи инноватсионии меҳнат дар вилояти Хатлон.
**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси [49, С. 248].

Тавре аз маълумоти расми 3.5 дида мешавад, неруи инноватсионии меҳнат дар сатҳи вилояти Хатлон зери таъсири шароиту омилҳои гуногун ташаккул меёбад. Муҳити дохилӣ имконият медиҳад, ки фаъолияти иноватсионӣ дар ҳудуди вилоят, яъне дар сатҳи объектҳои иҷтимоию иқтисодӣ рушд намояд. Муҳити беруние, ки барои ташаккули неруи инноватсионии меҳнат дар вилоят мусоидат менамояд, ба сиёсати сатҳи давлатӣ вобаста мебошад. Аз нуқтаҳои зикршуда чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки татбиқи сиёсати фаъоли сатҳи вилоят ва ҷумҳурӣ имконият медиҳад, то дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ субъектҳои дорои донишҳои инноватсионӣ ба бозори меҳнати вилоят ворид шаванд.

Ҳамин тариқ, дар натиҷаи таҳқиқи заминаҳои рушди бозори меҳнати вилоят дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ хусусиятҳои шакли нави муносибатҳои меҳнатӣ муайян ва ошкор карда шуд, аз ҷумла сатҳи баланди чандирияти муносибатҳои меҳнатӣ дар натиҷаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ; фардикунонии муносибатҳои меҳнатӣ; аз байн рафтани хусусияти меҳнати анъанавӣ дар натиҷаи ҷаҳонишавии меҳнат ва устувории нақши сифати фардии корманд ва дигар хусусиятҳои муҳим.

## 3.3. Такмили механизми идоракунии бозори меҳнати минтақа дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ

Бозори меҳнати вилояти Хатлон зери таъсири низоми идоракунии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ, ки миёни корманд ва корфармо, ҷараёнҳои бозтавлиди қувваи корӣ ва истифодабарии неруи меҳнатию захираҳои меҳнатии минтақа амал менамояд, фаъолият мекунад. Дар низоми индустриалӣ-инноватсионии ҷумҳурӣ, алалхусус вилояти Хатлон, яке аз мушкилотҳои асосии низоми идоракунии бозори меҳнат дараҷаи нисбатан ғайриқаноатбахши ҷолибияти сармоягузории инфрасохтори иҷтимоию иқтисодии минтақа маҳсуб меёбад. Ҷой доштани ҳолати мазкур рушди ноустувори соҳаҳои иқтисодӣ, сифати нисбатан пасти захираҳои меҳнатӣ ва ихтисори шумораи онҳоро ба вуҷуд овардааст.

Ҳалли мушкилоти мавҷуда амалкарди механизми воқеии ҷалби сармоягузориҳои давлатӣ ва хусусиро ба рушди бозори меҳнати вилоят талаб менамояд.

«Дар шароити кунунии тағйирёбии низоми иҷтимоию иқтисодӣ, муайян кардани роҳҳо ва усулҳои ҳалли масъалаҳои муҳими рушд дар минтақаҳои кишвари мо барои бисёре аз иқтисоддонҳо - ҳам олимон ва ҳам мутахассисон - мавзӯи таҳқиқот мегардад. Масъалаи муайян кардани ҳадафҳо, вазифаҳо ва усулҳои татбиқи сиёсати минтақавии давлатӣ, инчунин нақши давлат ва муассисаҳои гуногун дар ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, ки дар минтақаҳо дар давраи гузариш ба шароити иқтисоди бозорӣ ба миён омадаанд, махсусан баҳсбарангез аст» [96].

Низоми индустриалӣ-инноватсионӣ сатҳи баланди рушди соҳаҳои саноат ва аграриро дар назар дорад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар марҳилаи аввали ҷараёни гузариш ба низоми индустриалӣ-инноватсионӣ қарор доранд, бинобар ин, талабот ба захираҳои калони сармоягузорӣ вуҷуд дорад. Вобаста ба нуқтаҳои зикршуда, такмили низоми идоракунии бозори меҳнат дар сатҳи ҷумҳурӣ ва минтақаи Хатлон низ аз имкониятҳои молиявӣ вобастагии қавӣ дорад.

«Дар шароити иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон бояд дар худ унсурҳои механизми идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ, ки аз ҷониби Ташкилоти байналмилалии меҳнат рӯйи кор меояд, фарогир бошад. Низоми идоракунии Ташкилоти байналмилалии меҳнат дар доираи чор мақсади стратегӣ амал менамояд:

1. Рушд ва татбиқи меъёрҳое, ки ҳамчун принсипҳои бунёдии соҳаи меҳнат маҳсуб меёбанд.

2. Бунёди имкониятҳои фаррох барои занон ва мардон бо мақсади таъмини шуғл ва даромади арзандаи онҳо.

3. Васеъ намудани доираи фарогирии ҳифзи иҷтимоӣ ва баландбардории самараи он барои ҳама шаҳрвандон.

4. Устувор гардонидани сохтори сетарафа ва нигоҳдории муколамаи иҷтимоӣ» [36].

Таҷрибаи байналмилалии идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ исбот менамояд, ки оид ба ҳар як мақсади зикршуда як қатор барномаҳои мақсадноки байналмилалӣ коркард ва пиёда гардонида шуда истодааст, ки онҳо дар худ хусусияти афзалиятнокӣ, аҳаммияти амалӣ ва натиҷанокиро доранд.

Бо назардошти нуқтаҳои болозикр самтҳои афзалиятноки такмили низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ ва дар такя бо принсипи бартарияти шуғли пурра инҳо мебошанд: а) андешидани чораҳо ва коркарди барномаҳо дар сатҳи минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон оид ба ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар рафти муносибатҳои меҳнатӣ, васеъ намудани имкониятҳо барои таъмини шуғли аҳолӣ, беҳтаркунии шароити меҳнат ва дар ниҳоят, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагӣ; б) коркарди меъёрҳои миллии меҳнат ҳамчун принсипҳои бунёдии фаъолияти бозори меҳнат баҳри дар сатҳи қаноатбахш татбиқ намудани чораҳо ва барномаҳои болозикр.

Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он низоми идоракунии бозори меҳнат дар худ маҷмуи мақомотҳои давлатӣ, қонунгузорӣ, мақомотҳои иҷроия, ҳокимияти судӣ ва мақомоти марказии танзими муносибатҳои иҷтимоию меҳнатиро фаро мегирад. Соҳаи меҳнат дар кишвар хусусияти гузариш аз инҳисорияи давлатии ба қоидаҳои маъмурии танзими муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатиро доробуда, низоми амалкунандаи идоракунии барномавӣ-меъёрии ба принсипҳои демократӣ такякунандаро дар бар мегирад.

Аз нуқтаҳои боло бармеояд, ки субъектҳои низоми идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ дар шароити кунунӣ дар асоси санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зерин амал менамоянд: Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат”, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар

бораи индексатсияи даромади аҳолӣ бо назардошти нархҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ", Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории соҳаи нафақа ва дигар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ.

Ба ақидаи мо, дар низоми индустриалӣ-инноватсионии иқтисодиёт такмили бозори меҳнати вилояти Хатлон бояд марҳилаҳои зеринро паси сар намояд:

Марҳилаи 1. Бунёди заминаҳои бозори меҳнати вилоят, яъне рушди асосҳои ниҳодӣ ва меъёрии бозори меҳнат дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ.

Марҳилаи 2. Бунёди заминаҳо барои селаҳои сармоягузории хусусӣ, яъне бо роҳи амалӣ намудани молиякунонии давлатӣ рушд додани неруи меҳнатии вилоят ва рушди ҷолибияти сармоягузории он.

Марҳилаи 3. Рушди фаъолияти сармоягузории хусусӣ, яъне ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ барои рушди иқтисодиёт ва бозори меҳнати вилояти Хатлон.

Низоми индустриалӣ-инноватсионии иқтисодиёти вилояти Хатлон ҳамчун низоми мураккаби иқтисодӣ танзим ва идоракунии мукаммалро талаб менамояд. Вобаста ба ин, такмили низоми идоракунии бозори меҳнати минтақа бояд дар заминаи амали мутақобилаи босамар ва муштараки механизми танзими давлатӣ ва бозорӣ ба роҳ монда шавад.

Ба рушди бозори меҳнати вилоят дар низоми иқтисодии индустриалӣ-инноватсионӣ омилҳои зерин таъсир мерасонанд:

1. Рушд ва танзими фаъолияти ниҳодҳои бозори меҳнат то сатҳе, ки тавонад мувофиқати сохтор ва ҳаҷми талабот ва таклифоти қувваи кориро дар бозори меҳнати вилоят таъмин намояд. Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва сохтори минтақавии он дар вилояти Хатлон, бо назардошти талаботи иқтисоди индустриалӣ-инноватсионӣ, бояд самаранокии сохтори таклифоти қувваи корӣ, баландбардории сифати захираҳои меҳнатӣ ва таъмини мувофиқати талабот ва таклифотро дар бозори меҳнати минтақа ба роҳ монад.

Ҳамчунин инфрасохтори муосири бозори меҳнати вилоят, ки тавонад назорати фаврӣ ва автоматиро ҷорӣ намуда, барои ташаккули заминаи иттилоотӣ, ки барои қабули қарорҳои идоракунии характери стратегидошта истифода мешавад, мусоидат намояд.

2. Ташаккул ва такмили низоми таҳсилоти мактабӣ ва касбӣ то ҳадде, ки тавонад мутахассисони соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро ба талаботи бозори меҳнати минтақа дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ омода намояд. Роҷеъ ба ин масъала, А.А. Мирзоалиев низ таъкид менамояд, ки «... бозори муосири меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо вазни қиёсии муҳоҷирони меҳнатии муваққатӣ, норасоии пайвастаи кадрҳои касбӣ дар ихтисососҳои бозоргир ва бо шумораи зиёди бекорон тавсиф мешавад» [124 , С.109].

3. Ҳавасмандгардонии рушди соҳибкории хурду миёна дар соҳаи саноат ва аграрӣ аз тариқи коркард ва татбиқи барномаҳои дастгирии давлатӣ, ба монанди пешниҳоди имтиёзҳо ва дастгирии молиявии онҳо.

4. Бунёди инфрасохтори рушди фаъолияти иқтисодии вилояти Хатлон, аз ҷумла рушди низоми бонкӣ аз тариқи таъмини дастрасии субъектҳои иқтисодӣ ба сармояи қарзии дорои меъёрҳои имтиёзноки фоизӣ; рушди инфрасохтори нақлиётӣ.

Дар шароити вилояти Хатлон яке аз самтҳои афзалиятноки такмилдиҳии ҷараёни идоракунии бозори меҳнат рушди фаъолияти ниҳодҳо ва механизмҳои инфрасохтори бозори меҳнати аграрӣ мебошад. Ниҳодҳо ва механизмҳои болозикр бояд танзими нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ, демографӣ, иҷтимоӣ-равониро бо мақсади рушди бозори аграрии меҳнат амалӣ намоянд.

Дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ, ки рушди бемайлони иқтисодиёти ҷаҳонӣ, аз ҷумла иқтисодиёти миллӣ дар назар дошта мешавад, инфрасохтори бозори меҳнати вилояти Хатлон низ бояд бо назардошти хусусиятҳои рушди бозори меҳнати аграрӣ, дар маҳалҳои деҳотнишини вилоят пайваста такмил дода шавад.

Бо назардошти нуктаҳои болозикр такмили механизми идоракунии

бозори меҳнати вилояти Хатлонро дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ дар самтҳои зерин муҳим мешуморем:

1. Баланд бардоштани самаранокии кори муассисаҳои соҳаи маориф дар самти омодакунии кадрҳои баландихтисос дар соҳаи саноат бо техника ва технологияҳои инноватсионӣ ва мутобиқшавии кадрҳои бозори меҳнати анъанавӣ ба низоми муосири муносибатҳои меҳнатӣ; бунёди низоми чандирии омодакунӣ ва азнавомодакунии кадрҳо дар мувофиқа бо талаботи иқтисодиёти инноватсионӣ; коркарди стандартҳои нави таълимӣ ва муҷаҳҳаз намудани муассисаҳои таълимӣ бо лабараторияҳои наву замонавии омӯзиши равандҳои инноватсионӣ; баланд бардоштани неруи илмии ҳайати профессорону омӯзгорони муассисаҳои таълимӣ дар заминаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ.

2. Рушди фаъолияти машваратӣ ва миёнаравӣ аз тариқи паҳн намудани иттилоот бо роҳи бунёди нуқтаҳои машваратдиҳӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилоят. Чунки амали нуқтаҳои машваратӣ имконият медиҳад вақти барои ҷустуҷӯи кор ва таъмини он аз ҷониби корфармо ихтисор карда шавад.

3. Таҳлили амиқ ва ҳамаҷонибаи мушкилоти идоракунии бозори меҳнати минтақа аз нигоҳи ташаккулу рушди бозори меҳнат, таъмини шуғли аҳолӣ ва маҳдудкунии кӯчиши захираҳои меҳнатӣ.

4. Корхонаю ташкилотҳои вилоятро зарур аст, ки дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт ҳайати кадрии худро аз курсҳои бозомӯзӣ гузаронида, ба тағйиротҳои низоми инноватсионӣ мутобиқшавии захираҳои меҳнатиро таъмин намоянд.

5. Дар нақшаҳои стратегии рушди тиҷорати субъектҳои иқтисодӣ ба инобат гирифтани талаботи бозори меҳнати дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ амалкунанда ба неруи кадрӣ.

Дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ самаранокии низоми идоракунии бозори меҳнат аз мукаммалии механизмҳои инфрасохтори бозори меҳнат вобаста мебошад. Вобаста ба ин, такмили инфрасохтори бозори меҳнати

вилояти Хатлон оид ба ҷиҳатҳои зерин мубрам дониста мешавад:

1. Рушди механизми молиявии инфрасохтори бозори меҳнат аз тариқи тағйироти қоидаҳои ташаккули фонди шуғли минтақавӣ, коркарди механизми суғуртаи инфиродии шаҳрвандон дар вақти бекорӣ, бунёди фонди муттаҳидкардашуда, ки дар худ захираҳои сармоягузории вилоят ва фонди шуғлро барои молиякунонии рушди низоми ҷойҳои корӣ дар назар дорад.

**2.** Тағйироти сиёсати андозбандӣ, аз ҷумла ҳавасмандгардонии андозии корфармоёне, ки дар рушди низоми ҷойҳои корӣ, бахусус дастгирии шаҳрвандони бо душворӣ корҷустуҷӯкунанда саҳми назаррас доранд.

3. Коркарди сиёсати қарзии бар низоми имтиёзҳо асосёфта, ки қарзҳои бемуҳлат ва бебозгаштро барои дастгирии рушди хоҷагиҳои ёрирасони шахсӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳамчун шаклҳои афзалиятноки соҳибкорӣ, дар шароити вилояти Хатлон дар назар дошта бошад.

4. Дар шароити рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ва минтақаҳои ҷумҳурӣ таъмини рушди механизмҳое, ки барои бунёди муҳити ягонаи иттилоотӣ ва такмили базаи иттилоотӣ-таҳлилӣ нигаронида шудаанд.

Дар шароити рушди нисбатан ноустувори иқтисодиёти вилояти Хатлон низоми идоракунии бозори меҳнат бояд чораҳои вобаста ба рушдро фарогир бошад. Аз ин рӯ, дурнамои рушди устувори бозори меҳнати он то андозае аз паҳншавии шуғли пурмаҳсули захираҳои меҳнатии минтақа вобаста мебошад. Ба андешаи мо, татбиқи самтҳои зерини сиёсати минтақавӣ метавонад барои такмили низоми идоракунии бозори меҳнат мусоидаткунанда бошад: а) ҳавасмандгардонии афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ ба бахши истеҳсолии иқтисодиёт; б) рушди самти инноватсионии соҳаи тиҷорат дар вилоят; в) андешидани чораҳо оид ба баландбардории талаботи бахши истеҳсолӣ ба захираҳои меҳнатӣ.

Бо назардошти нуктаҳои болозикр амсилаи идоракунии захираҳои меҳнатии бозори меҳнати вилояти Хатлонро дар расми 3.6. пешниҳод менамоем.




**Расми 3.6. –** Амсилаи механизми идоракунии захираҳои меҳнатии бозори меҳнат дар шароити индустриалӣ–инноватсионии вилояти Хатлон.

**Манбаъ:** Коркарди муаллиф дар асоси [49, С. 248].

Дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла вилояти Хатлон, ки мушкилоти асосии бозори меҳнат тамоюли мусбати афзоиши намудҳои гуногуни бекорӣ маҳсуб меёбад, яке аз роҳҳои нисбатан босамари идоракунии бозори меҳнати вилоят дар низоми индустриалӣ-аграрӣ низ идоракунии бекорӣ мебошад. Вобаста ба ин, роҳҳои идоракунии бозори меҳнати вилоятро дар шароити афзоиши бекорӣ дар расми 3.7. пешниҳод менамоем.

**САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ШАРОИТИ НИЗОМИ ИНДУСТРИАЛӢ-ИННОВАТСИОНӢ ВА АФЗОИШИ БЕКОРӢ**

**1. Идоракунии ҳама намуди бекорӣ дар вилоят:**
- бунёди ҷойҳои кории нав;
- рушди фаъолияти хадамоти шуғл;
- пардохти кумакпулиҳо барои бекорӣ.

**2. Идоракунии бекории фрикционӣ:**
- такмили низоми таъминоти иттилоотии бозори меҳнати вилоят;
- бунёди хадамоти таъмини иттилоот оид ба бозори меҳнати вилоят.

**3. Идоракунии бекории сохторӣ:**
- бунёди имкониятҳо барои азнавомодакунӣ ва баландбардории тахассусмандии бекорон;
- дастгирии хадамоти бахши хусусӣ ва давлатии идоракунии касбияти бекорон.

**4. Идоракунии бекории ниҳоӣ:**
- ҳифзи иҷтимоии табақаи осебпазири аҳолии вилоят;
- устувор намудани мубориза бо ҷинояткорӣ.

**5. Идоракунии бекории бо рушди инноватсия алоқаманд:**
- баландбардории тахассусмандӣ ва сатҳи касбияти захираҳои меҳнатӣ дар шароити рушди фаъолияти инноватсионӣ.

**6. Идоракунии бекории даврӣ:**
- коркард ва татбиқи сиёсати муътадилгардонӣ дар соҳаи меҳнат;
- таъсиси ҷойҳои кории иловагӣ аз ҷониби мақомоти давлатии вилоят.

**7. Идоракунии бекорӣ дар асоси ҷорӣ намудани сиёсати комили шуғл дар вилоят:**
- мусоидат ба рушди соҳибкории хурду миёна дар вилоят;
- коркарди консепсияи таъмини шуғл дар сатҳи вилоят;
- ҳавасмандгардонии сармоягузории сармояи инсонӣ тавассути рушди таҳсилоти умумӣ, касбӣ, рушди бизнес-таҳсилот, инчунин такмили низоми баландбардории тахассусмандӣ ва касбияти захираҳои меҳнатӣ;
- ихтисор кардани шумораи бекорон бо роҳи ҷоннок намудани бахши истеҳсолот дар вилоят;
- ҷорӣ намудани низоми комили пардохти музди меҳнат дар фаъолияти субъектҳои иқтисодии вилоят;
- ташаккули бозори меҳнати вилоят, ки дар баробари рушди иқтисоди миллӣ қобилияти баландбардории арзиши меҳнатро дошта бошад;
- ташаккул ва рушди бахши давлатии иқтисодиёт, аз ҷумла рушди бахши соҳибкорӣ бо мақсади нигоҳдории ҷойҳои корӣ;
- пурзӯр намудани ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар самти фарогирӣ ба шуғл;
- бо роҳи пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ҳавасманд намудани афзоиши ҷойҳои корӣ;
- коркарди барномаҳои мусоидат ба шуғл барои гурӯҳҳои камдаромади аҳолӣ.

**КОҲИШЁБИИ БЕКОРӢ ВА ТАЪМИНИ ШУҒЛИ АҲОЛИИ ВИЛОЯТ**

**Расми 3.7.** – Самтҳои афзалиятноки идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити низоми индустриалӣ-инноватсионӣ ва афзоиши бекорӣ.

**Манбаъ**: Пешниҳоди муаллиф дар асоси [161, С. 162].

Дар шароити гузариш ба низоми индустриалӣ-аграрӣ муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ байни ниҳодҳои соҳаи меҳнат ва соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти вилояти Хатлон то андозае тағйир меёбанд. Инчунин сиёсати муосири шуғли аҳолии вилоят бояд бо роҳи ҳавасмандкунии оқилонаи аҳолии бекори қобили меҳнат аз тариқи бозомӯзии онҳо, дастгирии моддии бекорон аз ҷониби давлат, қавӣ намудани муносибатҳои иҷтимоию меҳнатӣ мукаммал гардонида шавад. Дар чунин вазъият низоми идоракунии бозори меҳнати вилоят бояд тавре бошад, ки барои танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва рушди бозори мазкур мусоидат намояд. Бо назардошти ин гуфтаҳо, амсилаи ташаккулёбии такмили механизми низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро дар расми 3.8. пешниҳод менамоем.




**Расми 3.8.** – Амсилаи такмили ташаккулёбии механизми низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ.

**Манбаъ**: Коркарди муаллиф дар асоси [161, С. 162].

Тавре аз расми 3.8 дида мешавад, дар натиҷаи гузариш ба низоми индустриалӣ-аграрӣ зарурати коркард ва татбиқи барномаҳои стратегии

рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии минтақа пеш меояд. Ҳолати мазкур дар инфрасохтори иқтисодии вилоят тағйиротҳои муайянеро ба вуҷуд меорад, аз ин рӯ, муносибатҳои субъектҳои иқтисодӣ бо ниҳодҳои бозори меҳнати минтақа нисбатан дигаргун мешаванд. Дар чунин шароит амсилаи нисбатан ҷадиди ташаккулёбии низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон ба вуҷуд меояд.

Бо истифода аз усулҳои математикию риёзӣ, дар асоси маълумоти ҷадвалҳои 2.2 ва 2.4, модели регрессионии дурнамои шумораи аҳолии қобили меҳнатро барои вилояти Хатлон таҳия менамоем. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар соли 2030 шумораи аҳолии қобили меҳнати аз 15 то 64 – сола 7,19 миллион нафарро ташкил медиҳад. Зимнан, агар шумораи аҳолии қобили меҳнат бо чунин суръат афзоиш ёбад, талабот ба ҷойҳои кории озод низ меафзояд. Дар рафти таҳлили регрессионӣ шумораи аҳолии машғул ҳамчун тағйирёбандаи вобаста интихоб карда мешавад. Дар баробари ин, нишондиҳандаҳои шумораи аҳолии қобили меҳнат ва худи аҳолии вилоят ба сифати омилҳои таъсиррасон интихоб карда мешаванд. Натиҷаҳои ҳисобкунии муодила дар ҷадвал оварда шудаанд (ҷадвали 3.3).

**Ҷадвали 3.3. – Натиҷаҳои муодилаи регрессионӣ барои вилояти Хатлон**

| Нишондиҳандаҳо | Натиҷа | Хулосаҳо |
|---|---|---|
| $R^2$ | 0.981 | Эътимоднокии модел ба андозаи 98.1% арзёбӣ шудааст, яъне, омилҳои дуруст интихоб гардидаанд |
| Durbin–Watson | 2.902 | Ба қимати 2 хеле наздик аст ва ин нишон медиҳад, ки дар байни дигар омилҳо автокоррелятсия вуҷуд надорад |
| p-value (барои F-тест) | 0.000376 | Модел ба талабот ҷавобгӯ мебошад, яъне, нишондиҳандаи (p-value) камтар аз 5% аст. |
| p-value (барои коэффитсиентҳо): | | |
| Const | 28.76 | |
| x1 | 0.23 | |
| x2 | 0.009 | |

**Сарчашма**: таҳияи муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвалҳои 2.2. ва 2.4.

Аз маълумоти ҷадвал мушоҳида мегардад, ки муодилаи сохташуда боэътимод буда, чунин намудро дар бар мегирад:

$$Y = 28.76 + 0.23 * X_1 + 0.009 * X_2 \qquad (1)$$

Дар ин ҷо:

Y – шумораи аҳолии машғулбуда,

$X_1$ – шумораи аҳолии қобили меҳнат,

$X_2$ – шумораи аҳолӣ

Бо истифода аз модели мазкур шумораи аҳолии қобили меҳнатро барои то соли 2030 ояндабинӣ менамоем (ҷадвали 3.4).

**Ҷадвали 3.4. – Ояндабинии нишондиҳандаҳо**

| **Солҳо** | **Ояндабинии шумораи аҳолии қобили меҳнат** | **Ояндабинии шумораи аҳолӣ** | **Ояндабинии шумораи аҳолии машғулбуда** |
|---|---|---|---|
| 2025 | 2173.5 | 3868.4 | 515.3 |
| 2026 | 2197.3 | 3953.7 | 523.5 |
| 2027 | 2221.1 | 4039.0 | 531.7 |
| 2028 | 2244.8 | 4124.3 | 540.0 |
| 2029 | 2268.6 | 4209.6 | 548.3 |
| 2030 | 2292.4 | 4294.9 | **556.5** |

**Сарчашма:** ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси муодилаи регрессионӣ таҳия карда шудааст.

Ҳамин тариқ, натиҷаҳои пешгӯӣ нишон медиҳанд, ки шумораи аҳолии машғулбуда дар соли 2030 дар вилоят ба 556,5 ҳазор нафар мерасад, ки дар муқоиса ба соли 2025 7,9 фоиз зиёд мебошад. Шумораи аҳолии қобили меҳнат ва шумораи умумии аҳолӣ бошад, дар ин давра мутаносибан ба андозаи 5,5 ва 11 фоиз афзоиш меёбанд.

Инак, бо мақсади ояндабинии сохтори шуғли аҳолӣ аз рӯйи фаъолият дар вилояти Хатлон то соли 2030, тамоми соҳаҳои шуғлро ба чор соҳаи асосӣ, яъне кишоварзӣ, саноат, сохтмон ва хизматрасонӣ гурӯҳбандӣ намудан ба мақсад мувофиқ аст (ҷадвали 3.5).

**Ҷадвали 3.5. – Ҳиссаи аҳолии машғул аз рӯйи соҳаҳои шуғл дар вилояти Хатлон, бо %**

| **Соҳаҳо** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Кишоварзӣ | 64,91 | 64,406 | 65,406 | 64,82 | 63,8 | 64 | 64,1 |
| Саноат | 4,1 | 3,8 | 3,4 | 3,5 | 3,5 | 3,6 | 3,8 |
| Сохтмон | 1,1 | 1,3 | 1,1 | 1 | 1 | 1 | 1,1 |
| Хизматрасонӣ | 29,65 | 29,88 | 29 | 29,9 | 30,86 | 30,67 | 31,03 |

Сарчашма: ҷадвал аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумоти ҷадвали 2.12 дар диссертатсия таҳия карда шудааст.

Барои ояндабинии ҳиссаи аҳолии машғул дар соҳаи кишоварзӣ ва саноат усули муайянкунии shift–share-ро бо тағйироти хаттӣ истифода менамоем. Ҳиссаи сохтмон бетағйир мемонад ва барои соҳаи хизматрасонӣ усули тавозунӣ (бақиявӣ) истифода мегардад. Ҳамин тариқ, агар дар соҳаи кишоварзӣ ҳар сол шумораи кормандон 0,7 фоиз коҳиш ёбад (ба сабаби ҷорӣ намудани технологияҳои нав, ки ҳосилнокиро баланд мебардоранд ва гузариши қувваи корӣ ба дигар соҳаҳо), пас формулаи ҳисоб чунин хоҳад буд:

$$A_{2024} = A_{2023} - 0{,}7 \qquad (2)$$

Дар ин ҷо,

А – шумораи аҳолии дар соҳаи кишоварзӣ машғулбуда.

Дар ин ҳолат, шумораи кормандони соҳаи саноат (ба сабаби саноатикунонӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ дар кишвар) ҳар сол 0,35 фоиз афзоиш меёбад, ки барои ҳисоби он формулаи зерин истифода бурда мешавад:

$$C_{2024} = C_{2023} + 0{,}3 \qquad (3)$$

Дар ин ҷо,

С – шумораи аҳолии дар соҳаи саноат машғулбуда.

Ҳамин тариқ, ҳиссаи аҳолии машғулбуда дар соҳаи сохтмон бетағйир боқӣ мемонад, яъне он 1,1 фоизро ташкил медиҳад (шумораи аҳолии машғулбуда афзоиш меёбад, вале ҳиссаи он бетағйир боқӣ мемонад, яъне шумораи умумии аҳолии машғулбуда сол аз сол меафзояд).

Дар асоси ҳамчун тавозуни бақиявӣ барои ҳар сол ҳисоб намудани ҳиссаи аҳолии дар соҳаи хизматрасонӣ машғулбуда чунин натиҷаҳо ба даст оварда шуданд (ҷадвали 3.6).

**Ҷадвали 3.6. – Ояндабинии ҳиссаи аҳолии машғулбуда дар соҳаҳои алоҳида дар вилояти Хатлон дар солҳои 2025-2030, бо %**

| Солҳо | Кишоварзӣ | Саноат | Сохтмон | Хизматрасонӣ |
|---|---|---|---|---|
| 2024 | 63.38 | 4.15 | 1.10 | 31.37 |
| 2025 | 62.68 | 4.50 | 1.10 | 31.72 |
| 2026 | 61.98 | 4.85 | 1.10 | 32.07 |
| 2027 | 61.28 | 5.20 | 1.10 | 32.42 |
| 2028 | 60.58 | 5.55 | 1.10 | 32.77 |
| 2029 | 59.88 | 5.90 | 1.10 | 33.12 |
| 2030 | 59.18 | 6.25 | 1.10 | 33.47 |

**Сарчашма:** таҳияи муаллиф.

Тавре ки аз маълумоти ҷадвал маълум аст, ҳамасола шумораи кормандони соҳаи кишоварзӣ коҳиш ёфта, шумораи аҳолии машғулбуда дар соҳаҳои саноат ва хизматрасонӣ бошад, баръакс афзоиш меёбад, ки бо ҳадафҳои саноатикунонии кишвар ва рушди инноватсионии бозори меҳнат мувофиқат мекунад.

Гузариш ба низоми инноватсионӣ-индустриалии иқтисодиёт васеъшавӣ ва дигаргуншавии муносибатҳои меҳнатиро ба миён меорад. Натиҷаи таҳлилу омӯзиши маводи дар диссертатсия гирдовардашуда нишон дод, ки дар шароити рушди муносибатҳои нави меҳнатӣ дар бозори меҳнати вилоят зарурати такмили механизми идоракунии он пайдо мегардад. Ҳолати мазкур талаб менамояд, ки низоми идоракунии бозори меҳнати минтақаи Хатлон ба шароити кунунии муносибатҳои меҳнатӣ мувофиқ гардонида шавад. Механизми мукаммали идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлонро дар расми 3.9. пешниҳод менамоем.

**ТАКМИЛИ МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ИНДУСТРИАЛӢ-ИННОВАТСИОНИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

**ХУСУСИЯТИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ВИЛОЯТ:**

- талаботи нисбатан ночандир ба қувваи корӣ бо сабаби маҳдудияти ҷойҳои корӣ дар вилоят;
- ҳиссаи калони захираҳои меҳнатии дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарордошта бо сабаби ҳаҷми нокифояи музди меҳнат;
- дар баробари афзоиши бекорӣ дар маҳалҳои деҳотнишини минтақа пайдоиши мушкилоти норасоии қувваи корӣ бо иллати муҳоҷирати шаҳрвандони вилоят ба маркази ҷумҳурӣ ва Федератсияи Россия;
- ҷой доштани мушкилоти номувозинатии талабот ва таклифоти қувваи корӣ дар маҳалҳои деҳотнишини вилоят бо сабаби нисбатан коҳиш ёфтани майлу хоҳиши фаъолият кардани кадрҳои ҷавон дар инфрасохтори хоҷагии қишлоқ;
- мавҷудияти шароити рушди худмашғулӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ;
- маҳдудияти имкониятҳои бокортаъминкунии шаҳрвандони минтақа дар натиҷаи хусусигардонӣ, ислоҳоти сохтори иқтисодии хоҷагии қишлоқ ва прогресси илмӣ-техникӣ;
- нокифоягии малакаю таҷрибаи захираҳои меҳнатӣ аз ҳисоби ҷавонони вилоят;
- номувозинатӣ байни бозори хизматрасониҳои таълимӣ ва бозори меҳнат.

**ПРИНСИПҲОИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ВИЛОЯТ:**

- ихтиёрӣ будани меҳнат;
- масъулияти давлат ва вилоят дар самти бунёди шароити мусоид барои ҳифзи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба меҳнат;
- ба инобат гирифтани манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии вилоят;
- ба инобат гирифтани хусусияти бозори меҳнати минтақа;
- таъмини тавозуни талабот ва таклифоти қувваи корӣ бо дарназардошти талаботи иқтисодиёти вилоят;
- мусоидат ба таъмини шуғли шаҳрвандони вилоят, аз ҷумла ҳифзи иҷтимоии гурӯҳҳои осебпазир, ки дар ҷустуҷӯи кор мушкилӣ мекашанд;
- ба роҳ мондани шуғли ба афзоиши ҳосилнокии меҳнат асосёфта;
- такмили мунтазами механизми дастгирии иҷтимоии бекорон;
- рушди соҳибкории қонунӣ;
- афзалият доштани ҷойҳои кории пурмаҳсул;
- рақобатпазирии бозори меҳнат.

**ВОСИТАҲОИ ТАЪСИРРАСОНӢ:**

**1. Воситаҳои маъмурӣ**

- санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии танзими ҷараёнҳои демографӣ ва муҳоҷират;
- иҷозатномадиҳии фаъолияти муассисаҳо;
- рушди фаъолият дар самти танзими муносибатҳои меҳнатӣ, давомнокии рӯзи корӣ, муайянкунии даври ҳаётии меҳнат, ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнаткашон ва коркарди меъёру стандартҳо аз рӯйи намудҳои алоҳидаи фаъолияти меҳнатӣ;
- таъмини мувозинати талаботу таклифоти қувваи корӣ ва сифати онҳо.

**2. Воситаҳои иқтисодӣ**

- андозбандии имтиёзнок;
- молиякунонии лоиҳаҳои инноватсионии рушди иҷтимоӣ ва ташкилӣ;
- сармоягузории давлатӣ ба сармояи инсонӣ дар сатҳи вилоят;
- кумаки молиявии шаклҳои инноватсионии шуғл;
- ҳавасмандгардонии худмашғулӣ дар соҳаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ;
- маблағгузории барномавии мақсадноки барномаҳои ҳудудии мусоидат ба шуғл;

**3. Воситаҳои ташкилӣ**

- бунёди марказҳои давлатӣ ва ғайридавлатии таъмини шуғли аҳолии вилоят;
- таъсиси марказҳои машваратдиҳӣ, хизматрасониҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи меҳнат;
- бунёд ва ё такмили низоми омодакунии касбии шаҳрвандони вилоят бо талаботи иқтисодиёти инноватсионӣ;
- коркарди барномаҳои рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят;
- рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ дар самти мусоидат ба шуғл;
- коркард ва татбиқи механизмҳои оптималии таъмини шуғли

**САМТҲОИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ВИЛОЯТ:**

- такмили қонунгузории соҳаи меҳнат;
- таъсиси ҷойҳои кории нав;
- рушди шаклҳои босамари шуғл;
- такмили низоми пардохти музди меҳнат;
- ҳамоҳангсозии фаъолияти бозори хизматрасониҳои соҳаи маориф ва бозори меҳнат.

**ИДОРАКУНИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ШАРОИТИ ГУЗАРИШ БА ИҚТИСОДИ ИННОВАТСИОНӢ:**

- ихтисори ҷойҳои кории бесамар;
- азнавтақсимкунии қувваи корӣ вобаста ба соҳаҳои иқтисодиёти вилоят;
- рушди бахши истеҳсолот;
- рушди фаъолияти инноватсионӣ ва пайдоиши самтҳои нави шуғл;
- инкишофи инфрасохтори инноватсионии бозори меҳнати вилоят.

**КОҲИШЁБИИ БЕКОРӢ ВА РУШДИ ШУҒЛИ ПУРМАҲСУЛ ДАР ВИЛОЯТ**

**Расми 3.9. –** Такмили механизми идоракунии бозори меҳнат дар вилояти Хатлон.

**Манбаъ:** Таҳияи муаллиф дар асоси [162, С. 363].

Тавре маълумоти расми 3.9 нишон медиҳад, такмили механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон бо назардошти шароити кунунии иқтисодиёт пешниҳод гардидааст. Механизми пешниҳодгардида, бо назардошти хусусияти минтақавии бозори меҳнат, принсипҳои бозори меҳнат, воситаҳои таъсиррасонӣ ба бозори меҳнат, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ва хусусияти иқтисодиёти инноватсионӣ бунёд ёфтааст. Татбиқи механизми болозикр имконият медиҳад, то мушкилоти бозори меҳнати вилоят (номувозинатии талаботу таклифоти қувваи корӣ) аз тариқи фаъолгардонии субъектҳои бозори мазкур, ба инобатгирии имкониятҳои ҷойдошта, такмили асосҳои ниҳодии муносибатҳои меҳнатӣ, такмили роҳу усулҳои таъсиррасонӣ ба бозори меҳнат, ташаккул ва рушди шаклҳои нисбатан нави шуғл, бо назардошти низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ, ҳал карда шавад.

«Дар нтиҷаи амалисозии тадбирҳои пешбинишуда оид ба мусоидати шуғл интизор меравад, ки, ки шуғли пурмаҳсул ва шароитҳоро барои рушди сармояи инсонӣ таъмин гардида, натиҷаҳои зерин ба даст ояд:

– мувозинати шумора ва сифати аҳолии қобили меҳнат ва ҷойҳои корӣ таъмин гардида, шумораи аҳолии бекор (бекор ва ғайрифаъол) кам карда мешавад;
– механизми таҳлил ва дурнамои бозори меҳнат таҳким ёфта, маълумот дар бораи бозори меҳнат ҳамасола на кам аз ду маротиба нав карда мешавад;
– низоми миллии мусоидат ба афзоиши устувори ҳосилнокии меҳнат ташкил гардид;
– коҳишдиҳии нобаробарии ҳудудии шуғл таъмин гардида, фишори муҳоҷирати дохилӣ кам карда мешавад;
– иттилоотнокӣ ва омодагии касбӣ нисбат ба кор дар бозорҳои берунаи меҳнат беҳтар карда мешавад;
– дараҷаи ҳифзи иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзоёни оилаҳои онҳо баланд бардошта мешавад» [15].

Хулоса, таҳқиқоти дар ин қисмати диссертатсия анҷом додашуда ба мо имконият дод, то самтҳои афзалиятнок ва марҳилаҳои такмили низоми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон, инчунин омилҳои ба рушди он таъсиррасон муайяну ошкор карда шаванд ва механизми комили идоракунии бозори меҳнати минтақаи мазкур коркард шавад.

**Хулосаи боби III.**

Аз таҳқиқоти дар боби 3-юми диссертатсия анҷомдодашуда хулосаю пешниҳодҳои зерин ҷиҳати такмили механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ коркард шуданд:

1. Муайян карда шуд, ки ташаккулу рушди бозори меҳнати вилояти Хатлон дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ аз имкониятҳои молиявии субъектҳои муносибатҳои меҳнатӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, дастгирии молиявии субъектҳои бозори меҳнат аз тариқи истифодаи захираҳои сармоягузории дохилӣ ва берунӣ муҳим дониста мешавад.

2. Дар рафти таҳқиқот афзалиятҳо ва норасоиҳои муносибатҳои субъектҳои бозори меҳнати вилоят дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ ошкор ва дақиқ карда шуд, ки дар шароити ҷойдошта афзалиятҳои бозори меҳнати минтақа бештар ба назар мерасад. Афзалиятҳои мазкур барои ҳалли мушкилоти бозори меҳнат рушди касбият ва шахсияти захираҳои меҳнатӣ, ҳифзи иҷтимоии онҳо, таъмини шуғл, коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ ва афзоиши сатҳи ҳосилнокӣ мебошанд.

3. Дар рафти таҳқиқот муайян гардид, ки неруи инноватсионии меҳнат дар вилоят зери таъсири муҳити дохилӣ ва берунӣ ташаккул меёбад. Дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бояд заминаҳои рушди неруи зеҳни инсонӣ мавҷуд бошанд, то ки раванди инноватсионии меҳнатро ба роҳ монанд. Дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 бунёд шудани инфрасохтори иқтисодии инноватсионӣ, аз ҷумла дар соҳаи соҳибкорӣ пешбинӣ гардидааст.

4. Роҳҳои идоракунии бозори меҳнат дар шароити ҷой доштани

намудҳои мухталифи бекорӣ дар вилояти Хатлон ошкор гардида, идоракунии бекорӣ дар асоси ҷорӣ намудани сиёсати комили шуғл ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти бозори меҳнати минтақавӣ ошкор карда шуд. Инчунин амсилаи ташаккулёбии низоми идоракунии бозори меҳнат бо назардошти рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодии вилоят сохта шуд.

Механизми комили идоракунии бозори меҳнати минтақаи Хатлон, бо назардошти шароити кунунӣ ва дурнамои рушди иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ, пешниҳод гардид, ки унсурҳои механизми мазкур аз тариқи фаъолгардонии субъектҳои бозори меҳнат, такмили асосҳои ниҳодии муносибатҳои меҳнатӣ, такмили роҳу усулҳои таъсиррасонӣ ба бозори меҳнат, ташаккул ва рушди шаклҳои нисбатан нави шуғл идоракунии муносибатҳои меҳнатиро амалӣ менамоянд.

## ХУЛОСА ВА ПЕШНИҲОД

Таҳқиқоти гузаронидашуда оид ба такмили механизми идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионӣ ба мо имконият дод, ки хулосаю пешниҳодҳои хусусияти назариявӣ-методологӣ ва таҳлилӣ-тавсиявидоштаро коркард намоем.

**Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия**

1. Дар ҳама намуди бозори меҳнат мувозинати талаботу таклифот дар асоси арзиши қувваи корӣ, ки имконияти бозтавлиди неруи меҳнатиро дорад, таъмин карда мешавад. Дар раванди амалӣ намудани иқтисодиёти индустриалӣ–инноватсионии рушд вай ба танзими давлатӣ ниёз дорад. Моҳияти идоракунии бозори меҳнат дар таъмини такрористеҳсол ва истифодаи босамари қувваи корӣ, маҳдуд намудани нобаробарии талаботу таклифот, таъмини шуғл ва коҳишдиҳии бекорӣ дарҷ мешавад. Маҳаки асосии таъмини аҳолӣ бо ҷойи кор ин бозори меҳнат буда, он ҳамчун воситаи рушдкунанда ва амаликунандаи сиёсати меҳнат баромад мекунад. Раванди индустриалӣ–инноватсионӣ талаботро ба қувваи корӣ коҳиш дода, афзоиши бекориро ба вуҷуд меорад, лекин дар ин шароит боз аз усулҳои идоракунии иқтисодӣ, анъанавӣ, объективӣ (бозорӣ), субъективӣ (давлатӣ), ки бо ташкили занҷири иловагии коркард ҷойҳои нави корӣ ташкил карда мешавад, бояд истифода бурд. Идоракунии бозори меҳнат бо роҳи мустақим ва ғайримустақим ва чораҳои идоракунӣ аз тариқи татбиқи барномаи мусоидат ба шуғли аҳолии аз ҷониби субъектҳои алоҳида ва мақомотҳои давлатӣ амалӣ карда мешаванд [3-М].

2. Дар ҳама кишварҳо, новобаста аз сатҳи рушди иқтисодиёташон, унсурҳои механизми идоракунии бозори меҳнат ҷой дошта метавонанд ва зарурат ба такмилдиҳӣ доранд. Идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон қабул ва истифодаи таҷрибаи хориҷиро оид ба идоракунии бозори меҳнат дар самти васеъ намудани ҷойҳои корӣ бо роҳи пешниҳоди имтиёзҳои андозӣ ба соҳибкорон; додани қарзҳо бо меъёрҳои пасти фоизӣ, озод намудани онҳо аз ҳар гуна санҷишҳо ва пешниҳоди субсидияҳо ба онҳо; рушди шуғли

мустақил ва ё худмашғулӣ; рушди ҳунарҳои мардумӣ ва сайёҳӣ; устуворгардонии санадҳои меъёрию ҳуқуқии танзими бозори меҳнат ва рушди шарикии иҷтимоӣ; рушди сиёсати фаъоли шуғл; ҷорӣ намудани чораҳои пешгирии бекорӣ; баландбардории сатҳи касбияти захираҳои меҳнатӣ; истифодаи афзалиятҳои инноватсионӣ дар идоракунии муносибатҳои меҳнатӣ; роҳандозии андешидани чораҳои сифтан нави ташкилию иқтисодӣ ва ниҳодӣ, ки вобаста ба шароит самаранокии фаъолияти бозори меҳнатро таъмин карда тавонанд, суръат бахшидан ба сармоягузории дохилию хориҷӣ ҷиҳати таъсиси ҷойҳои корӣ муҳим шуморида мешавад [2-М].

3. Омӯзиши ҳолати муосири бозори меҳнати вилояти Хатлон нишон дод, ки ҳоло ҳам шумораи бекорон нисбат ба ташкили таъмини ҷойи кор тамоили бартарӣ дорад. Натиҷаи SWOT–таҳлили гузаронидашуда аз он шаҳодат медиҳад, ки бозори меҳнати вилояти Хатлон зери таъсири манфии таҳдиду хатарҳо қарор дошта, имкониятҳои нисбатан нокифояи рушдро доро мебошад. Рушди нисбатан ноустувори соҳаҳои муҳимми иқтисодиёти вилоят, аз ҷумла соҳаҳои саноат, сохтмон, нақлиёт, молия, тиҷорат ва алоқа ба он оварда расонидааст, ки ҳиссаи маҷмуи маҳсулоти минтақавӣ дар тули солҳои 2018-2024 тамоюли мунтазами мусбат надошта, танҳо ҳудуди 28-31%-и маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷумҳуриро ташкил намудааст. Аммо бозори меҳнати соҳаи аграрӣ нисбат ба соҳаҳои болозикр дар таъмини шуғли аҳолӣ ҳиссаи назаррас дошта, 61-65%-и аҳолии машғули вилоят ба соҳаи мазкур рост меояд. Дар рафти таҳлили PEST–и омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ муайян ва ошкор карда шуданд, ки ба бозори меҳнати вилоят омилҳои сиёсӣ то андозае таъсири мусбат ва омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва технологӣ метавонанд нисбатан таъсири манфӣ расонанд. [2-М, 3-М].

4. Бозори меҳнат, ҳамчун унсури марказии низоми иқтисоди бозорӣ, зери таъсири омилҳои гуногун қарор дорад. Омилҳое, ки ба бозори меҳнати вилояти Хатлон таъсир мерасонанд, метавонанд инҳо бошанд: номувофиқии касбияти захираҳои меҳнатӣ ба талаботи бозори меҳнат; норасоии захираҳои

сармоягузории соҳаҳои иқтисодӣ; ҷой доштани гаронии андозҳо (меъёрҳои баланди андозӣ); меъёрҳои баланди қарзҳои низоми бонкии кишвар; сатҳи баланди нархи молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқа; ҳаҷми нокифояи музди меҳнат (1823,82 сомонӣ дар соли 2024); афзоиши мунтазами сатҳи таваррум ва коҳишёбии даромади ҳақиқии аҳолӣ; алоқаи баръакси баъзе аз нишондиҳандаҳои бозори меҳнати минтақа, аз ҷумла афзоиши шумораи аҳолии қобили меҳнат (1,6%-и солона) ва дар як дараҷа камшавии масоҳати заминҳои кишт дар бозори меҳнати аграрии вилоят; дар сатҳи на он қадар рушди субъектҳои иқтисодии дорои имкониятҳои васеи башуғлфарогирии захираҳои меҳнатии вилоят 3-М, 7-М].

5. Танзими давлатии бозори меҳнат маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодии давлатӣ мебошанд, ки дар самти таъмини баробари талаботу таклифоти қувваи корӣ, танзими муносибатҳои меҳнатӣ ва дар маҷмуъ, бунёди шароити бозтавлиди захираҳои меҳнатии рақобатпазир татбиқ мегарданд. Танзими давлатӣ ба рушди бозори меҳнати вилоят аз тариқи таъмини ҳамоҳангии сиёсати шуғл ва сиёсати иҷтимоию иқтисодӣ мусоидат менамояд. Вобаста ба ин, самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғл тамоми ҷабҳаҳои ҳаёти иҷтимоию иқтисодии бозори меҳнати вилояти Хатлонро бояд фаро гирад. Низоми амалкунандаи танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он бояд амалан унсурҳои калидии зеринро дар бар гирад: шароитҳои башуғлфарогирии шаҳрвандон, ҳамкории иҷтимоӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ, танзими давлатӣ ва чораҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ, кафолатҳои иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ, инчунин ҳамкории соҳаи маориф ва бозори меҳнат [4-М].

6. Низоми дусатҳаи танзими бозори меҳнати вилоят, ки танзими давлатӣ ва худтанзимкуниро дар бар мегирад, дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, чун давлати иҷтимоӣ ва минтақаҳои он, ба ҳайси низоми афзалиятноки муносибатҳои меҳнатӣ дониста мешавад. Инҷо принсипи асосӣ – принсипи рақобатӣ мебошад, ки бар идоракунии босамари бекорӣ асос меёбад.

Унсурҳои механизми комили идоракунии бозори меҳнати вилояти Хатлон, бо назардошти шароити кунунӣ ва дурнамои рушди иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ, фаъолгардонии субъектҳои бозори меҳнат, такмили асосҳои ниҳодии муносибатҳои меҳнатӣ, такмили роҳу усулҳои таъсиррасонӣ ба бозори меҳнат, ташаккул ва рушди шаклҳои нисбатан нави шуғл маҳсуб меёбанд. Афзалияти муносибати субъектҳои бозори меҳнати вилоят дар чорчӯбаи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ дар он ифода меёбад, ки рушди касбият ва шахсияти захираҳои меҳнатӣ, ҳифзи иҷтимоии онҳо, таъмини шуғл, коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ ва афзоиши намудҳои шуғл барои ҳалли мушкилоти бозори меҳнати минтақа мусоидат менамоянд [3-М, 4-М, 9-М].

7. Хусусиятҳои зерини шакли нави муносибатҳои меҳнатӣ муайян ва ошкор гардиданд: сатҳи баланди чандирияти муносибатҳои меҳнатӣ дар натиҷаи истифодаи технологияҳои инноватсионӣ; фардикунонии муносибатҳои меҳнатӣ; аз байн рафтани хусусияти меҳнати анъанавӣ дар натиҷаи ҷаҳонишавии меҳнат ва устувории нақши сифати фардии корманд ва мувофиқати он ба бозори меҳнати муосир. Дар шароити иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ заминаи асосии рушди бозори меҳнати минтақа маҷмуи муносибатҳо оид ба мутобиқгардонии муносибатҳои меҳнатии бозори меҳнати анъанавӣ ба бозори меҳнати муосир мебошанд. Субъектҳои фаъоли бозори меҳнати вилоят аслан соҳаи маориф ва сохторҳои он, ба монанди муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, марказҳои касбомӯзӣ ва марказҳои такмили ихтисос, баромад менамоянд. Субъектҳои зикршуда бо роҳи омодакунии мутахассисони соҳаи IT, ҳамоҳангнамоии донишу малака ва таҷрибаи захираҳои меҳнатӣ ба талаботи иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ ба рушди бозори меҳнати минтақавии инноватсионӣ мусоидат менамоянд. Рушди бозори меҳнати инноватсионӣ аз имкониятҳои молиявӣ вобаста аст, бинобар ин, ҷалби захираҳои сармоягузории дохилию берунӣ ва сафарбар намудани онҳо ба фаъолияти инноватсионии бозори меҳнати вилоят муҳим дониста мешавад [3-М, 5-М, 6-М].

8. Дар шароити вилояти Хатлон фаъолнокии аксарияти воситаҳои инноватсионӣ, ба мисли ҳамкориҳо ба муассисҳои гуногун ва мутобиқ намудани донишу таҷрибаи мутахассисони ҷавон ба бозори меҳнат амри зарурӣ мебошад. Умуман, дар ин шароит зарурияти такмили механизми низоми идоракунии бозори меҳнат ба миён меояд, ки рушди сармояи инсонӣ ҳамчун унсури калидии низоми мазкур баромад мекунад. Марҳилаҳои такмили бозори меҳнати вилояти Хатлон дар низоми индустриалӣ-инноватсионии иқтисодиёт инҳо мебошанд: марҳилаи I. Бунёд ва рушди асосҳои ниҳодӣ ва меъёрии бозори меҳнат дар низоми иқтисодиёти индустриалӣ-инноватсионӣ; марҳилаи II. Бунёди заминаҳо барои селаҳои сармоягузории хусусӣ, яъне бо роҳи амалӣ намудани маблағрасонии давлатӣ рушд додани неруи меҳнатии вилоят ва инкишофи ҷолибияти сармоягузории он; марҳилаи III. Рушди фаъолияти сармоягузории хусусӣ, яъне ҷалби сармоягузориҳои хусусӣ барои рушди бозори меҳнат, таъсири мусбати омилҳо, фаъолияти босамари ниҳодҳои идоракунии он, таъмини рақобатпазирии захираҳои меҳнатии минтақа дар низоми индустриалӣ-инноватсионӣ, рушди соҳибкории хурду миёна аз тариқи дастгирии маъмурию молиявӣ ва мусоидат намудани он ба таъсиси ҷойҳои корӣ [5-М, 7-М, 8-М].

**Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот.**

1. Новобаста ба афзоиши шумораи аҳолӣ (2,2%) ва аҳолии қобили меҳнат (1,6%), дар шаҳру ноҳияҳои вилоят субъекту ташкилотҳои башуғлфарогиранда қаноатбахш набуда, то кунун мушкилоти нокифоягии ҷойҳои корӣ ба чашм мерасад. Дар ҳудуди вилоят аҳолии машғул танҳо 21-24%-и аҳолии синни қобили меҳнатро ташкил менамояд. Бекорӣ дар ҳама категорияҳои синну солии захираҳои меҳнатии минтақа ҷой дошта, сатҳи маълумотнокии аҳолӣ барои коҳишдиҳии шумораи бекорон то андозае мусоидат кардааст. Тибқи омори солҳои охир, бекорони дорои маълумоти миёнаи умумӣ нисбат ба бекорони маълумоти олидошта ба ҳисоби миёна 5,2 маротиба зиёд мебошанд. Хусусан дар шароити рушди иқтисодиёти

индустриалӣ–инноватсионии вилоят, ки мавқеъгирии касбии захираҳои меҳнатӣ дар назар дошта мешавад, нақши касбият барои таъмини шуғл ва коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ муҳим арзёбӣ мегардад. Зарибҳои ҳисобкардашуда, ба монанди тағйироти иқтидорбандӣ, сарбории умумӣ, сарбории нафақавӣ, инчунин зариби шуғл ва бекорӣ, нишон доданд, ки дар вилояти Хатлон имкониятҳои зиёди афзоиши аҳолии дорои синни қобили меҳнат ҷой дорад. Ҳолати мазкур зарурати таъсис ва рушди корхонаю ташкилотҳои дорои имкониятҳои васеи башуғлфарогирии захираҳои меҳнатиро дар вилоят пеш меорад [2-М, 7-М].

